**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 891.550 (092)**
**ТКБ: 83.3 Тоҷ. 2**
**С - 87**

**СУЛТОНМАМАДОВА МАРҲАБО АЙДАРМАМАДОВНА**

# АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ АДАБИЁТИ ТОҶИК ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ КАЛОМИ МАНЗУМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

**Роҳбари илмӣ:** Исрофилниё Ш.Р. - доктори илми филология, профессор

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИЧА


Муқаддима 4

Боби I. Асосҳои назариявӣ ва методии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 16

1.1.Мафҳум, талабот ва хусусиятҳои асосии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик 16

1.2. Таълими интерактивии омӯзиши каломи манзум ва нақши технологияи таълим дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон 31

1.3.Натоиҷи озмоишҳои таълимӣ доир ба таълими каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 38

Хулосаи боби I 51

Боби II. Муносибати босалоҳият ба таълими ашъори ғиноӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 53

2.1.Мушаххасоти таълими пораҳои шеърӣ дар курси хониши эзоҳӣ 53

2.2.Таълими ашъори ғиноӣ дар курси хониши адабӣ дар шароити муносибати босалоҳият 60

2.3.Таълими ашъори ғиноӣ дар курси таърихи адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият 114

Хулосаи боби II 138

Боби III. Муносибати босалоҳият ба таълими осори манзуми ҳамосии дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 140

3.1.Таълими осори манзуми ҳамосӣ дар курси хониши адабӣ вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият 140

3.2.Таълими осори манзуми ҳамосӣ дар курси таърихи адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият 169

Хулосаи боби III 193

Хулосаи умумӣ ва тавсияҳо 194

Рӯйхати адабиёти истифодашуда 199

Феҳристи интишороти довталаби дараҷаи илмӣ 217

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| МБТ | Муносибати босалоҳият ба таълим |
| МБ | Муносибати босалоҳият |
| ВМИ ҶТ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МТМУ | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ |
| МТ | Муассисаҳои таълимӣ |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ПРМ<br>АТТ | Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии<br>Академия таҳсилоти Тоҷикистон |
| ДДОТ | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) таълими фанни адабиёт мақоми хос дошта, барои рушду камолоти маънавии хонандагон, алалхусус дар ташаккули салоҳиятҳои худшиносӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, ифтихороти миллӣ, зебошиносӣ, суханварӣ ва монанди инҳо хидмат мекунад. Дар барномаи таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ каломи манзум мавқеи густарда дорад, достонҳои манзум ва ашъори ғиноии зиёде ҳам аз осори шоирони классик ва ҳам суханварони муосир барои омӯзиш пешниҳод шудаанд. Дар суннати миллии мардуми тоҷик аз даврони бостон то ба имрӯз таълиму тарбияи насли наврас тавассути адабиёт ба роҳ монда шудааст. Адабиёт фанни инсонсоз аст, аз ин рӯ, барои тарбияи инсони бомаърифат ва дорои ифтихороти миллӣ, ки яке аз талаботи замони Истиқлол аст, бояд равишҳои тозаи таълими адабиётро коркард кард. Яке аз масъалаи муҳиме, ки дар таълими адабиёт барои омӯзгорон пеш меояд, донистани шеваи таҳлилу тафсир ва шарҳи каломи бадеъ, алалхусус шеър аст. Агар муаллими адабиёт аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ набошад, наметавонад шогирдонашро ба дарки сухани адиб ҳидоят намояд ва дарсаш низ самараи хуб дода наметавонад. Аз сӯи дигар, тараққиёти илму техника, аз ҷумлаи илми педагогика хеле пеш рафтаву донишмандон равишҳои нав ба нави таълимро пешниҳод намудаанд, методикаи таълими адабиёт низ бояд посухгӯ ба талаботи замон бошад. Вобаста ба ин масъала Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ ҶТ) дар МТМУ муносибати босалоҳият ба таълим (МБТ)-ро ба роҳ монда, ки фанни адабиёт низ дар қатории дигар фанҳои таълимӣ бояд вобаста ба шароити муносибати босалоҳият (МБ) таълим дода шавад. Ҳамаи ин масъалаҳо зарурати таҳқиқи МБ ба таълими адабиётро ба миён овардааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" талаби замон буда, интихоби мавзуъ, ки дорои аҳаммияти назарию амалист, аз ин ҷо сарчашма мегирад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзу**. Перомуни таълими фанни адабиёт дар замони шуравӣ ва даврони Истиқлол методистону адабиётшиносон чандин васоити омӯзишиву дастурҳои таълимӣ ба нашр расондаанд, ки навиштаҳои Х.Мирзозода[50], Н.Маъсумӣ[47], М.Лутфуллозода[45], М.Қозиҷонов [37;38;39; 40; 41], А.Ваҳобов[19], Қ.Хоҷаев[84], Т.Миров[57], Ш.Исломов[182], М.Аҳмадов [10; 11], Н.Раҳматҷонов, Х.Раҳимов[72], Ш.Р.Исрофилниё [29;30;31;32;33;34;35;36], А.Мулло[59] аз он ҷумлаанд. Аммо ҳамаи ин инҳо вобаста ба низоми суннатии таълими адабиёт аст. Дар мавриди методикаи таълими адабиёт вобаста ба муносибати босалоҳият дар таълим мутахассисоне, монанди Қ. Мухторӣ [160], С. Амонӣ [112], Ш.Р.Исрофилниё [149;150;151], З. Бобоева [117;118;119;120;121;122;123;124;125], С.А.Зоиров [132;133;134;135;136; 137;138] мақолаҳои илмӣ-методӣ навиштаанд, ки марбут ба муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт аст. Аз ин миён З.Т. Бобоева рисолае дар мавзуи "Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар муассисасаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" [180] навишта, ки баъзе аз фаслҳои он бевосита ба таълими каломи манзум дар шароити муносибати босалоҳият, аз ҷумла ашъори ғиноӣ ихтисос доранд. Азим Байзоев дар ду китоб "Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳия ба таълим" [13], "Масъалаҳои мубрами ислоҳоти соҳаи маориф" [14] ва мақолаи хеш [115] дар бораи масъалаҳои методикаи таълим, аз ҷумлаи муносибати босалоҳият ба таълим изҳори назар кардааст. Методистони рус низ доир ба муносибати босалоҳият дар таълими адабиёт, назири Е.А.Сердобинцева [192], Г.Л. Лионова [189], А.В. Хуторский [], А.Н. Дахин [127;128;129;130;186], М.В.Дубова [187], И.А. Зимняя [188], Н.Н.Золототрубова [25], Д.А.Иванов, К.Г. Митрофанов, О.В. Соколов [26], И.П.Мединцева [158] ва дигарон изҳори назар кардаанд, ки мавриди зарурӣ аз онҳо истифода кардаем. Аммо дар мавриди МБ дар таълими

каломи манзум вобаста ба зинаҳои омӯзиши адабиёт, хусусан мавзуи “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба сифати мавзуи алоҳида, ки фарогири ҳама масъалаҳои марбут бошад, таҳқиқе сурат нагирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи фанҳои филологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикикистон дар мавзуи “Ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълим” ва мусоидат ба талаботи асосии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №647 ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** аз дидгоҳи назариявӣ асоснок кардан, аз ҷиҳати амалӣ коркард намудан ва аз лиҳози амалӣ дар озмоишҳои педагогӣ санҷидану аз таҷриба гузаронидани таълими каломи манзум вобаста ба талаботи МБ дар МТМУ; татбиқи амалии натоиҷи таълим бо истифода аз технологияи муосири таълим; замина гузаштан дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- таҳқиқи назария ва методикаи технология муосири педагогӣ ва коркарду татбиқи МБ дар таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ;

- омӯзиш муқоисавии МБ дар таълими адабиёт ва методикаи суннатии таълими адабиёт, алалхусус каломи мавзун; таъин намудани хусусятҳои муштарак ва фарқияти онҳо;

- таҳқиқ ва таҳлили муқоисавии барномаву китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, дастуру васоити таълимӣ доир он ва муайян намудани арзишу норасоии онҳо;

- муайян намудани нақши технологияи муосири таълим дар шаклгирӣ ва такомули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон дар раванди омӯзиши каломи манзум дар МТМУ;

- тавъам ба роҳ мондани принсипҳои арзишманди таълими суннатии каломи манзум бо технология интерактивии таълим ва нишон додани нақши онҳо дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон;

- бо такя ба озмоишҳои педагогӣ муайян намудани раванди татбиқи МБ ба таълими адабиёт дар МТМУ ва таъин намудани натиҷаҳои самарабахши онҳо дар мисоли омӯзиши каломи манзум (ашъори ғиноӣ ва осори ҳамосии манзум);

- ташхис ва муайян намудани ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқии матнҳои манзуми адабӣ (дар мисоли рубоӣ, ғазал, достон ва ғайра) ва таъини нақши онҳо дар ташаккулу такомули салоҳиятҳои хонандагон;

- муайян намудани ташаккулу такомули салоҳиятҳо дар хонандагон ҳангоми ташкили хониши мустақилона дар мисоли осори манзуми ҳамосӣ;

- бозёфт ва пешниҳод намудани матнҳои адабӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо вобаста ба талаботи МБ.

**Объекти таҳқиқот:** фаъолияти хонандагону муаллимони МТМУ зимни омӯзиши каломи манзум дар шароити МБТ ва натиҷагирӣ аз ин протсесс дар дарс, хониши мустақилона, корҳои беруназсинфӣ, корҳои гурӯҳӣ ва инфиродии хонандагон ҳангоми омӯзиши каломи манзум; раванди фарогирии омӯзгорони адабиёти тоҷик бо пиринсипҳои МБТ.

**Мавзуи (предмат)-и таҳқиқот:** таҳқиқу татбиқи асосҳои назариявӣ ва амалию методии МБ дар низоми нави таълиму тарбия, ки ҷавобгӯи талаботи замони муосир аст ва корбурди технологияи интерактивии таълим дар мисоли омӯзиши каломи манзум дар МТМУ.

**Фарзияи таҳқиқот**: таълими каломи манзум дар МТМУ дар он сурат самарабахш буда метавонад, агар:

- асосҳои назариявӣ ва методию амалии МБ дар таълими адабиёт дар МТМУ таҳқиқ ва аз озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, принтсип ва хусусиятҳои он мушаххас карда шавад;

- талаботҳои МБ ба таври комил вориди системаи таҳсилот гардида, технологияи интерактивии таълим тавъам бо методҳои самарабахши таълими суннатии адабиёт дар раванди омӯзиши каломи мавзун ба роҳ монда шавад;

- ҳангоми таълими каломи мавзун дар МТМУ муносибати инфиродӣ бо хонандагон ба роҳ монда шуда, дар раванди дарс хонанадамеҳварӣ амалӣ карда шавад;

- дар барнома ва китобҳои дарсии адабиёти ҳамон матнҳои манзуми бадеие бояд интихоб шаванд, ки ба муҳити иҳодакардаи хонандагон созгоранд ва омӯзиши онҳо боиси ташаккули салоҳиятҳо дар хонандагон мегарданд;

- мутуни манзуми адабии интихобшуда барои таълим дар се зинаи омӯзиши адабиёт бояд ба синну соли хонандагон мутобиқат дошта бошад; луғатомӯзӣ аз рукнҳои асосӣ барои дарки матну идеяи шоир ба назар гирифта шуда, боиси ташаккули нутқи шифоҳию хаттӣ хонандагон гардад ва ба шаклгирии салоҳиятҳо замина муҳайё кунанд.

**Марҳалаҳои таҳқиқот**. Таҳқиқот се давраро дар бар мегирад: Дар **давраи якум (2017-2018**), ки давраи ташхисӣ-муқарраркунанда аст, адабиёти илмию методӣ доир ба мавзуи таҳқиқшаванда омӯхта шуда, асосҳои назариявии мавзуъ мушаххас гардиданд. Дар ин давра моҳияти масъала, объект, фан, ҳадафҳо ва фарзияҳои таҳқиқ ташаккул ёфта, вазифаҳои ҷузъии онҳо мушаххас карда шуданд. Барои муайян намудани вазъи татбиқи МБ дар омӯзиши каломи манзум дар байни 34 нафар омӯзгорони №25, №70 ва Литсейи “Раҳнамо” шаҳри Душанбе “Саволнома гузаронида шуд. **Дар давраи дуюм (2018-2019),** ки давраи озмоишӣ-ташкилдиҳанда ва собиткунанда аст, ба коркарди нақшаи

таълимӣ, барнома, китобҳои дарсӣ, дастуру васоиди таълимӣ ва коркарди маводи озмоишӣ бахшида шуд. Дар асоси маводи озмоишӣ ва усули ташкили он дар муассисаҳои таълимии №25 ноҳияи Синои ш.Душанбе, №70 ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва Литсейи “Раҳнамо” шаҳри Душанбе озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуд

**Дар давраи сеюм (2019-2020**), ки давраи ҷамъбасткунанда мебошад, коркард ва мураттаб намудани маълумотҳои аз озмоиш бадастомада, собит намудани фарзияҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳои асосие, ки дар раванди озмоиш татбиқ карда шуданд, бахшида шудааст. Дар охири ин давра диссертатсия ва автореферат омода карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро методологии таҳқиқ ба усули методикаи таълими замонавӣ ва шеваи таърихии таҳлили муқоисавӣ анҷом гирифтааст. Илова бар ин, ҳинни баррасии мавзуъ аз шеваи илмӣ ва навиштаҳои назариявию амалии донишмандони соҳаи методикаи таълим ва адабиётшиносӣ, монанди М.Қозиҷонов, А.Ваҳҳобов, Н.Маъсумӣ, Х.Мирзозода, М.Лутфуллозода, Ш.Исломов, Қ.Хоҷаев, М.Аҳмадов, Т.Миров, С.Шербоев, С.Аминов, Ф.Шарифзода, А.В.Текучев, О.Е.Лебедев, А.Н.Дахин, Н.Н.Золототрубова, Г.Холматова, М.Маҳкамов, А.Муллоев, Ҳ.Саидов, Қ.Мухторӣ, Ш.Р.Исрофилниё, С.А. Зоиров, З.Т. Бобоева ва дигарон ба кор гирифта шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Назария ва амалияи раванди умумипедагогӣ, психологӣ, адабиётшиносӣ, ки истилоҳоти “методика”, “технологияи таълим”, “муносибати босалоҳият”, “методҳои интерактивӣ” ва ғайра ба ҳайси объекти фаъолияти муаллиму хонанда вобаста ба МБТ ҳангоми таълими каломи манзум асосҳои умумии методологияи таҳқиқро ташкил медиҳад. Илова бар ин, Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ, ки дар он татбиқи МБ дар таҳсилот мақсади асосӣ дониста шудааст. Ҳангоми иншои диссертатсия истифодаи технологияи замонавии таълим, алалхусус методҳои интерактивии таълим, муқоиса, мубоҳиса, эвристикӣ, репродуктивӣ, тадқиқотӣ ва

ғайра, ки дар ташаккули салоҳиятҳо замина муҳайё мукунанд, бо такя ба озмоишҳо шарҳу тавзеҳ шуда, аз ашъори шоирон мисолҳо оварда шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ ашъори шоироне, ки дар барномаи таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ пешниҳод шудаанд, китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёти тоҷик ва дигар дустури васоити таълим перомуни адабиёти тоҷик ба сифати сарчашма истифода шудаанд. Ҳамчунин асарҳои педагогӣ, фалсафӣ, психологӣ доир ба масъалаҳои таҳқиқшаванда; китобу мақола ва диссертатсияҳои муҳаққиқоне, ки таҳқиқоташон ба соҳаи методика алоқамандии педагогика ва психологияро дар бар мегирад, ба ҳайси манбаъ истифода шудаанд. Илова бар ин, барои таҳқиқи МБ ба таълими каломи манзум аз китобу мақолоти илмию методиии донишмандони тоҷику рус ба ҳайси манбаи таҳқиқ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот**. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии унвонҷӯ ба объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ доир ба мавзуъ, таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ, таҷрибаву озмоишҳои педагогии муқарраркуниву таълимӣ-методӣ барои таъин  намудани дақиқии фарзияҳои таҳқиқот, мазмуни таҳсилот, вазъи таълим ва сатҳи дониши хонандагон, ки дар доираи методи омории таҳқиқот ҷамъбаст гардидааст. Инчунин методҳои гуногуни таълим, аз ҷумла усулҳои мушоҳида, таҳлил ва анкета бо мақсади ба даст овардани хулосаи даркорӣ аз фаъолияти касбии омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик дар иртибот ба ҷанбаҳои амалии МБТ-и каломи манзум дар МТМУ, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти оморӣ ва коркарди оқилонаи онҳо ва арзёбии муқоисавии натиҷаионҳо бавуҷуд омадаанд, ташкил медиҳад.

**Пойгоҳи таҳқиқот**: Заминаҳои асосии озмоиши тадқиқот Литсейи “Раҳнамо” ва МТМУ, ки аз ҷумлаи мактабҳои озмоиши (пилоти)-и ПРМ

АТТ ва мактабҳои базавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ (МТМУ №7, 25 ва 70 ш.Душанбе) ҳастанд, қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст дар илми педагогикаи тоҷик методикаи таълими каломи манзум дар шароити МБТ дар МТМУ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ гузаронида шуда, методҳои тадриси ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳо замина мегузоранд, дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо мисолҳо ва далелҳои илмию методӣ собит шудааст, аз он ҷумла, асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии МБ дар таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ таҳқиқ шуда, хусусиятҳои муштарак ва фарқи МБ дар таълими адабиёт аз омӯзиши суннатии каломи манзум муайян карда шудаанд; МБ ҳангоми таълими каломи манзум дар се зинаи омӯзиши адабиёт бо истифодаи аз технологияи интерактивӣ ироа шудааст, ки омӯзгорон метавонанд дар таълими ашъори шоирон ба сифати модули таълимӣ истифода баранд. Иштибоҳ ва номувофиқатии барномаву китобҳои дарсӣ ба синну соли хонандагон дар интихоб ва шарҳи ашъори ғиноӣ муайян ва бо мадракҳои илмию методӣ нишон дода шуда, намунаҳои ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ барои се зинаи таҳсилот пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои методии МБ ба таълими адабиёт таҳқиқ шуда, принсип ва хусусиятҳои асосии таълими адабиёти тоҷик, аз ҷумла каломи манзум дар шароити МБ муайян шудааст.

2. Методикаи таълими каломи манзум, аз ҷумла шеваи шарҳу тафсири ашъори ғиноӣ вобаста ба талаботи МБ бо истифода аз методҳои интерактивии таълим, ки дар ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунанд, дар се зинаи омӯзиши адабиёти тоҷик дар МТМУ бо такя ба озмоишҳои педагогӣ таҳқиқ шудааст.

3. Натоиҷи озмоишҳои педагогӣ дар мавриди таълими каломи манзум дар МТМУ, ки барои исбот намудани фарзияҳои таҳқиқот гузаронида шуда буд, натиҷагирӣ ва ҷамъбаст шуда, самаранокии

таълими ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ вобаста ба талаботи МБТ дар қиёси синфҳои контролӣ ва озмоишӣ собит шуда, ба шакли омор манзур шудааст.

4. Исбот шуда, ки истифода технологияи интерактив ҳангоми таълими каломи манзум дар МТМУ дар шароити МБ ба ташаккули салоҳиятҳо мусоидат менамоянд ва самараи бештар медиҳад. Луғатомӯзӣ, ки ҷавҳари асосӣ дар дарки ашъори ғиноӣ ва осори манзуми ҳамосӣ ба назар гирифта шуда, собит гардидааст, ки хонандагон бо воситаи ин усул ва тавъам бо усулҳои дигари интерактивӣ (монанди лоиҳасозӣ) аз нақши хонанда ба нақши муҳаққиқ, шореҳ, мураттиб, муаллим ва ғайра убур намуда, ба салоҳиятҳои гуногун, аз ҷумла салоҳияти иҷтимоишавӣ, кор карда тавонистан бо сарчашмаҳои иттилоотӣ, салоҳияти коммуникативӣ, салоҳияти маърифатӣ-ахлоқӣ ва дигар салоҳиятҳо ноил мегарданд.

5. Методикаи тадриси каломи манзум аз нигоҳи нав ва муносибати тоза, бо истифодаи технологияи муосири таълими интерактивӣ ва бо дарназардошти талаботи муассири таълими суннатии осори манзуми бадеӣ дар се зинаи омӯзиши адабиёт ва ҳамгиро намудани онҳо бо фаъолияти хонандаву омӯзгор дар мавқеъ ва лаҳзаҳои муайяни раванди дарс пешниҳод шудааст. Аз ҷумла:

а) Махсусияти таълими шеър дар курси хониши эзоҳӣ бо назардошти синну соли хонандагон коркард шуда, усулҳои сода ва самарабахши онҳо, ки ба шаклгирии салоҳиятҳо замина мегузорад, пешниҳод шудааст.

б) Усули интихоби матни шеър дар курси хониши адабӣ ва шеваи тадриси он бо истифода аз технологияи интерактивӣ вобаста ба шароити МБТ ва роҳҳои дастёбии хонандагон ба салоҳиятҳо мушаххас гардидааст.

в) Шеваи интихоби матн аз ашъори шоироне, ки дар барнома пешбинӣ шудаанд, методикаи таълими онҳо бо назардошти талаботи МБ ва ба назар гирифтани усулҳои муассири таълими суннатии шеър бо

корбурди технологияи интерактивӣ таҳқиқ ва аз озмоиш гузаронида шуда, пешниҳод шудааст.

г) Шеваи таълими осори манзуми ҳамосӣ дар курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт вобаста ба талаботьи МБ ва бо истифодаи технологияи интерактивӣ дар мисоли ҳикоятҳои манзум аз “Хамса”-и Низомӣ ва достонҳо аз “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ таҳқиқ шуда, роҳҳои дастёбии хонандагон ба салоҳиятҳо муайян шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Хулосаҳои бадастомада аз таҳқиқотро метавон дар таҳияи стандарт, барномаи таълимӣ, китобҳои дарсӣ доир ба методикаи таълими адабиёти тоҷик, дастуру васоиди таълимӣ доир ба методикаи таълими тоҷик дар шароити МБ, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон, хондани лексияҳо, ҳамчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз методикаи таълими адабиёти тоҷик истифода бурд. Диссертатсия барои татбиқи МБ дар таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ аз чанд ҷиҳат муфид буда метавонад: Омӯзгорони МТМУ ҳангоми таълими фанни «Адабиёти тоҷик», муаллимони омӯзишгоҳҳои педагогӣ ва устодони факултаҳои филологии донишкадаву донишгоҳҳо ҳангоми тадриси фанни “Методикаи таълими адабиёти тоҷик” ва донишҷӯёни ихтисоси омӯзгорӣ ҳангоми таҷрибаомӯзӣ онро метавонанд ба ҳайси васоиди таълимӣ ба кор баранд. Илова бар ин, тавсияҳои илмию методии диссертатсияро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Хулосаҳои бадастомадаро усулҳои мухталифи таълим, алалхусус методҳои интерактивии ба мақсад, объект, мавзуъ ва аҳдофи таҳқиқ мувофиқ буда ва ғайра таъмин кардаанд. Саҳеҳияти натоиҷи таҳқиқ ва хулосаҳои асосии дар диссертатсия бадастомада бо истифодаи методологӣ ҳангоми асосноккунии мавқеъҳои назариявӣ, мушоҳидаҳо ва таҷрибаи шахсии кори муаллиф дар МТМУ ва натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ тасдиқ мегардад. Кофӣ будани таҷрибаву озмоишҳо, татбиқи методу усулҳои

гуногун нисбат ба мавзуи таҳқиқ барои раванди таҳқиқ, ҷиҳати оморӣ доштани натиҷаҳои таҷрибавӣ бо дарназардошти таҳияи миқдорию сифатии онҳо, ба ҳайси объекти таҳқиқ хонандагони МТМУ интихоб шудаанд. МБ дар таълими каломи манзум дар як литсей ва ду МТМУ гузаронида шуд. Дар марҳалаҳои таҳқиқ аз муассисаҳои таълимӣ беш аз 200 хонанда ва 50 омӯзгор иштирок намуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дисертатсия ба ихтисоси илмии 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳама марҳалаҳои таҳқиқот, алалхусус дар таҳқиқу пажӯҳиш ва ташкилу гузаронидани таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ бевосита иштирок намуда, натиҷаҳои аз таҷрибаву озмоишҳои ҳосилшударо дар амал татбиқ намудааст. Ҳамчунин, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки доир ба ҳар як масоили мавзуи таҳқиқ нақшаи ташаккули салоҳиятҳоро вобаста ба синну соли хонандагон ва зинаҳои омӯзиш тартиб дода, аз озмоиш гузаронида, натиҷаҳои онҳоро дар шакли мақолаи методӣ ба нашр расонидааст.

**Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар ҳамаи марҳалаҳои пажуҳиш сурат гирифта, ки дар чунин шаклҳо дар амал татбиқ шудаанд:

- гузориш дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Муносибати босалоҳият ба таълим ва мушкилоти татбиқи он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (25.12.2021 ДДОТ ба номи С.Айнӣ), конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим” (27.12.2022 ДДОТ ба номи С.Айнӣ), Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Татқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир” (ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ, 29.04.2021);

- суханронӣ дар семинарҳои машваратӣ ва мизҳои мудаввар, ки дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф (солҳои 2017-2023) баргузор шудааст;

- муҳтавои асосии пажӯҳиш дар шурои методии шуъбаи илм ва инноватсия ва шурои илмии ПРМ АТТ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи дессертатсия.** Ҷанбаҳои муҳимми тадқиқот ва моҳияту мундариҷаи он дар 12 мақолаи илмӣ ва методӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷалаҳои шомил ба рӯйхати КОА назди Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду дастури таълимии ба табъ расидаи муаллиф дарҷ гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**: Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳои марбут ба мавзуанд, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия аз 219 саҳифаи компюторӣ иборат аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 195 номгӯйро ташкил додааст.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМИ АДАБИЁТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 1.1. Мафҳум, талабот ва хусусиятҳои асосии муносибати босалоҳият дар таълими адабиёти тоҷик

Дар сиёсати Ҳукумати ҶТ маориф аз самтҳои афзалиятнок ва амниятии кишвар эътироф гардидааст. Бинобар ин, ВМИ ҶТ дар партави Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти соҳаи маорифро ҳамасола вобаста ба талаботи ҷаҳони муосир собитқадамона ба роҳ монда истодааст. Таъмини сифати баланди таълим ва тарбияи ҷавонони дорои дониш, истеъдод ва маҳоратҳои касбӣ дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ аз муҳимтарин масъалаҳоест, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз аҳли маориф талаб мекунад. Аз ин рӯ, масъалаи баланд бардоштани сифати таълим аз муҳимтарин мушкилоти соҳаи маориф ба шумор меравад ва саъю талоши ВМИ ҶТ низ бештар ба ҳалли ҳамин масъала равона гардидааст.

Дар соҳаи маорифи замони муосир МБТ ҷойгоҳи хос пайдо намудааст, ки дар МТМУ кишвари мо низ ба роҳ монда шудааст. Мафҳуми “салоҳият” ва “босалоҳият” аз мафоҳими серистеъмол буда, дар соҳаҳои гуногун ба маънои мухталиф ба кор меравад. Чун дар кори мо мафҳумҳои “салоҳият” ва “босалоҳият” ба мақсади ифодаи истилоҳи соҳаи маориф зиёд ёд мешавад, равшанӣ андохтан ба маънои луғавию истилоҳии он ва назаре ба таърихи татбиқи он дар маорифи кишварҳои олам мувофиқи мақсад аст.

Методисти тоҷик Ш. Исломов таъкид мекунад, ки «муҳаққиқон пайдоиши ин раванд (МБ)-ро ба асри XVI мансуб медонанд” ва “ташаккул ёфтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ минбаъд зарурати чунин равандро ба миён овард” [140]. Ба таъкиди мутахассисон, МБТ аз назарияи таълим (таксономия)-и донишманди амрикоӣ Блум

Бенҷамин Сэмюэл сарчашма мегирад. Блум Бенҷамин Сэмюэл равоншинос, педагог ва профессори донишгоҳи Чикаго, таксономияи дараҷаи асосии мақсадҳои педагогиро дар соҳаи маърифат ва эҳсосот тартиб дода, системаи нишондиҳандаҳои натиҷаи таълимро таҳия намудааст. Ба андешаи Б.С. Блум, ҳадафии асосии таълим дар он аст, ки бояд малакаю маҳорати фикррони эҷодкорона, ҳал карда тавонистани мушкилот ва қабул кардани қарорҳои ҳадафмандонаи хонандагон ташаккулу такомул дода шавад. Ба таъкиди Блум, омӯзгор бояд ба тафаккури амиқ ва мураккаби хонандагон диққати бештар диҳад ва онро ба низом дарорад, ба ин васила метавон ба мақсадҳои асосии таълим ноил гардид. "Блум китоби «Таксономияи мақсадҳои таълим» таҳия намуда, дар он тафаккурро ба 6 дараҷаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ ҷудо мекунад:

1. Дар хотир гирифтан;
2. Фаҳмидан;
3. Истифода бурдан;
4. Таҳлил кардан;
5. Арзёбӣ кардан;
6. Эҷод кардан" [148,20]

Ба таъкиди ин донишманди амрикоӣ, ин шаш дараҷаи ташаккули қобилияти маърифатӣ бо ҳам муносибати мутақобила дошта, яке барои дигарӣ ба сифати замина хизмат мекунад. Ҳар як дараҷа ё худ зина ҳадафи дидактикии муайян дошта, бо воситаи амалҳои гуногуни таълим аз худ карда мешавад. Таҳлилу арзёбӣ ва эҷод низ дар заминаи дараҷаҳои аввал амалӣ карда мешаванд. Мутахассисон, дар заминаи ташаккули қобилиятҳои маърифатии пешниҳод намудаи Б.С. Блум ҳар як дараҷаро чунин тафсир кардаанд:

"***Дар хотир гирифтан.*** Дар ин зина хонанда маълумоти омӯхтаашро ба хотир меорад, аз нав изҳор/барқарор мекунад ва дар хотир нигаҳ медорад.

***Фаҳмидан.*** Хонанда мазмуну маънои маълумотро тавассути тафсири маълумот аз худ мекунад.

***Истифода намудан.*** Хонанда маълумот/донишро дар шароиту вазъияти дигар истифода мекунад.

***Таҳлил кардан.*** Хонанда маълумоти омӯхтаашро ба қисмҳо ҷудо мекунад, то онро хубтар фаҳмад.

***Баҳо додан.*** Хонанда дар асоси мулоҳизаҳои амиқ, интиқод ва ташхис ба қароре меояд.

***Эҷод кардан.*** Хонанда бо истифода аз чизҳои пештар омӯхтааш ақидаҳо ва маълумоти нав эҷод мекунад» [48,20].

Ҳар як дараҷа ва ё худ зинаи маърифатӣ, ки дар таксономияи мақсади таълими Б.С.Блум омадааст, дигарон ба навъи дигар такрор кардаанд ва баъзе мухтасар намудаанд, ки як андоза раванди ташаккулу таҳаввули МБТ нишон медиҳад. Дар собиқ СССР, алалхусус дар Русия, бино ба гуфтаи  мутахассисон, таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур асосан аз солҳои 70 асри гузашта шуруъ шудааст. Дар ҶТ таваҷҷуҳ ба МБТ асосан аз соли хониши 2016-2017 шуруъ шуд, ки Бобоева З.Т. дар рисолаи номзадии худ маълумоти муфассал дода, ихтилофи назарҳо, норасоию камбудиҳо дар мавриди МБ ошкор намудааст [180, С.58]. Номбурда дар баробари ошкор намудани камбуду норасоиҳои татбиқи МБ, пешниҳодҳо ироа намудааст, ки қобили таваҷҷуҳанд. Аз ҷумла таъкид мекунад, ки “дар модулҳо ва аксари мақолаву дастурҳои методӣ «низоми таълими босалоҳият»-ро болои консепсияи дониш, малака ва маҳорат (ДММ) гузоштаанд, ки он хилофи МБТ аст. Дар ҳамаи давлатҳои мутараққии дунё (ба ҷуз давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ) низоми таҳсилот болои консепсияи KSA: knowlls, skills, abilies (ДТҚ-дониш таҷриба, қобилият) истодааст ва донишомӯзию таҷриба рукнҳои баробарвазн ҳисобида мешавад. Яъне, хонанда соҳиби донишҳое гардад, ки дар таҷриба ва зиндагияш истифода карда тавонад. Дар Нақшаи Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ низ ин талаботи асосӣ аст” [180,14].

Бояд зикр кард, ки таъбири “салоҳият” ва “босалоҳият”-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои *компетенция* ва *компетентность*, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба забони русӣ иқтибос шудаанд, ба кор мебаранд [14,23] Мафҳуми “салоҳият”-ро муаллифони “Фарҳанги забони тоҷикӣ” – шоистагӣ, қобилият, лаёқат тафсир додаанд” [106, С. 952]. Ҳасан Анварӣ дар “Фарҳанги бузурги сухан” ин мафҳумро чунин шарҳ додааст: “Салоҳият: 1. Шоистагӣ ва тавоноӣ барои анҷом додани коре; сазоворӣ; муносиб будан. 2. Доштани ихтиёри қонунӣ барои анҷоми бархе умур (ҳуқуқ)” [96; С. 654]. Бино ба таъкиди муаллифони дастури “Низоми таълими салоҳиятнокӣ”, дар “Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот” мафҳуми салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст: 1.Қобилияти ягон корро (амалро) хуб ва самаранок иҷро кардан. 2.Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан. 3.Қобилияти иҷрои вазифаҳои “махсуси меҳнатӣ” [65, С. 36]. Дар стандартҳои фаннии таҳсилот мафҳуми “салоҳият” чунин шарҳ дода шудааст: “**Салоҳият-** маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд” [5, 23]. Баъзе мутахассисони соҳаи методика мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳоратро чун муродиф истифода бурдаанд. Академикҳо Муҳамадулло Лутфуллозода ва Ғуломқодир Бобизода дар китоби “Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо” батафсил маълумот додаанд ва мо комилан бо онҳо ҳамфикрем [42].

Бино ба таъкиди мутахассисон дар МБТ диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ, воқеӣ, функсионалӣ) равона мешавад. МБТ ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?” “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб медиҳад. Донистан ё дониш дар МБ ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан, бо намуна муқоиса кардан ваислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад [60,19]. Аз шарҳи мутахассисон бармеояд, ки “салоҳият”-ро

таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи азхуд кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад. Босалоҳиятӣ натиҷаи амалии дониш, малака ва маҳорат аст. Ба тариқи намуна, ҷадвали муқоисавии натиҷаҳои таълим аз фанни адабиётро меорем.

| **Дар таълими суннатӣ** | **Дар муносибати босалоҳият** |
|---|---|
| Хонанда дар бораи жанри ғазал маълумоти кофӣ дорад, ғазалро аз дигар намуди шеър фарқ мекунад, сохтори дохилии ғазалро дар муқоиса бо дигар жанри ғиноӣ мушаххас карда метавонад.<br>Хонанда аз матни ғазал калимаҳои душворфаҳмро шарҳ дода метавонад.<br>Хонанда байтҳои ғазалро шарҳ дода метавонад. | Хонанда доир ба ғазали мавриди таҳлил андешаи худро дорад. Сохтори дохилии ғазалро дар муқоиса бо дигар жанри ғиноӣ мушаххас карда метавонад.<br>Хонанда ақидаи худ ва дигаронро барои ифодаи мақсадҳои гуногун тавассути матнҳои ҳаҷман калони сохторашон гуногун баён карда метавонад. |
| Матни ғазалро равону бурро ва бо овози баланд мехонад.<br>Шеърро бурро ва ифоданок мехонад.<br>Мазмуни матни хондаашро нақл мекунад.<br>Ба саволҳои матн ҷавоб гуфта метавонад. | Унсурҳои гуногуни матни бадеиро мешиносад ва дар гузоришаш истифода карда метавонад.<br>Навъҳои гуногуни хонишро истифода бурда, матни ғазалро дуруст ва бехато қироат мекунад.<br>Барои дарки мазмуни матнҳои гуногун усули баланди фикрронирο истифода мебарад.<br>Матнҳои гуногунро аз сарчашмаҳо мехонад ва доир ба мавзуи мушаххас эссе менависад. |

| | |
|---|---|
| Дар бораи вазну қофия маълумот дорад ва қофияву радифро ташхис дода метавонад. | Вазну қофия, радиф ва ҳарфи равии дилхоҳ шеъри пешниҳодшударо таъйин менамояд |
| Доир ба мавзуи ғазал ва дигар мавзуъҳои марбут ба он иттилоъ дорад нақл мекунад. | Қоидаҳои мушаххаси шунидани матни бадеиро дар вазъиятҳои гуногун риоя карда, дигаронро ба риояи ин қоидаҳо даъват менамояд. |
| Дар мавзуи мушаххас муколама тартиб медиҳад. | Мазмун ва мақсади асосии матни бадеиро бо навъҳои маъмули нутқи шифоҳӣ ба синну сол мувофиқро муайян, таҳлил ва арзёбӣ мекунад.<br>Доир ба матни бадеии мавриди таҳлил саволҳои гуногун медиҳад.<br>Фикру мулоҳизаҳои мураккабтарро бо мақсадҳои зиёд дар шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ баён мекунад. |

Чуноне аз ҷадвал бармеояд, унсурҳои МБ, махсусан зинаи дониш (донистан) дар таълими суннатӣ (ба дониш асосёфта) вуҷуд доранд. Фарқ дар он аст, ки дар МБ дониш, малака ва маҳорат тавъам нишон дода мешаванд. Яъне, дар шакли ниҳоӣ ва амалии дониш, малака ва маҳорат (салоҳиятҳо) дарҷ меёбанд. Ҳарчанд дар таълими анъанавии ба дониш асосёфта, тартиби мантиқӣ, пайдарҳамии мавзуъҳо дуруст пешниҳод шуда бошанд ҳам, раванд ва натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурд ва дар доираи вақт маҳдуд инъикос меёбанд. Дар МБТ қолаби

ниҳоӣ (натиҷаи ниҳоӣ) дар шакли том нишон дода мешавад, ки он ҳам ҷиҳати амалии дониш, малака ва маҳорат мебошад.

Чунонки зикр намудем, МБТ собиқаи дерина дорад. Бино ба таъкиди мутахассисон, баробари пайдоиши назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омадааст. Дар бораи камбудҳо ва ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани таълими анъанавӣ олимону педагогҳо изҳори назар кардаанд. Аз ҷумла, Р. Аткинсон менависад: “Дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолии хонандагон таъсири кам дорад. Илова бар ин миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии он зиёд мебошад”. Вербитский мегӯяд: “Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне ахбор, маълумоти омӯхташаванда ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Хонандагон намедонанд, ки <u>барои чӣ, кай</u> ва <u>дар куҷо</u> ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, дар хонандагон имконияти таҳлилу баррасии масъалаҳоро фароҳам оварда наметавонанд” [61,С. 72].

Тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, “Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоилоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъмин намояд” [4,7]. Мутахассисони соҳа муайян кардаанд, ки зарурати ислоҳоти соҳаи маориф бо назардошти талаботи МБТ вобаста ба силсилаи омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот аст, аз ҷумла:

- МБТ тамоюли муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа талаботи шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад. Талаботи нав барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро ба вуҷуд меорад, ки онро дар сатҳи ҷумҳурӣ бояд татбиқ намуд;

- муносибати босалоҳият ба таълим дар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа: “Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020”, “Стандарти давлатии таҳсилот” ва “Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ” ворид гардида, давра ба давра татбиқ карда, мешавад. Мураттибони модули “Муносибатҳои салоҳиятнокӣ ба таълим” менависанд: “Салоҳиятро таълим намедиҳанд, салоҳият дар натиҷаи аз худ кардани дониш, малака ва маҳоратҳо ташаккул меёбад” [61, 11]. Академикҳо М.Лутфуллозода ва Ғ.Бобизода мафҳуми фавқуззикрро иштибоҳ медонанд. Ба гуфтаи эшон, ҳамаи онҳое, ки “салоҳиятро таълим намедиҳанд” мегӯянд, мафҳуму моҳияти салоҳиятро як тарафа мефаҳманд. Салоҳиятҳо доираи васеи зиндагиро фаро мегиранд, ки ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: а) салоҳиятҳои таълимӣ; б) салоҳиятҳои ғайритаълимӣ. Салоҳиятҳои таълимӣ дар стандарту барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ ва дигар воситаҳои таълим ифода меёбанд. Ба монанди коммуникативӣ, мустақилӣ, ахборӣ, интиқодӣ, таҳқиқотӣ, эҷодӣ ва ғайра. Гурӯҳи салоҳиятҳои ғайритаълимӣ қариб беохир аст, ки онҳо таҷассумгари ҳаёт ва зиндагианд [42,50]. Яке аз вазифаҳои муҳими фанни адабиёт дар замири шогирдон тарбият ва ташаккул додани салоҳиятҳои хештаншиносӣ, ватандӯстӣ, ваҳдат, ифтихори миллӣ, тафаккури миллӣ, хулосабарорӣ, мустақилӣ, суханварӣ ва монанди инҳо мебошад. Ҳамаи ин салоҳиятҳо бояд мавриди таваҷҷуҳ ва зери назари омӯзгори фанни адабиёт бошанд.

Аз салоҳиятҳои дигари муҳим ва асосӣ ҳангоми дарси адабиёт ташаккули амалҳои мустақилият дар талабагон мебошад. Мустақилияту кори мустақилона, бино ба андешаи М.Лутфуллозода, на танҳо тарзи таълим, инчунин роҳи донишандӯзист. Муносибати мазкур талаб мекунад, ки аввал салоҳиятҳои умумифанӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифанӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди фардии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур, ба гуфтаи муҳаққиқони соҳа, дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида мешавад ва новобаста аз фан ташаккул дода мешавад. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълим шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд.

Дар стандарт ва роҳнамоҳои фаннӣ барои ҳар як фан маҷмуи талабот дар шакли салоҳият муқаррар шудааст. Ҳар як салоҳият дар шакли таҷриба, ки дониш, малака ва маҳорати муайянро талаб мекунад, пешниҳод гардидааст.” Асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад, яъне хонанда то кадом андоза ин ё он амалро дуруст иҷро карда метавонад. Дар раванди таълим ба хонанда имконияти таҷриба кардан фароҳам оварда мешавад ва ин равандро муносибати босалоҳият дар таълим менаманд” [60,24].

Аз навиштаҳои муҳаққиқони соҳа бармеояд, ки дар МБТ ҳар як фанни таълимӣ барои инкишофи гурӯҳи муайяни салоҳиятҳо равона аст. Вазифаи фанни таълимӣ дар баробари инкишоф ва рушди системаи донишу малакаву маҳорати фаннӣ инчунин ташаккул додани малакаву маҳоратҳои умумифаннӣ, байнифаннӣ низ мебошад. Масалан, ҳангоми таълими мавзуи мушаххас аз фанни адабиёт омӯзгор дар хонандагон малакаҳоеро бояд инкишоф диҳад, ки ба масъалаҳои одоби муошират, муносибат, инсондӯстӣ ё тарзи рафтор дар ҳолатҳои ҷудогонаи зиндагӣ ва фаъолият равона карда шудаанд:




Дар ташаккули салоҳиятҳои хонанда дар МБТ ин масъалаҳо мақоми махсусро касб мекунанд. Дар ҳар як фан инкишофи гурӯҳи салоҳиятҳо дар назар дошта мешаванд: салоҳиятҳои хусусии фаннӣ, салоҳиятҳои умумифаннӣ (робитаи фанҳои ба ҳам наздик), салоҳиятҳои болоифаннӣ. Дар баъзе модулу дастурҳо доир ба МБТ силсилаи чунин салоҳиятҳо бо ҷузъиёти дигарашон низ нишон дода шудааст, масалан, дар баробари ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ муҳаққиқон ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ, салоҳиятҳои фарҳангӣ ва монанди инҳоро ҷудо мекунанд. Мутахассисони соҳа намунаи салоҳиятҳои умумифаннии зерро пешниҳод кардаанд: Салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳлилӣ, салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодӣ, салоҳиятҳои маърифатӣ-таҳқиқӣ, салоҳиятҳои худшиносӣ ва мустақилият ва амсоли инҳо. Ва аз сӯйи дигар, хусусият ва моҳияти ҳар яки ин салоҳиятҳоро муқаррар кардаанд.

Баррасии андешаҳои мутахассисони соҳа доир ба салоҳияти умумифаннӣ ба предмети адабиёт низ алоқаманд аст ва салоҳиятҳое, ки аз омӯзиши фанни “Адабиёти тоҷик” ба даст меоянд ба қарори зайланд:

- *Нақшаи ташаккули салоҳиятҳо аз фанни адабиёт низ аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд.*

Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан, раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба

нақша гиранд. Ин муносибати зинавии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) муаррифӣ шудаанд, дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) такмил дода мешаванд. Вобаста ба ҳар як синф талабот ба ташакукли салоҳиятҳо мураккабтар мегардад.

- *Ҳар як дарс мувофиқи самтҳои асосии мавзуъ гурӯҳбандӣ мешавад.*

Аз ин рӯ, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо ба тартиби маводи китоби дарсӣ бояд мувофиқат кунад. Ҳангоми таълими мавзуи муайян, пеш аз ҳама, ба китоб дарсӣ такя карда мешавад, аммо ба он маҳдуд намешаванд

- *Дониши андӯхтаи хонандагон хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешавад ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегардад.*

Омӯзгор дар таҳияи салоҳиятҳо усули гуногунро истифода мекунад. Ин амал ба хонандагон имконият фароҳам меовард, то ба салоҳиятҳои мушаххас даст ёбанд. Ҳамин тавр, омӯзгор аз як синф ба синфи дигар ба хонанда имконияти бештар барои ташаккули салоҳиятҳо медиҳад ва ба ин минвол хонанда дараҷа ба дараҷа салоҳиятҳоро дар худ ташаккул медиҳад.

Аз муҳокима ва баррасии андешаҳои мутахассисон бармеояд, ки дар МБТ раванди ташаккули салоҳиятҳо вақт ва муносибати мураккабро талаб мекунад. Дар муқоиса бо низоми таълими анъанавии адабиёт, ки ба дониш асос ёфтааст, хусусияти тазаккурӣ дорад, МБТ иҷрои амалҳои дараҷаҳои гуногуни мураккаб ва давомнокии мухталифдоштаро талаб мекунад. Масалан, барои ташаккули салоҳияти “Хонанда андеша (ақида)-ҳои худро доир ба матни адабии пешниҳодшуда мустақилона баён мекунад ва дар корҳои эҷодияш (нақли хаттӣ, иншо, эссе) истифода мебарад” [60, 23] хонанда бояд оид ба сохтори матни бадеӣ (маслан, рубоӣ, ғазал қитъа, қасида), имлои забони тоҷикӣ, услубҳои нутқ дониши мукаммал дошта, тарзи баёни ақидаи

худро дар сохтори муайян тамрин кунад, мустақилона нависад, матни таҳиянамудаашро арзёбӣ кунад ва таҳриру такмил диҳад. Мутахассисон суол мегузоранд, ки “Оё ин салоҳиятро дар ду-се соати дарсӣ ташаккул додан мумкин аст? Оё ин салоҳиятро ҳамаи хонандагони синф дар як вақт аз худ мекунанд”? Мутахассисон собит намудаанд ва мо низ ҳангоми таҳқиқ ва озмоишҳои педагогӣ ба чунин хулоса омадем, ки “дар дарсҳои адабиёт вобаста ба принсипҳои МБТ дар курси хониши эзоҳӣ барои шаклгирии салоҳиятҳо дар хонандагон замина гузошта мешавад ва дар курси хониши адабию курси таърихи адабиёт ин салоҳиятҳо ташаккулу такомул меёбанд” [180,14].

Ҳангоми татбиқи МБТ дар таълими адабиёт барои даст ёфтани хонандагон ба салоҳиятҳои таъиншуда омӯзгор аз методҳои гуногун ба таври ҳамгиро истифода мекунад. Аз гуфтаҳои мутахассисони соҳа бармеояд, ки дар МБТ нахуст, намунаи натиҷаи таълим (малака) таҳлилу баррасӣ мешавад. Сипас, ба хонандагон имконияти мустақилона (бо роҳнамоии омӯзгор) муаррифӣ кардани малака дода мешавад. Дар тамоми раванди омӯзиш ва муаррифии малака хонанда натиҷаи корашро баррасию арзёбӣ мекунад. Иштибоҳи худро муайян мекунад, сабаби содир кардани иштибоҳро мустақилона, бо ёрии омӯзгор (ва ё ҳамсинфон) аниқ месозад. Корашро дар асоси нишондиҳандаҳо такмил медиҳад. Воқеан, раванди таълим дар МБ мураккаб буда, вақт ва неруи бештарро талаб мекунад. Барои татбиқи МБТ омӯзгорон бояд якчанд назарияҳои асосии таълимоти муосирро донанд ва ба таври самаранок дар амал татбиқ карда тавонанд. Бояд қайд, кард, ки назарияҳои таълимии мазкур аз фан вобаста набуда, раванди таълим гирифтани малакаву ҳосил кардан маҳоратро инъикос мекунанд. Назарияҳои мазкур метавонанд барои ташаккули методологияи фанҳои гуногун замина гузоранд. Аммо МБ дар таълими адабиёт махсусиятҳои худро дорад.

Аз муқоисаи таълими суннатӣ ва муносибати босалоҳият ба таълим мутахассисон ба натиҷа расидаанд, ки таълими суннатӣ дар асоси назария бунёд ёфта, пасон амалияро меомӯзонид, аммо дар МБТ аввал амалия ва баъд назарияро меомӯзанд: *Амалия+назария=созанда*, эҷодкор-олим. Натиҷаи таърифи салоҳият аз дигоҳи гуногун ба чунин хулоса мерасонад: Салоҳият-маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде мебошад, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ, маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд. Салоҳият дар низоми маориф, маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайвандест, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои таълимӣ, амалӣ нигаронида шудааст.

Дар таълими суннатӣ такя ба таълими назарияи адабиёт тавассути назария таълим додани адабиёт муносибати сохториро мефаҳмонад. Яъне, дар ин шеваи таълим асосан ба хонандагон дар бораи адабиёт маълумот дода мешавад ва матни бадеӣ барои хондан тавсия мешавад. Китобҳои дарсӣ маъмулан аз рӯйи ҳамин принсип сохта шуданд. Доир ба ҳаёт ва эҷодиёти адиб маълумот дода мешавад ва баъд аз он намунаи осораш пешкаш мегардад. Омӯзгор мавзуи навро мефаҳмонад, намунаи осори суханварро шарҳ медиҳад, сипас, аз хонандагон талаб мекунад, то матнеро, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст, мутолиа намоянду мазмуни онро азхуд кунанд ва агар порчаи манзум бошад, онро ҳифз кунанд.

Аммо дар МБТ ба таҷрибаи хонанда такя карда мешавад. Омӯзгор фаъолияти хонандаро ба мисолҳои ҳаётӣ, ки онҳо дар он таҷриба ҳосил кардаанд, оғоз менамояд. Дар таълим адабиёт вобаста ба талаботи МБТ мавзуъ аз проблемагузорӣ оғоз карда мешавад. Хонандагон бо суолҳои проблемавӣ (муаммоӣ) рӯ ба рӯ мешаванд ва ин суолҳои проблемавӣ онҳоро ба андешидан во медорад. Хонанда роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилотро ҷустуҷӯ мекунад. Омӯзиши проблемавӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки зарурати омӯзиши мавзуи пешниҳодшударо дарк кунад ва барои омӯзиш дар наздаш мақсад пайдо шавад. Маврид ба қайд аст, ки мутахассисон яке аз фарқҳои МБТ-ро аз усули анъанавии таълим дар он

мебинад, ки “дар муносибатҳои анъанавии таълим “омӯзгор дар меҳвари асосии фаъолияти таълим” ҷой дошт, озодии академии хонандаро то андозае маҳдуд менамуд. Вобаста ба ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) зарурати он ба миён омадааст, ки фаъолӣ, ташаббускории хонанда зиёд карда шавад, “дар меҳвари фаъолияти таълим-хонанда” бошад ва омӯзгор ҳамчун роҳбаладу роҳнамо фаъолияти хонандагонро арзёбӣ намояд. Яъне хонандамеҳварӣ аз принсипҳои асосии муносибати босалоҳият дар таълим аст [60,45].

Пас “хонандамеҳварӣ” чист? Мураттибони дастури “Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт” ин мафҳумро чунин таъриф намудаанд: “Хонандамеҳвар- низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (асос) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ маҳсуб меёбад» [48,6]. Таҳқиқ ва таҷриба нишон медиҳад, ки истилоҳи “хонандамеҳвар” танҳо бо таърифи боло маҳдуд намегардад. Дар дарсе, ки дар он принсипи “хонандамеҳвар” ба кор меравад, илова бар он ки “қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (асос)  барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ маҳсуб меёбад», маълумот ё худ донишро хонанда бештар бо фаъолияти худаш ба даст меорад ва дар ин дарс на омӯзгор, балки бештар хонанда нақши фаъол дорад. Бинобар таъкиди методистон, “Дар таълими хонандамеҳвар бештар ба натиҷаҳои таълим ва азхудкунии мавод аз тарафи хонандагон такя карда мешавад, на ба омӯзонидан (дарсдиҳӣ). Он шароити таълиму омӯзишеро талаб мекунад, ки таҷрибаи хонанда дар маркази диққат аст» [48,17]. Бояд зикр кард, ки таълими хонандамеҳвар собиқаи дерина дорад ва аза назарияҳои донишмандоне монанди Н.Д. Ушинский, А.С. Макаренко дар педагогикаи ҳамкорӣ, Т.А. Илина дар назарияи таълими проблемавӣ, И.С. Якиманская дар назарияи таълими ба шахсият нигаронидашуда, И.Э. Унт, А.С. Гранитская дар технологияи фардикунонии таълим ва дигар педагогони асри пешин сарчашма мегирад. Дар МБТ таълими хонандамеҳвар ба рукни асосӣ табдил ёфтааст.

Озмоиши педагогӣ самаранокии системаи корҳои пешакӣ кардаи моро нишон медиҳад. Ба таъбири дигар, дар усули суннатии таълим мақсадҳои дарс хусусияти умумӣ доштанд ва одатан фаъолияти омӯзгорро инъикос мекарданд, аммо дар МБТ ҳадафҳо фаъолиятҳои маърифатии хонандагонро инъикос мекунанд ва дар асоси салоҳиятҳо таҳия карда мешаванд. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳангоми таълими адабиёт, хусусан ҳини таълими осори манзум аз методҳои таълими суннатӣ ба куллӣ даст кашем. Мо дар ин масъала ҷонибдори андешаи Ш.Р.Исрофилниё ва З.Т.Бобоева ҳастем, ки гуфтаанд: “Гарчанде муносибати босалоҳият ба таълим аз таълими суннатӣ тибқи нишондиҳандаҳои мухталифи раванди таълиму тарбия фарқи ҷиддӣ дорад, аммо ин на ба он маъност, ки омӯзгор бояд аз суннатҳои таълими анъанавӣ ба куллӣ даст кашад. Омӯзгор бояд дар баробари истифодаи шеваҳои дархӯри замони таълими анъанавӣ талаботи муносибати босалоҳиятро низ риоя кунад. Ин ду ба ҳеҷ ваҷҳ яке дигареро ба куллӣ инкор намекунад, балки истифодаи дуруст ва самараноки онҳо натиҷаи дилхоҳ ба бор меоварад” [149,С. 47].

Муҳаққиқон собит намуданд ва озмоишу таҷрибаҳои гузаронидаи мо дар МТМУ низ нишон доданд, ки “ташаккули салоҳиятҳо ҳангоми омӯзиши матн дар чаҳор марҳала сурат мегирад: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйири матн ва таҳияи матни худ. Дар баробари риояи чаҳор марҳалаи зикршуда, ки дар дарси адабиёт ба ташаккули салоҳиятҳо замина мегузорад, иҷрои чаҳор унсур: донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал татбиқ намояд аз тарафи хонанда ва иҷрои он аз тарафи омӯзгор дар МБТ ҳатмист” [180,14].

Хулоса, принсип ва хусусиятҳое, ки мутахассисон вобаста ба талаботи МБ муқаррар кардаанд, дар омӯзиши адабиёти тоҷик низ созгор аст. Аммо аз он сабаб ки дар таърихи маорифи тоҷик таълими адабиёт собиқаи куҳан дорад, истифодаи баъзе шартҳои низоми анъанаии таълими адабиёт, ки ҷавобгӯ ба талаботи МБ ҳастанд, истифодаи онҳо дар дар шароити МБ мувофиқи мақсад аст. Таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ, ки

дар муассисаҳои таълимии зикршуда узаронидем, гуфтаҳои болоро амалан собит намуданд.

Ҳамин тариқ, усули МБТ нисбат ба низоми анъанавии таълим бартариҳо дошта, имкон фароҳам меоварад, ки сифати таълими адабиёт дар МТМУ баланд гардад. Аз сӯйи дигар, мушаххасоти МБ дар таълими адабиёт посухгӯ ба талаботи замони муосир буда, ба хонандагон ҳамон маълумотҳоеро пешниҳод мекунад, ки донистани онҳо барои хонандагон муфид буда, дар зиндагии ояндаи онҳо ба кор меояд. Ба таъбири дигар, МБ ба таълими адабиёт салоҳиятҳоеро дар хонандагон ташаккул медиҳад, ки дар раванди зиндагӣ мушкилкушо мегардад.

## 1.2. Таълими интерактивии омӯзиши каломи манзум ва нақши технологияи таълим дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон

Ҳангоми омӯзиши адабиёти тоҷик, алалхусус каломи манзум таълими интерактивӣ мақоми хос дорад ва бо принсипҳои МБ созгор мебошад. Методистон дар шарҳи мафҳуми "интерактив" чунин навиштаанд: "Интерактив- аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маънояш **«inter»** - «якҷоя» ва **«act»** - «амал кардан», яъне якҷоя амал кардан аст" [48,5]. Самаранокии омӯзиш ба иттифоқи кулли методистон, ба истифодаи дурусту бомавқеи усулҳои таълим вобаста мебошад. Таълими интерактивӣ, яъне тавъам бо ҳам ва бомавқеъ ба кор бурдани методҳои таълим ва ҳамкории хонандагону омӯзгор дар раванди дарс сифати таълимро баланд мебардорад. Баррасии андешаҳои мутахассисон, мушоҳидаву таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода дар МТМУ нишон медиҳанд, ки бояд муносибатро ба шеваи таълим дигар кард, бояд аз "яккатозӣ"-и муаллим дар рафти дарс сарфи назар кард ва иштироки фаъоли хонандагонро дар интихоби матн, шарҳи калимоту ибораҳои душвор, маънии абёт, арзёбӣ ва ғайра амалӣ намуд. Аммо ин маънии онро надорад, ки омӯзгор дар равнди татбиқи МБ мавқеашро аз даст медиҳад, балки муаллим ба ҳайси довару раҳнамо, мушкилкушои

гиреҳҳо дар ҳама лаҳзаҳои дарс ҳузур дорад ва самараи таълим ба чигунагии ташкили дарс аз тарафи омӯзгор вобаста аст.

Бояд зикр кард, ки дар даврони шуравӣ доир ба методикаи таълими адабиёт корҳои зиёди таҳқиқотӣ ба анҷом расидааст ва методистони тоҷик, ҳарчанд камшумор буданд, дар асоси дастовардҳои педагогика ва психология муосир корҳои илмии худро амалӣ кардаанд. Яке аз таҳқиқотҳои бунёдие, ки бевосита ба омӯзиши каломи манзум дар МТМУ алоқа дорад, рисолаи номзадии Шамсулло Исломов бо унвони «Изучение лироэпических произведений на уроках родной литературы в IX-X классах» мебошад, ки ба забони русӣ навишта шудааст. Бобоева Зарнигор, ки ин масъаларо баррасӣ кардааст, дар мавриди рисола Ш. Исломов менависад: «Муҳаққиқ бори аввал дар методикаи таълими таърихи адабиёти тоҷик истифодаи васеи усули муқоисаро дар мисоли омӯзиши муқоисавии беҳтарин осори классикони тоҷик-достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, достонҳои «Искандарнома» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, достони «Хираднмаи Искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Шамсиддин Шоҳин ба таври илмию амалӣ возеҳ нишон дода таъкид ба он дорад, ки табиати адабиёти классикии тоҷик майл ба омӯзиши муқоисавӣ дорад ва истифода аз он имкон медиҳад, ки хонанда мустақилона тавассути ҷустуҷӯ монандӣ ва тафовутҳоро муқаррар карда асарҳоро хубтару беҳтар омӯзад ва тафаккури таҳлиливу мустақилияти худро дар баҳодиҳӣ рушд диҳад [146,147]. Воқеан, Ш. Исломов назарияи мазкурро ҳангоми таълими осори манзуми ҳамосӣ бо корбурди чунин шеваи таълим дар асоси таҷрибаву озмоишҳои педагогӣ нишон дода, собит менамояд, ки хонандагон ҳангоми ҳамгироии усулҳои репродуктивӣ, таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯӣ, проблемавӣ, муқоиса, индуксия, дедуксия, баҳсу мубодила ва ғайра метавонанд донишро мустақимлона аз худ кунанд. Қобили қайд аст, ин таҳқиқоти Ш. Исломов як таҳқиқоти

тозаву нав дар методикаи таълими адабиёти тоҷики даврони шуравӣ буд ва дар замони муосир низ метавон аз он истифода кард.

Озмоишҳои педагогӣ нишон доданд, ки бо методикаи муқоиса таълим додани каломи манзум, хусусан осори ҳамосии манзум, монанди маснавиҳои “Хусраву Ширин”-у “Лайлию Маҷнун” ва дигар достонҳои “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ бо достонҳои “Ҳафт авранг”-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва маснавиҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Шамсиддин Шоҳин, ки методист Ш. Исломов дар таҳқиқоти худ намунаи онҳоро нишон додааст, хонандагон на танҳо дониши бештар мегиранд, балки ба чандин салоҳиятҳо ноил мегарданд. Барои расидан ба ин мақсад аз ҳама методҳои истифода бурдан мумкин аст, набояд онҳоро ба фаъолу ғайрифаъол ҷудо кард, балки онҳоро вобаста ба мавқеъ ва зарураташон дар ҳамбастагӣ аст ифода кард. Дар ин масъала бо комилан ҷонибдори Ш.Исломов ҳастем, ки бо такя ба таҷриба таъкид мекунад: «Усулҳо дар алоҳидагӣ не, балки дар ҳамбастагӣ ва вобаста ба мавқеъ ва вазъият бояд истифода шаванд, вагарна ҳар як метод дар алоҳидагӣ моҳияти оптималӣ касб намекунанд ва занҷири асосии мазмуну мундариҷаи ягонаи таълим гусаста мегардад» [182,90]. Таҷриба ва озмоишҳои анҷомдода гуфтаи методистро собит намуданд. Воқеан, набояд усулҳоро ба кӯҳнаву нав ва ё фаъолу ғайрифаъол тақсим намуд, балки муносибатро бояд ба онҳо дигар кард. Талаботи МБТ дар ин масъала он аст, ки методҳои таълим, пеш аз ҳама, бояд дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон замина гузорад ва ин мақсад он вақт ба даст меояд, ки усулҳои таълим бомавқеъ ва дар ҳамбастагӣ бо ҳам истифода шаванд.

Таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ исбот намуданд, ки ҳангоми таълими каломи манзум, чи дар омӯзиши ашъори лирикӣ ва чи дар таълими осори манзуми ҳамосӣ, методи луғатомӯзӣ нақши муҳим мебозад. Мо дар бобҳои дувуму сеюм натиҷаи луғатомӯзии хонандагон амалан нишон додаем. Аммо дар раванди дарс танҳо бо методи луғатомӯзӣ кор кардан хонандагон хаста мешаванд, бояд ин методро бо

дигар методҳо дар якҷоягӣ ба мавқеъ истифода бурд. Ҳамбастагии методҳо кори луғатомӯзии хонандагонро шавқовар мегардонад. Адабиёти классии форсӣ-тоҷикӣ таърихи беш аз 1000 сола дорад, аммо бовуҷуди куҳан будани ин адабиёт ҳар як хонандаи тоҷик метавонад аз он ғизои маънавӣ гирад. Масалан, ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки 1150 сол аз он мегузарад ва дар сабки хуросонӣ эҷод шудааст, бештари калимаҳои он барои хонандаи тоҷик фаҳмост, аммо калимаҳо ва ибораҳое ҳастанд, ки бояд шарҳу таҳлил шаванд, то хонандагон ба мақсади шоирро дарк кунанд. Истифода фарҳангу луғатҳо, дастурҳои таълимӣ доир ба адабиёт дар дарси адабиёт аз талаботи асосии МБ аст. Аз сӯйи дигар, истифодаи технология муосир корро ба маротиб осон мекунад. Имрӯз луғатҳои электроние ҳастанд, ки хонандагон дар планшетҳои худ доранд ва бо истифода аз онҳо маъниии луғатҳоро ба осонӣ меёбанд. Аммо танҳо  бо маънии луғатро ёфтани хонандагон қонеъ набояд шуд. Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагон маънии луғатро ба зуддӣ меёбанд, вале дар тафсири он мушкилӣ мекашанд. Методҳои суҳбат ва саволу ҷавоб дар бораи луғатҳои душвор самараи бештар медиҳад ва дарсро шавқовар мегарданаду хастагии хонандагонро рафъ месозад.

Методистон бар он назаранд, ки технологияҳои таълим дар шаклгирию таҳаввули салоҳиятҳо нақши муҳим мебозанд ва он аз рукнҳои асосии  ташаккули МБТ мебошанд. Масалан, А.В. Хуторский, педагоги рус менависад, ки “муносибати босалоҳият муносибат ба муайян кардани мақсад, интихоби мазмуну мундариҷа, ташкили ҷараёни таълим, интихоби технологияи таълимӣ ва арзёбии натиҷаҳо мебошад”[178, С. 55]. Бобоева Зарнигор, ки истифодаи технология таълимро дар дарси адабиёт аз озмоиши педагогӣ гузаронидааст, онро як рукни асосии ташаккул додани МБТ медонад. Методисти номбурда нақши технологияи таълимро дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон чунин арзёбӣ намудаанд: “Ҳар як усул ва тарзи таълим як ва ё якчанд намуди салоҳиятҳоро ташаккул медиҳад ва дар маҷмуъ

ташаккули муносибатҳои босалоҳиятро ба таълим таъмин менамояд. Масалан, ташаккули салоҳияти коммуникативӣ танҳо аз навиштан, забономӯзӣ ва иттилоот пайдо кардан нест, балки ба вуҷуд овардани иртибот, муносибати бериё бо одамон ва ҳодисаву воқеаҳо, пайдо кардани неруи иртиботӣ барои амал кардан, фаъол шудан, ҷустуҷӯ ва пайдо кардани роҳи дурусте, ки ба мақсад мерасонад" [180, С. 58].

Бо такя ба таҳқиқоти методистон истифодаи технологияи таълимро ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар синфҳои санҷишӣ ва назоратӣ таҷриба намуда, ба хулоса омадем, ки ба кор бурдани бамавқеи методу усулҳои ба ҳам наздик дар ташаккули салоҳиятҳои гуногун замина мегузоранд. Масалан, ҳангоми кор бо луғат ҳам дар таълими ашъори ғиноӣ ва ҳам дар омӯзиши осори ҳамосии манзум чандин методҳои дигарро истифода бурдан мумкин аст. Чунончӣ, омӯзгор ҳангоми таълими ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар синфи 5 дар мавриди шарҳи маънии қитъаи шеърии "Мардӣ" (Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ) баҳсе ташкил кард, ки дар баробари методи суҳбат усулҳои дигар низ истифода шуданд. Баъд аз қироати ифоданоки матни қитъа хонандагон бо роҳбарии омӯзгор онро вобаста ба мазмуни ҳар як мисраъ ба чаҳор қисм тақсим намуда, ба ҳар қисм савол гузоштанд. Саволу ҷавоб муаллим бо хонандагон ва суолгузории худи хонандагон ба матн имкон дод, ки мақсади пешгузошта ба даст ояд ва хонандагон ба салоҳиятҳои таъиншуда ноил гарданд. Бо мушоҳида ин дарс ташаккули салоҳиятҳои хонандагонро ба тариқи зерин муайян намудем:

| № | **Саволҳои пешниҳодшуда** | **Методҳои истифодашуда** | **Салоҳиятҳое, ки хонандагон ноил гардиданд** |
|---|---|---|---|
| 1. | Мард кисту мардӣ чист? | Суҳбат<br>Ташхис<br>Эвристикӣ<br>Мубоҳиса | Донишандӯзӣ,<br>Коммуникативӣ<br>Маърифатӣ-ахлоқӣ |
| 2. | Он касе, ки ба одамони нотавону маъюб айб мемонад, оё мард аст? | Суҳбат<br>Ҷустуҷӯ<br>Иттилоот | Кор бо маълумот |
| 3. | Оё ранҷонидани одамони нотавон нишони мардӣ аст? | Суҳбат<br>Муколама<br>Проблемавӣ | Коммуникативӣ<br>Иҷтимоишавӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Мубоҳиса | |
| 4. | Кадом амал нишони мард будан аст? | Сухбат<br>ҷустуҷӯ<br>Эврестикӣ<br>Муколама | Иҷтимоишавӣ<br>Коммуникативӣ |
| 5. | Боз кадом хислатҳои инсон ба мард будани вай гувоҳӣ медиҳад? | Ҷустуҷӯ<br>Таҳқиқӣ<br>Проблемавӣ | Кор бо маълумот<br>Коммуникативӣ<br>Маърифатӣ-ахлоқӣ |
| 6. | “Нафси бад – балои ҷон” чӣ маънӣ дорад? | Ҷустуҷӯӣ<br>Ташхис<br>Ҳамкорӣ<br>Муколама | Коммуникативӣ<br>Иҷтимоишавӣ<br>Корбо иттилоот |
| 7. | “Даст гирифтан” чӣ маънӣ дорад? | Муколама<br>Проблемавӣ<br>Ҷустуҷӯ | Кор бо маълумот<br>Иҷтимоишавӣ<br>Маърифатӣ- ахлоқӣ |

Дар синфи назоратӣ омӯзгор танҳо бо қироати қитъаи шеърӣ ва шарҳи кӯтоҳи мазмуни он қаноат карду бас. Муаллим баъд аз шарҳи матн аз хонандагон пурсид, ки фаҳмиданд ё не? Аз ҷониби хонандагон ҳеч пурсише ё изҳори назаре сурат нагирифт. Аммо баръакси он дар синфи санҷишӣ хонандагон хеле фаъол буданд. Худ савол мегузоштанд ва ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб мегуфтанд. Дар рафти дарс усулҳои зиёде истифода шуд. Методи проблемагузорӣ, ки ибтидо аз ҷониби муаллим сурат гирифт, хонандагон идома доданд ва ин ҳама имкон фароҳам овард, ки хонандагон ба салоҳиятҳои ишорашуда даст ёбанд.

Истифода технологияҳои таълим ҳангоми омӯзиши осори ҳамосии манзум низ самараи беҳтар медиҳад. Масалан, мо ҳамроҳи муаллим дар синфи 6 таълими ҳикояи манзуми “Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша» бо истифода аз усули “лоиҳасозӣ” санҷиш гузаронидем. Кори лоиҳавӣ машғулияти мустақилонаест, ки аслан, берун аз дарс бо такя ба донишу малакаи хонандагон ва маълумоти ба даст овардаи онҳо дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад. Хонандагон бо супориши муаллим ҳикояро мустақилона хонда буданд ва омӯзгор низ пеш аз дарс ҷадвали ташаккули салоҳиятҳои мураттаб намуда буд. Дарс бо суолҳои проблемавӣ оғоз шуд, ки раванди онро дар боби дуюми диссертатсия овардаем. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки усули лоиҳасозӣ, хусусан ҳангоми лоиҳаи луғатсозӣ методҳои зиёде дар раванди дарс ба

кор рафтанд. Аз ҷумла методҳои ташхисӣ, мубоҳиса, муколама, эврестикӣ, ҷустуҷӯӣ, проблемавӣ, дастурдиҳӣ ба кор рафтанд. Чунин ба назар мерасид, ки ҳар яке аз ин методҳо барои ташаккул додани салоҳияти муайяне хидмат мекунанд. Аз оне ҷо, ки мазмуни ҳикоя хеле ҷаззоб ва ҳаяҷонбарангез буд, диққати аксари хонандагонро ба худ ҷалб карда буд. Хонандагон на танҳо ба рафти воқеа ҳассосият нишон медоданд, балки дар шарҳи калимаҳои саволҳои проблемавӣ мегузоштанд. Раванди ташаккули салоҳиятҳо аз таълими ҳикояти "Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша" дар синфи 6 чунин муқаррар гардид:

| № | **Саволҳои мураттабшуда** | **Методҳо** | **Салоҳиятҳо** | **Эзоҳи иловагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Саховат чист? Киро саховатманд мегӯянд | Суҳбат<br>Ташхис<br>Мубоҳиса | Донишандӯзӣ,<br>Коммуникативӣ<br>Маърифатӣ-ахлоқӣ | |
| 2. | Чаро шоир унвони ҳикоятро "Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша" номидааст | Суҳбат<br>Ҷустуҷӯ<br>Иттилоот<br>Эврестикӣ | Кор бо маълумот<br>Кор бо гурӯҳ<br>Коммуникативӣ | |
| 3. | Пеша чӣ маънӣ дорад? | Суҳбат<br>Муколама<br>Проблемавӣ<br>Мубоҳиса | Коммуникативӣ<br>Иҷтимоишавӣ | |
| 4. | Чаро шоир подшоҳро золим гуфтааст? | Суҳбат<br>ҷустуҷӯ<br>Эврестикӣ<br>Муколама | Иҷтимоишавӣ<br>Коммуникативӣ | |
| 5. | Аз кадом сабаб шоир ҷавонро саховатпеша номидааст? | Ҷустуҷӯ<br>Таҳқиқӣ<br>Проблемавӣ | Кор бо маълумот<br>Коммуникативӣ<br>Маърифатӣ-ахлоқӣ | |
| 6. | Чаро сагҳо ҷавонро нахӯрданд? | Ҷустуҷӯӣ<br>Ташхис<br>Ҳамкорӣ<br>Муколама | Коммуникативӣ<br>Иҷтимоишавӣ<br>Корбо иттилоот | |
| 7. | Оё ҳайвонҳо ҳам меҳрубониро мефаҳманду ҷавоб мегардонанд? | Муколама<br>Проблемавӣ<br>Ҷустуҷӯ | Кор бо маълумот<br>Иҷтимоишавӣ<br>Маърифатӣ- ахлоқӣ | |
| 8. | Масали "Хайру саховат - радди бало"-ро тавзеҳ | Ҷустуҷӯ<br>Муколама | Иҷтимоишавӣ<br>Коммуникативӣ | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | диҳед | Мубоҳиса | Ахлоқӣ-маърифатӣ | |

Таҷрибаву озмоишҳо моро ба хулоса овард, ки ҳангоми омӯзиши каломи манзум истифодаи методи интерактивӣ, ки технологияҳои таълим дар он нақши муҳим дорад ва методҳои мухталиф дар якҷоягӣ ба кор мераванд, сабаби рушди салоҳиятҳои хонандагон мегардад. Дар ин усули таълим хонандагон аз шунаванда ба амалкунанда мубаддал мегарданд ва масъалаю проблемаҳои мавзуи дарсро мустақилона баррасию хулосабарорӣ мекунанд. Салоҳиятҳои коммуникативӣ, иҷтимоишавӣ, кор бо гурӯҳ, мустақилона фикр кардану озодана андешаи худро баён кардан дар онҳо ташаккул меёбад. Аз ҳар матни таҳлилшудаи ашъори шоирони бузург, ки моломол аз афкори панду андарзиянд, хонандагон салоҳияти маърифатӣ-ахлоқӣ касб мекунанд. Дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гардидани хонандагон ба маҳорати касбии омӯгор вобаста аст, ки раванди дарсро чи тавр амалӣ мекунад ва аз методҳо истифода мебарад.

**1.3.Хулосаи натоиҷи озмоишҳо (эксперимент)-и таълимӣ доир ба омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Бо мақсад огоҳ шудан аз раванди татбиқи МБ дар МТМУ мо дар МТМУ №25-и ба номи Убайд Раҷаб ва МТМУ №70 шаҳри Душанбе ва ҳамчунин Литсейи “Раҳнамо” шаҳри Душанбе саволнома гузаронидем. Мурод аз гузаронидани таҷрибаи озмоишӣ муқаррар намудани масъалаҳои зерин буд:

1) Муайн намудани сатҳи таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ кишвар;

2) Омодагии касбии муаллимони забон ва адабиёти тоҷик дар татбиқи МБ ҳангоми омӯзиши адабиёт, дар мисоли таълими каломи манзум дар МТМУ;

3) Дар амал санҷидани татбиқи технологияҳои таълимӣ ва МБ ҳангоми таълими адабиёти тоҷик дар мисоли омӯзиши каломи манзум дар МТМУ.

4) Таълими интерактивии омӯзиши каломи манзум вобаста ба талаботи МБТ бо такя ба озмоишҳои педагогӣ.

Дар давраи аввал мо аз дидгоҳи педагогикаи муосир ба омӯзиш ва баррасии барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик, дастуру васоити таълимии доир ба омӯзиши адабиёти тоҷик иншошуда машғул шудем. Дар раванди омӯзиш майлу рағбати омӯзгорону хонандагон ба МБТ, омодагии муаллимон ба татбиқи МБТ, қабули хонандагон ва шавқу рағбати онҳо ба муносибати нав ба таълим, дараҷаи касбияти омӯзгорон, ҷавобгу будан ё набудани матнҳои адабии китобҳои дарсӣ ба талаботи МБ, истифодаи дастуру воситаҳои таълимӣ аз тарафи омӯзгорону хонандагон дар ҷарайёни дарс ва то чӣ андоза ҷавобгӯ будани онҳо ба талаботи муносибати нав ва монанди инҳо дар мадди назари мо буд.

Баъд аз ташхису баррасии барномаву китобҳои дарсии адабиёти тоҷик ва дастурҳои методии доир ба ин фан навишташуда ва нуқсу камбудиҳои онҳоро, ки методистон ошкор кардаанду мо амалан мушоҳида намудем, дар ҳамкорӣ бо мутасаддиёни МТМУ №25, №70 ва Литсейи “Раҳнамо”-и  шаҳри Душанбе аз 43 нафар омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик ва муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ки аз фанни “Забони модарӣ” дарс мегӯянд, ба тариқи тестӣ “Саволнома” гузаронидем:

**Саволнома**

Аз Шумо хоҳиш менамоем, ки аз ҳар саволи пешниҳодшуда як ҷавобро интихоб намуда, мавқеи худро муайян намоед

**1. Шумо дар  семинар ва ё курсҳои такмили ихтисос доир ба муносибати босалоҳият ба таълим иштирок кардед?**

А. Иштирок намудам

Б. Не

В. Бо хондани мақолаҳо огоҳ шудам

Г. Дар ду семинар иштирок кардам, аммо чизи тоза нагирифтам.

2. **Сифати машғулиятҳо оид ба ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар кадом сатҳ буд? Оё Шуморо қонеъ мекард?**

А. Хуб буд

Б. Дар сатҳи миёна

В. Бад буд

Г. Назари шумо_______________________________________

3. **Шумо дарсҳоятонро вобаста талаботи муносибати босалоҳият мегузаред?**

А. Бале.

Б. Ду-се дарсро гузаронидам

В. Дар низоми анъанавӣ кор мекунам

Г. Назари шумо____________________________________

4. **Доир ба муносибати босалоҳият мавод доред?**

А. Ҳаст

Б. Хеле кам

В. Не, надорам

Г. Назари шумо______________________________________

5. **Барномаи таълим адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-11 ва забони модарӣ дар синфҳои 1-4 Шуморо қаноатманд мекунад?**

А. Барномаҳо хуб аст, вале камбудҳо дорад, бояд таҷдиди назар шавад.

Б. Баъзан пешниҳодҳои хуб доранд, матнҳо барои корҳои амалӣ бештар бошад хубтар аст.

В. Не, комилан ба талаботи муносибати босалоҳият ҷавобгу нест

Г. Фикри шумо ________________________________________

6. **Маводи интихобшудаи каломи манзум дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик Шуморо қаноатманд мекунанд?**

А. Маводи интихобшуда хубанд, аммо таҷдиди назар мехоханд.

Б. Баъзан ашъоре интихоб шуда, ки ва ба ҷаҳонбинии хонанда мувофиқ нест

В. Не, мураттибони китобҳои дарсии адабиёти тоҷик аз принсипҳои педагогикаву психологияи муосир огоҳ нестанд ва маводи пешниҳодкардаашон ба талаботи муносибати босалоҳият комилан ҷавобгӯ нест.

Г.назари шумо_______________________________________________

**7. Кадоме аз ин салоҳиятҳо дар таълими каломи манзум ба кор мераванд?**

А. Салоҳиятҳои калидӣ, коммуникативӣ, баҳодиҳӣ, фаннӣ.

Б. Салоҳиятҳои дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн.

В. Салоҳиятҳои донистан, тавонистан, дар амал татбиқ намудан...

Г. Андешаи шумо_______________________________________________

8. **Кадоме аз инҳо нишондиҳандаҳо собит менамояд, ки хонанда ба салоҳиятҳои таъиншуда ноил шудааст?**

А. Хондан, навиштан, гуфтан, шунидан...

Б. Ифоданок хондан, ғалатҳоро мустақилона ислоҳ кардан, такмил додан...

В. Навиштан, арзёбӣ кардан, риоя намудани қоидаҳо...

Г.Назари Шумо_______________________________________________

**9. Аз диди Шумо таълими каломи мавзун дар МТМУ бо низоми анъанавӣ самараи бештар медиҳад ва ё бо талаботи муносибати босалоҳият?**

А. Албатта, муносибати босалоҳият самараи бештар медиҳад, ман инро дар таҷриба озмудам.

Б. Ростӣ, аз талаботи муносибати босалоҳият ба таълим огоҳии комил надорам.

В. Бо низоми анъанавӣ мегузарам, зеро муносибати босалоҳиятро нафаҳмидам.

Г.Назари шумо_____________________________________________

**10. Дар таълими каломи мавзун, аз ҷумла ғазал кадоме аз ин гурӯҳи методҳоро истифода мебаред?**

А.Анъанавӣ

Б.Интерактивӣ

В.Омехта

Г. Методҳои дигар__________________________________________

Чунон ки аз мазмуни саволҳои пешниҳодшуда бармеояд, "Саволнома" барои таъин намудани раванди фарогирӣ ва татбиқи МБ дар байни омӯзгорони фанҳои забони модарӣ ва адабиёти тоҷик мураттаб шуда аст. Чанд нафар аз омӯзгорони фанҳои забони модарӣ ва адабиёти тоҷик аз семинар ва ё курсҳои ихтисоси доир ба МБ гузаштаанд? Онҳое, ки аз семинар ва курс гузаштаанд кардаанд, то чӣ андоза муваффақ шудаанд? Сифати ин семинару курсҳо аз назари омӯзгорон. Оё омӯзгорон аз ин курси такмили ихтисосу семинарҳо доир ба МБ чизе гирифтанд ва дар дарсҳои худ амалӣ мекунанд? Доир ба МБ маводҳои зарурӣ доранд ё не? Барномаву китобҳои дарсии адабиёти тоҷик онҳоро қаноатманд мекунад ё не? Ва монанди инҳо.

Аз баррасии посухи омӯзгорон мушаххас гардид, ки аз 43 нафар омӯзгорон 38 нафарашон (беш аз 90%) дар семинар ва ё курси такмили ихтисос, ки дар бораи асосҳои назариявию амалии МБТ баргузор шудааст, гузаштаанд. Панҷ нафар онҳо, ки тоза ба кор омадаанду ҳамагӣ чанд моҳ собиқаи корӣ доранд, иброз доштаанд, ки доир ба МБ дар донишгоҳ аз лексияи устодон бохабар шудаанд. Аз 38 нафари иштирок карда, ҳангоми ибрози назар қайд кардаанд, ки дар ду-се семинар иштирок карда, аммо чизе тоза нафаҳмидаанд. Аз суолнома ва суҳбат ба омӯзгорон маълум шуд, ки муаллимони синфи ибтидоӣ (онҳое, ки фанни забони модарӣ дарс медиҳанд) аксарият дар семинарҳо доир ба МБ иштирок кардаанд ва маводи бештар нисбат ба муаллимони адабиёти тоҷик доранд.

Аз саволномае, ки доир ба сатҳи сифати семинару курсҳои ихтисос нигаронида шуда буд, маълум шуд, ки теъдоди кам, аз 43 нафар ҳамагӣ 12 нафар (28%) омӯзгорон раванди омӯзишро хуб арзёбӣ кардаанд. Қисмати бештари омӯзгорон 27 (62%) нафар сатҳи сифати машғулиятҳоиро миёна баҳо доданд. Ду нафар (5%) бад ва як нафар иброз дошта, ки ба андешаи ӯ худи тренерҳо аз моҳияти масъала кам хабар надоранд.

Баррасии ҷавобҳои иштироккунандагон моро ба хулоса овард, ки табиқи МБТ дар дар ҳоли татбиқшавӣ қарор дорад, омӯзгорон саъю талош доранд, то принсипҳои МБТ аз худ кунанд ва дар дарсҳои худ татбиқ намоянд. Ин нишондод, пеш аз ҳама, ба муаллимони фанни забони модарӣ тааллуқ дорад, ки аксар аз такмили ихтисос гузаштаанд ва ё дар семинарҳо иштирок намудаанд. Ин нуктаро саволҳои минбаъда равшан намуд. Маълум шуд, ки муаллимони синфҳои ибтидоӣ доир ба татбиқи МБТ маводи бештар доранд. Баръакси ин, муаллимони адабиёти тоҷик ба саволи "д**оир ба муносибати босалоҳият мавод доред?"** ҷавоби манфӣ додаанд. Ҳангоми суҳбат низ мепурсиданд, ки дар татбиқи МБ дар таълими адабиёти тоҷик кадом дастурҳоро истифода баранд?

Аз 26% омӯзгороне, ки сифати семинару курсҳои доир ба МБТ хуб арзёбӣ карда буданд, ҳамагӣ 8 нафар ба саволи **"Шумо дарсҳоятонро вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият мегузаред?"** ҷавоби мусбат додаанд ва бештари онҳо низ муаллимони синфҳои ибтидоиянд. 18 нафар иқрор шудаанд, ки саъй намудаанд дар ду-се дарсашон МБ татбиқ намоянд, аммо муваффақ нашудаанд. 15 нафар изҳор доштаанд, ки дарсашонро тибқи низоми анъанавӣ мегузаранд, 2 нафар таъкид кардаанд, ки МБ қабул надоранд ва низоми анъанавиро беҳтар медонанд.

Ба саволи панҷум, ки доир ба барномаҳои адабиёти тоҷик ва забони модарӣ аст, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҷавоби мусбат додаанд, вале такмили бештар кардани матнҳо барои корҳои амали

зарур донистаанд. Аммо аз 43 нафар омӯзгорон танҳо 2 нафар (4.65%) барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-ро мусбат арзёбӣ кардаанду бас, аксар 41 нафар (95%) бар он назаранд, ки барнома бояд кайҳо дигар карда мешуд.

Дар мавриди саволи шашум, яъне матнҳои интихобшуда каломи манзум шуморо қаноатманд мекунад, 12 (28%) нафар ҷавоби мусбат додаанд, аммо серборӣ ва душвор будану таҷдиди назар шудани онро қайд кардаанд. 29 нафар (67%) бар ин андеша ҳастанд, ки маводи интихобшудаи каломи манзум дар китобҳои дарсӣ ба талаботҳои педагогикаву психологияи муосир ва ба талаботи МБ комилан ҷавобгӯ нест, бояд иваз карда шаванд.

Дар мавриди саволи ҳафтум, ки ба таъин намудани салоҳиятҳо ҳангоми таълими осори манзум аст 18 нафар (42%) ҷавоби дурустро ёфтаанд ва 25 нафар (58%) дар муайян намудани ҷавоби дуруст иштибоҳ кардаанд. Ҳангоми ҷавоб ба саволи ҳаштум 29 нафар (67%) дуруст муайян кардаанд ва 14 нафар (32%) ҷавоби нодурустро пешниҳод кардаанд.

Ҳангоми ҷавоб ба саволи нуҳум беш аз 50% (22 нафар) омӯзгорон МБТ-ро дар омӯзиши каломи манзум самаранок донистаанд, 19 нафар иброз доштаанд, ки МБТ намефаҳманд, аз ин рӯ дарсашонро бо низоми суннатӣ мегузаранд ва 2 нафар (5%) МБТ қабул надоранд. Ба саволи даҳум беш аз 70% (30-нафар) гуфтаанд, ки таълими интерактивиро дар омӯзиши каломи мавзун ба кор мебаранд, 20% (9-нафар) методи омехта ва 10% иброз доштаанд, ки методи суҳбат ва саволу ҷавобро дар таълими каломи манзум бештар истифода мекунанд.

| **Саволҳо** | **Ҷавобҳо** | | | |
|---|---|---|---|---|
| Саволи 1 | Иштирок намудам | Иштирок накардам | Бо хондани мақола огоҳ шудам | Ибрози назар: Дар ду семинар иштироок кардам, чизе нафаҳмидам |
| Шумо дар семинар ва ё курсҳои такмили ихтисос | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| доир ба муносибати босалоҳият ба таълим иштирок кардед? | | | | |
| Саволи 2 | | | | |
| Сифати машғулиятҳо оид ба ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар кадом сатҳ буд? Оё Шуморо қонеъ мекард? | | | | |
| Саволи 3 | | | | |
| Шумо дарсҳоятонро вобаста ба талаботи МБ мегузаред? | | | | |
| Саволи 4 | | | | |
| Доир ба муносибати босалоҳият мавод доред? | | | | |
| Саволи 5 | | | | |
| Барномаи таълим адабиёти тоҷик дар синфҳои 5-11 ва забони модарӣ дар синфҳои 1-4 шуморо қаноатманд мекунад? | | | | |
| Саволи 6 | | | | |
| Маводи интихобшудаи каломи манзум дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷик Шуморо қаноатманд мекунанд? | | | | |
| Саволи 7 | | | | |
| Кадоме аз ин салоҳиятҳо дар таълими каломи манзум ба кор меравад? | | | | |
| Саволи 8 | | | | |
| Кадоме аз инҳо нишондиҳандаҳо собит менамояд, ки хонанда ба салоҳиятҳои таъиншуда ноил шудааст? | | | | |
| Саволи 9 | | | | |
| Аз диди Шумо таълими каломи мавзун дар МТМУ бо низоми анъанавӣ самараи | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| бештар медиҳад ва ё бо талаботи муносибати босалоҳият? | | | | |
| Саволи 10 | | | | |
| Дар таълими каломи мавзун, аз ҷумла ғазал кадоме аз ин гурӯҳи методҳоро истифода мебаред? | | | | |

Баррасӣ ва муҳокимаю муқобалаи ҷавобҳои омӯзгорони забони модарӣ ва адабиёти тоҷики се муассисаи зикршуда моро ба хулоса овард, ки татбиқи МБТ дар МТМУ дар зинаи ибтидоии худ қарор дорад. Нисбат ба татбиқи МБ таълими адабиёти тоҷик татбиқи фанни забони модарӣ дар синфҳои 1-4 беҳтар аст. Санҷиши гузаронида ва суҳбат бо омӯзгорон нишон дод, ки муаллимони забони модарӣ бештар дар семинарҳо ва курсҳои махсус доир ба асосҳои назариявию амалии МБТ иштирок кардаанд ва маводи бештар доранд. Баъзе омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои зикршуда, ки дар синфҳои болоӣ аз адабиёти тоҷик низ дарс мегӯянд, зикр намуданд, ки татбиқи МБ дар таълими забони модарӣ душворӣ намекашанд, зеро ҳангоми курс ва семинарҳо хеле чизҳоро омӯхтанд ва модулҳоро дастрас намуданд. Аксари муаллимони адабиёти тоҷик аз набудани дастурамалҳо доир ба татбиқи МБ дар таълими адабиёти тоҷик изҳори нигаронӣ карданд. Баъзе омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик (аксар калонсолон, ки беш аз 30 сол собиқаи корӣ доранд) рӯирост иқрор шуданд, ки дар бораи МБТ чизеро дарк накардаанд ва низоми анъанавиро беҳтар медонанд.

Хулоса, санҷиш моро ба натиҷа овард, ки бояд дар мавриди татбиқи МБ дар таълими адабиёт, алалхусус каломи манзум таҳқиқот илмию методӣ ба роҳ монда шавад, модулҳо омода гарданд ва омӯзгорон аз курси такмили ихтисос доир ба татбиқи МБТ фаро гирифта шаванд. Дар дарсҳои такмили ихтисос бояд устодони ботаҷриба дарс гӯянд ва усули татбиқи МБТ амалан нишон диҳанд. Нисбат ба дарсҳои назариявӣ дарсҳои амалӣ бояд бештар бошад.

Агар дар давраи аввали озмоиш маҳорату малака ва омодагии касбии омӯзгорон доир ба татбиқи МБТ санҷида шуда бошад, дар даваpaи дуюми озмоиш мо бевосита бо хонандагон кор кардем ва фарзияҳои дар диссертатсия пешбини шуда мавриди озмоиши таълимӣ қарор додем. Озмоишҳои педагогӣ дар синфҳои озмоишӣ ва контролӣ ҳам дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ дар Литсейи “Раҳнамо”, МТМУ №25 ва МТМУ №70, ки аз ҷумлаи мактабҳои озмоиши (пилотӣ)-и ПРМ АТТ ва мактабҳои базавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ҳастанд, гузаронида шуд. Аз ҷумла дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ба номи Убайд Раҷаби ноҳияи Синои шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар озмоиши педагогӣ 35 нафар хонандагони синфҳои озмоишӣ 5(б) ва 8(б) 34 нафар хонандагони синфҳои назоратӣ (синфҳои 5(а) ва 8(в) фаро гирифта шуда буданд. Озмоиши педагогӣ ба тариқи зерин гузаронида шуд: санҷиши шахсӣ бевосита аз тарафи худи мо ва омӯзгорони мактабу таҷрибаомӯзони ДДОТ ба номи С.Айнӣ дар синфҳои 6 ва 8 дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик МТМУ-и №25-и ба номи Убайд Раҷаби ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (дар соли хониши 2017-2018 ва 2018-2019) гузаронида шуд.

Пеш аз озмоиш мо нақшаи ташаккули салоҳиятҳоро доир ба ҳар як мавзуи омӯзиши каломи мавзун (ҳам ашъори ғиноӣ ва ҳам осори ҳамосии манзум) дар шароити МБТ барои синфи озмоишӣ мураттаб намудем ва дар синфи контролӣ низ ҳамон мавзуъро гузаштанд. Бояд зикр кард, ки таҷрибаи таълимӣ доир ба таълими ашъори ғиноӣ ва осори ҳамосии манзум ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар курси таърихи адабиёт ба роҳ монда шуд, ки натиҷаи ин озмоишҳоро дар бобҳои дуюму сеюми диссертатсия ба таври умумӣ ва мухтасар овардаем. Дар синфҳои таҷрибавӣ дарс вобаста ба талаботи МБТ дар чаҳор марҳала сурат гирифт:

Марҳалаи аввал: Шиносоии хонандагон бо матни каломи манзум дар марҳалаи аввал, яъне дарки матн сурат мегирад. Барои он ки таваҷҷуҳи хонандагон ба матн бештар ҷалб карда шавад, қироати матн

аз ҷониби хонандагон сурат гирифт. Мутаассифона, хонандагон дар қироати матн ба иштибоҳ роҳ медоданд, аммо баъд аз он ки мо қироати саҳеҳи матнро ба самъи хонандагон расондем ва хатоҳои онҳоро гӯшрас намудем, дар навбати баъдӣ худ хонандагон ба дуруст хонадани матн одат карданд. Озмоиш нишон дод, ки дар марҳалаи аввал ҷалби бештари хонандагон ба хондани матн таваҷҷуҳи онҳоро ба матн ҷалб мекунад ва имкон фароҳам меоварад, ки ба дарки матн омода шаванд. Дарки матн бе донистани луғат аз имкон берун аст ва таҷрибаҳо собит намуданд, ки беҳтарин роҳи дарки матн ҳангоми омӯзиши каломи манзум усули луғатомӯзӣ аст. Кор бо луғат имкон медиҳад, ки ҳангоми омӯзши каломи манзум методҳои зиёде таълимӣ дар ҳамбастагӣ дар дарс истифода шаванд. Методистон Ш. Исломов ва З. Бобоева дар мақолаи худ "Таълими интерактивии омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар МТМУ" бо такя ба озмоишҳои таълимӣ дар мавриди истифодаи технологияи таълим менависанд: "Технологияи таълим ин маҷмуи роҳу усулҳо барои моҳирона иҷро кардани вазифа ва мақсадҳои мушаххаси таълимӣ аст; ҳамаи усулҳо ба хотири фаъол кардани хонанда, барои гирифтани донишҳои зарурии дар амалия санҷидашуда, иштирокчии фаъол гардонидани хонанда дар истифадаи ин донишҳо мебошад"[146,148, С.45].

Хонадани дурусти матн ва луғатомӯзии хонандагон дар марҳалаи аввал имкон медиҳанд, ки онҳо матни бадеиро дарк кунанд ва ба марҳалаи дувум, ки баҳодиҳӣ ба матн аст, омода шаванд. Истифодаи технологияи таълим, аз ҷумлаи истифодаи васоити техникӣ монанди компютор, планшет, тахтати электронӣ корро хеле осон мекунад. Мо нусхаи электронии "Фарҳанги забони тоҷикӣ"-ро дар тахтаи электронии синф насб кардем ва баъзе хонандагон дар планшети худ ин луғатро доштанд. Ин амал имкон дод, ки вақт самаранок истифода шавад. Аммо истифодаи китобҳои луғатро набояд фаромӯш кард. Методистон таъкид кардаанд, ки хонандагонро бояд ҳанӯз аз синфи 5 усулҳои кор бо китоби луғатро омӯхт, зеро "агар хонанда вожашинос нашавад, маънии

калимоту иборахои матнро дарк накунад, омӯзиши мероси классикон маъние пайдо намекунад” [180,19]. Аз ин рӯ, дар баробари истифодаи воситаҳои техники истифода китобу фарҳангҳои луғат, монанди “Фарҳанги забони тоҷикӣ” дар дарсҳои адабиёт, аз ҷумла ҳангоми таълими каломи манзум ҳатмист.

Марҳалаи дувум МБТ “ баҳодиҳӣ ба матн” аст. Хонандагон, ки дар марҳалаи аввал матнро қироат карданду калимоти душворро шарҳ додан, ба марҳалаи дувум омода мешаванд. Баҳодиҳӣ ба матн маънои онро надорад, ки хонандагон монанди мунаққид матни бадеиро нақд кунанд. Методист Қутбиддин Мухторӣ доир ба ду марҳалаи аввал чунин менависад: “Дарк ва баҳодиҳӣ ба матн дар дарси адабиёт марҳалаи мураккаб аст. Дар ин ҷо хонанда бо мазмуни матн шинос мешавад, дар атрофи номи он мулоҳиза мекунад, калимаҳои душворфаҳми онро аз луғат меёбад, шарҳ медиҳад, матнро ба қисматҳо ҷудо мекунад, ғояи асосии онро муайян менамояд. Мақсади муаллифро дарк менамояд ва назари худро нисбати ҷиҳатҳои мустаҳкам ва сусти он иброз менамояд” [160,С.58]. Яъне дар марҳалаи дувум, дарёфти ғояи матни бадеӣ ва мақсади адиб аз тарафи хонандагон нақши асосӣ дорад. Вақте хонандагон матнро ба қисматҳо ҷудо мекунанд, ба ҳар як қисмат савол мегузоранд, перомуни образҳо ва рафти сюжети матн изҳори назар мекунанд, ҷиҳатҳои сустӣ ва ё ҷасорати қаҳрамонҳо фикри худро баён мекунанд. Ин ҳама як навъ баҳодиҳӣ ба матн аст, ки хонандагон дар шинохти матни бадеӣ ва таъйини ғояву мақсади адиб раҳнамун месозад.

Дар марҳалаи сеюм, ки “тағйири матн” аст, нисбат ба ашъори ғиноӣ хонандагон ҳангоми таҳлили осори манзуми ҳамосӣ фоъолтар буданд. Чунончи, ҳангоми таълими “Достони Рустаму Сӯҳроб” дар синфи 8 вобаста ба пиндору диди худ ба матни достон тағйирот ворид карданд, ки бо дар боби сеюм онро ба тафсил овардаем. Озмоиши таълимӣ собит намуд, ки маҳз дар марҳалаи сеюм “эҷодкории хонанда ривоҷ меёбад, фантазияи худро истифода мебарад, онро таҳрир мекунад”[160,С.59].

Маҳалаи чаҳорум “таҳияи матни худ”, ба таъкиди методистон “ на ҳамеша ба маънои таҳия кардани матни нав аст, балки пешниҳоди идеяи худ, назари худ дар атрофи мавзуи матнест, ки хонанда бо он кор кардаст. Он метавонад дар шакли эссеи кӯтоҳ сурат гирад”[160,С.59]. Тачрибаҳои таълимӣ собит намуданд, ки марҳалаи чорумро ба чанд роҳ метавон амалӣ намуд: 1) Ҳангоми омӯзиши ашъори ғиноӣ, маслан, ғазал идеяе, ки шоир тачассум намудааст, метавонад мавзуи кори хаттии хонандагон интихоб шавад. 2) Ҳангоми омӯзиши осори манзуми ҳамосӣ на танҳо аз ғояи асар, балки доир ба мавзуъҳое, ки дар фаслҳои асосии достон ҳастанд метавонанд мавзуи кори хаттии хонандагон қарор бигиранд. 3) Бештар барои ичрои марҳалаи чаҳорум дар синф вақт намерасад. Ба хонандагон аз матни таҳлилшуда мавзуъҳо барои эссе пешниҳод мешавад ва онҳо мустақилона дар хона ичро мекунанд, аммо таҳлилу баррасии кори хатии хонандагон дар синф ҳатмист.

# ХУЛОСАИ БОБИ I

Омӯзишу баррасии андешаҳои мутахассисон ва таҳқиқи мавзуъ моро ба хулоса овард, ки МБТ як низоми комилан нав набуда, балки муносибати дигар ба низоми анъанавии таълим аст, ки дар он хонандагон бештар фаъолият мекунанд ва донишро тавассути таҷрибаи амалӣ ба даст меоваранд ва ин дониши андухтаашонро дар амал татбиқ мекунанд. Озмоишҳои педагогӣ ва таҷрибаю мушоҳидаҳо исбот намуданд, ки МБТ дар омӯзиши фанни адабиёти тоҷик барои пешрафти таълим ва тарбияи хонандагон аҳамияти калон дорад. МБ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар бораи фанни адабиёти тоҷик маълумоти зарурӣ пайдо намоянд, ба истилоҳоти адабӣ шинос шаванд ва дар ҳамин замина ба омӯзиши муфассали фанни мазкур омода гарданд. Нуктаи аз ҳама муҳим донишу маълумоти ба дастовардаашонро дар амал татбиқ намоянд.

Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ нишон дод, ки хонандагон бо маводи тавсиякардаи мо шинос буда, дар бораи фанни адабиёт маълумоти бештар доранд. Онҳо муносибаташонро ба раванди таълим, нисбати омӯзгору ҳамсинфон, ҳамсинфону маводи таълим ва муносибат байни ҳамдигарро муайян мекунанд. Маводҳое, ки мо дар доираи МБ пешниҳод намудем, дониш ва сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳои хонандагонро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузошт. Онҳо бо шавқи зиёд дар бораи маводҳои таълимӣ, алалхусус ашъори шоирон, достону ҳикояҳои манзум аҳамияти онҳо дар инкишофи луғатомӯзии хонандагон, ташкил ва гузаронидани корҳои беруназдарсӣ, матнҳои адабии мутолиакардаашон нақл мекунанд, маълумоташон доир ба фанни адабиёти тоҷик назар ба хонандагони синфҳои назоратӣ хеле зиёд аст.

Дар синфҳои озмоишӣ ба миқдори 20-25 соат ба технологияи нав, яъне бо дохил намудани тавсияҳои пешниҳодкардаи мо дар ҳамаи синфҳо дарс гузаронида шуд. Дар ин синфҳо мо барои мустаҳкамкунии матнҳои барномавии пештаромӯхташуда, ҳангоми истифодаи матнҳои

бадеӣ, баҳсҳои шавқовари таълимӣ, дар лаҳзаҳои гуногуни дарсҳои адабиёти тоҷик баёни мавзуи нав, такрор ва ҷамъбасткунии дониш, санҷиши савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагон маводҳои интихоб ва тартибдодаамонро истифода намудем.

Бо мақсади муайян кардани самаранокии тавсияҳо, муайян намудани савияи дониш, маҳорат ва малакаҳои амалии хонандагони синфҳои 5- 11 ҳам синфҳои назоратӣ ва ҳам синфҳои озмоишӣ, инчунин баҳри ҷамъбаст намудани озмоиши педагогӣ мо якчандто кори санҷишӣ гузаронидем. Натиҷаи озмоишҳои педагогии гузаронидашуда дар бобҳои дуюм ва сеюми рисола инъикос ёфтаанд, ки озмоишу таҳқиқи моро аз мавзуъ нишон медиҳанд.

# БОБИ II. МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ АШЪОРИ ҒИНОӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 2.1. Махсусияти таълими пораҳои шеърӣ дар курси хониши эзоҳӣ

Мувофиқи консепсияи мактаби миллӣ таълими адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба се зина ҷудо мешавад: курси хониши эзоҳӣ, курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт. Ин се зинаи таълим аз якдигар тавофут ва хусусияти хешро доранд, ки ба синну сол ва ҷаҳонбинии хонандагон алоқамананд. Агар дар курси хониши эзоҳӣ хонандагон ба хондану эзоҳ додани калима ва ибораҳо бештар машғул шаванд ва аз ҳар ҷиҳат савту хонишашон марому қурби савти овозӣ пайдо кунад, ин хусусиятҳо дар курси хониши адабӣ боз ҳам инкишоф ёфта, дар дарки масъалаҳои адабӣ ва калимасозию таркиббандӣ ва баланд бардоштани салосату балоғати ҳусни баён мақоми махсус пайдо мекунанд.

Курси хониши эзоҳӣ дар зинаи аввали таҳсилот, синфҳои I-IV гузаронида мешавад ва зинаи аввали таълими адабиёт ба шумор меравад. Дар ин зина хонандагон хондану навиштанро ёд мегиранд ва вазифаи асосии омӯзгор дар курси хониши эзоҳӣ он аст, ки хонандагонро ба дуруст ва огоҳона хондани матни бадеӣ ҳидоят намояд. Дар муддати чаҳор сол хонандагон бояд матни бадеӣ, аз ҷумла пораҳои шеърро, ки ба синну соли онҳо мувофиқ аст, мустақилона хонда тавонанд, мазмуни матни хондаашонро фаҳманд ва дар баровардани хулосаҳои одӣ салоҳият ба даст оваранд. МБ дар таълим он аст, ки хонанда дониши андӯхт ва салоҳияти бадастовардашро дар амал тадбиқ карда тавонад.

Чунонки дар фасли аввал зикр намудем, тибқи таҳқиқи мутахассисон, МБТ аз усули таълими суннатӣ фарқ дорад. Масалан, мақсади таълим дар усули анъанавӣ асосан дониш додан аст, яъне азхудкунии донишҳои назариявӣ доир ба муҳтавои таълим (мавзуъ) аст, ки хонандагон бо андӯхтани он соҳиби малакаву маҳорат мешаванд.

Аммо дар МБ мақсади таълим танҳо бо азхудкунии донишҳо маҳдуд намешавад, омӯзгор бояд диққати хонандаро ба ҷиҳатҳои амалии муҳтавои таълим (мавзуъ) ҷалб кунад, ки тавонад дониши омӯхтаашро муваффақона дар ҳаёт татбиқ намояд. Формулаи асосии натиҷаи таълим дар таълими анъанавӣ хонанда “чиро медонад”, аммо дар МБ, бино ба гуфтаи методистон, формулаи асосии натиҷаи таълим хонанда “кадом амалро иҷро карда метавонад” аст [60,45]. Пораҳои шеърие, ки дар курси хониши эзоҳӣ таълим дода мешаванд, бояд тафаккурсоз бошанд ва фаъолияти маърифатии хонандаро дар ҳаёт таъмин карда тавонанд.

Дар курси хониши эзоҳӣ адабиёт бевосита таълим дода намешавад, балки матнҳои адабие, ки ба синну соли хонанадгони синфҳои ибтидоӣ мувофиқ аст, бо воситаи китоби “Забони модарӣ” таълим дода мешавад. Бояд зикр кард, ки дар бораи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ академик М. Лутфуллозода ва академик Ф.Шарифзода таҳқиқоти густардае анҷом додаанд, ки дар рӯйхати адабиёт номгӯйи онҳоро, ки вобаста ба мавзуи таҳқиқи мост, овардаем. Ҳамчунин вобаста ба талаботи МБ таълим додани забони модарӣ аз тарафи мутахассисон модулу дастурҳои зиёде ба нашр расидаанд, ки ин ҳама кори моро то андозае осон мегардонад. Устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров З.Т. Бобоева дар рисолаи хеш “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ва мақолаи ҷудогонааш барои хониши эзоҳӣ аз осори Абдурраҳмони Ҷомӣ матнҳои кӯтоҳе пешниҳод карда, шеваи тадриси онҳоро тибқи талаботи МБ нишон додааст, ки қобили қабул мебошад [122; 125, С.143]. Аз он ҷо, ки дар модулҳои таълими “Забони модарӣ”-и синфҳои ибтидоӣ дар шароити МБ усулии таълими ин фан батафсил баён шудааст, моро аз шарҳи бисёр нуктаҳои он бениёз мегардонад, аммо дар ин модулу дастурҳо бештар пораҳои насрӣ коркард шуда, ба шеър камтар таваҷҷуҳ шудааст. Илова бар ин, ҳадафи муаллифони ин дастуру модулҳо мувофиқи талаботи МБТ дар курси хониши эзоҳӣ баланд бардоштани

саводи хаттӣ ва нутқи шифоҳии хонандагон аст, аз ин сабаб коркарди матнҳои манзум аз назари онҳо дур мондааст. Аз сӯйи дигар, дар дастурҳои таълимӣ, ки тибқи талаботи низоми анъанавӣ барои омӯзгорон навишта шудаанд, пораҳои шеърии зиёде оварда шуда, ки ба синну соли хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқанд. Онҳоро метавон мувофиқи талаботи МБТ коркард кард ва пешкаши омӯзгорон гардонид.

Дар китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи 3 ду байт аз шеъри машҳури устод Садриддин Айнӣ оварда шуда, ки дар баробари маънои баланд доштан хеле содаву равон буда, ба синну соли хонандагони синфҳои ибтидоӣ комилан мувофиқ аст:

Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад. [6,4]

Дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11» барои ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ чаҳор марҳила оварда шудааст: **дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйири матн ва таҳияи матни худ**[5,67]**.** Оё ин чаҳор марҳалаи ташаккули салоҳиятҳоро дар синфҳои ибтидоӣ низ метавон татбиқ намуд? Албатта, талаботи кор бо матни бадеӣ дар курси хониши эзоҳӣ аз курси хониши адабӣ ва курси таърихи адабиёт фарқ дорад. Аз сӯйи дигар, ин чаҳор марҳаларо ба таври содатар ва нисбатан сабуктар дар курси хониши эзоҳӣ иҷро кардан мумкин аст. Дар «Низоми таълими салоҳиятнокӣ» (Модули 1) ҳангоми нишон додани фарқи низоми таълими ба дониш асосёфта аз МБТ таъкид шуда, ки дар МБТ хонанда «қоидаи хондан (риояи задаи мантиқӣ, пайдарҳамии калимаҳо)-ро медонад ва риоя мекунад. Стратегияи мувофиқро истифода бурда, матнҳои ношиносро мехонад. Мазмуни матнҳои ношиноси миёнҳаҷм (то 300 калима), ки 5-6 калимаи нав доранд, дарк карда, фикри асосии онро муайян мекунад» [65,10]. Мутаассифона, мураттибони ин дастур нишон надодаанд, ки хонандаи кадом синфро дар назар доранд. Аз муҳтавои ин модул бармеояд, ки

мураттибони «Модули 1» фанни забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ дар назар доранд. Муроди мураттибони дастур матни насрӣ аст, на манзум, аммо ҳамин талаботро дар матни манзум низ татбиқ кардан мумкин аст.

Таълими байтҳои дар боло овардашударо мувофиқи талаботи МБ, ки барои синфи 3 пешниҳод шудааст, таҳлил мекунем. Марҳалаи аввал дарки матн аст. Се мисраи аввали пораи шеърӣ барои синфи 3 комилан фаҳмост ва барои дарки он ҳеч душворие пеш намеояд. Мисраи чаҳорум, ки ҳарчанд дар назар сода асту ҳама калимоташ фаҳмо, аммо таъбири «ба чашми аҳли олам» ва калимаи «хор» шарҳ талаб мекунад, зеро таъбироти шоирона буда, андешаро тақозо доранд. Ин ҷо методикаи таълими суннатии каломи мавзунро набояд фаромӯш кард, зеро баъзе талаботи он бо МБТ мувофиқат дорад. Қадами аввал дар методикаи таълими суннатти шеър дуруст қироат кардани матн аст. Яъне, барои дарки матни бадеӣ аввал онро бояд дуруст қироат кард, зеро «қироати дурусту саҳеҳи матн хонандаро ба дарки маънӣ ҳидоят мекунад» [150,С.146]. Омӯзгор баъд аз қироати дурусти матн, ки метавонад аз ҷониби худи ӯ ва ё хонандагон сурат гирад, калимоту таъбироти душворро бояд муайян намояд ва бо ёрии хонандагон маънии онҳоро равшан кунад. Озмоиш нишон дод, ки ин калимаву таъбироти ноошноро бо ёрии саволу ҷавоб равшан кардан самраи бештар медиҳад:

1. Аҳли олам киҳоянд?
2. Хор чист?
3. Хор хуб асту ё бад?
4. «Ба чашми аҳли олам хор гаштан» чӣ маънӣ дорад?

Хонанадамеҳвариро талаботи асосии МБТ медонанд. Аз ин рӯ, иштироки фаъоли хонандагон ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои боло маънии калимоту таъбироти ноошноро равшан мекунад. Албатта, фаъолияти омӯзгор дар раванди таълим раҳнамоии хонандагон барои намоиш додани маҳорату малака ва ёрӣ додан дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули салоҳиятҳо набояд аз назар дур кард. Бо ёрии омӯзгор

хонандагони синфи 3 ба осонӣ метавонанд ба саволҳои пешгузошта ҷавоб диҳанд ва маънии матнро дарк кунанд.

Марҳилаи дувум баҳодиҳӣ ба матн аст. Баҳодиҳӣ ба матн на ба он маъност, ки хонандагон ба маҳорати ҳунарии шоир баҳо диҳанд ва ҷиҳатҳои сусти онро ошкор намоянд. Хонандагон бояд назари худро доир ба матн иброз намоянд. Дар ин марҳала низ метавон бо воситаи саволҳо ин марҳаларо анҷом дод ва ба ташаккули салоҳиятҳо замина гузошт. Агар хонандагон матнро ба қисматҳо ҷудо намуда, дар асоси ин қисматҳо суолгузорӣ намоянд, имкон дорад, ки ғояи асосии онро муайян кунанд, мақсади муаллифро дарк намоянд ва доир ба матн андешаи худро иброз намоянд. Дар дарси озмоишӣ саволҳоро вобаста ба ҳар мисраъ чунин тартиб додем:

1. Чаро шоир ба дарс хонадан даъват менамояд?
2. Дарс хонадан чӣ фоида дорад?
3. Барои чӣ дарс мехонанд?
4. Мо барои чӣ дарс мехонем?
5. Нодону бекор  кист?
6. Чаро шоир нодону бекорро маҳкум мекунад?
7. Чаро аз нодону бекор ҳама безоранд?
8. Оё шумо одами нодону бекорро мешиносед?

Ин саволҳоро метавон идома дод, то хонандагонро бештар ба фикр кардан водор намоянд. Вақте хонандагон ба ин саволҳо ҷавоб меёбанд, метавонанд ба матн баҳо диҳанду фикри худро баён намоянд.

Марҳалаи севум тағйир додани матн аст. Дар ин марҳила салоҳияти эҷодкории хонандагон бояд ривоҷ ёбад. Хонандагон доир ба матн фикрҳои худро пешниҳод мекунанд. Яъне дар мавриди дарс хондану аз нодонӣ раҳо ёфтан, одами доно шудан, зарари нодонӣ, бекорӣ, ба касе даркор набудани нодон, коре анҷом дода натавонистани нодон ва ғайра изҳори назар мекунанд. Санҷишу мушоҳидаҳо нишон доданд, ки омӯзгор бояд имкон диҳад, ки хонандагон фикрҳои худро баён кунанд.

Ин амал имкон медиҳад, ки салоҳияти андешидан ва андешаи худро озод баён кардан дар хонандагон ташаккул ёбад.

Марҳалаи чаҳорум таҳияи матни худ аст. Ин марҳала на ба он маъност, ки хонандагони матни комилан нав таҳия кунанд ва аз хонандагон синфи 3 талаб кардани он ғайримантиқист. Ин марҳаларо монанди марҳалаи сеюм, аммо ба шакли хаттӣ иҷро кардем. Аз хонандагон дархост шуд, ки ҳамон андешаҳои худро дар бораи матн, ки шифоҳӣ баён карданд, ба шакли хаттӣ пешниҳод кунанд.

Дар китоби «Забони модарӣ»-и синфи якум шеъри «Модар»-и Эраҷ Мирзо пешниҳод шуда, ки нисбат ба шеъри дар боло овардашудаи устод Садриддин Айнӣ душвортар аст:

МОДАР

Гӯянд, маро чу зод модар,

Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт.

Шабҳо бари гоҳвораи ман

Бедор нишасту хуфтан омӯхт.

Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам

Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.

Дастам бигирифту по ба по бурд,

То шеваи роҳ рафтан омӯхт.

Пас ҳастии ман зи ҳастии ӯст,

То ҳастаму ҳаст, дорамаш дӯст.

Таҷриба нишон дод, ки, ин шеър барои синфи якум душворӣ мекунад, аммо барои синфи 2 ва ё синфи 3 хеле мувофиқ буда метавонад. Хонандагони синфи якум, ки тоза хондану навиштанро ёд гирифтаанд, шояд матни болоро хондан тавонанд, аммо дар фаҳмидани калимот ва

дарки он душворӣ мекашанд. Аз сӯйи дигар, агар ин шеър вобаста ба талаботи МБ таълим дода шавад, шояд мақсуд ҳосил гардад.

Чунонки зикраш рафт, қадами аввал ҳангоми кор бо матни бадеӣ дарки матн аст. Хонанда бояд мустақилона матнро хонад, бо мазмуни вай шинос шавад, дар атрофи унвони матн мулоҳиза кунад, калимаҳои душворфаҳми онро аз луғат ёбаду маънии онҳоро равшан кунад. Оё хонандагони синфи якум ҳангоми мутолиаи  шеъри «Модар»-и Эраҷ Мирзо аз уҳдаи ин корҳо мебароянд? Дар ҳар мисраи шеър калимоте ҳастанд, ки шарҳ додан лозим аст, монанди «гӯянд», «зод», «пистон», «гоҳвора», «хуфтан», «алфоз», «шева», «ҳастӣ». Феъли «гӯянд» хосси адабиёти классикӣ асту дар забони муосири тоҷик чандон роиҷ нест. Калимоти дигари номбаршуда низ ба ҳамин минвол аст. Хонандагони синфи якум ҳоло тарзи истифода аз луғатро ёд нагирифтаанд. Аз ин рӯ, аз луғат истифода кардани онҳо ғайриимкон аст. Аз тарафи дигар, хонандагон ба мавзуи шеър, яъне бузургии модар шинос ҳастанд. Ҳама кӯдакон модар доранду модари хешро дӯст медоранд. Омӯзгор бояд худ калимоту таъбироти душвори матнро ба таври сода, бо истифодаи муродифҳои роиҷи имрӯзаи онҳо, ки хонандагон истифода мебаранд, шарҳ диҳад. Баъд аз шарҳи калимоту таъбироти душвори матн омӯзгор хонандагонро бо мазмуни шеър ошно месозад.

Дар марҳалаи дувум, ки баҳодиҳӣ ба матн аст, омӯзгор нақши роҳбару доварро мебозад ва хонандагон бештар фаъол мегарданд. Қироати матни шеър аз тарафи ду-се хонанда имкон фароҳам меоварад, ки мазмун беҳтар фаҳмида шавад. Хонандагон бояд дар бораи модари худ сухан гӯянд. Ин амал имкон медиҳад, ки амалҳои дигари модар, ки шоир аз онҳо ҳарф назадааст, аз тарафи хонандагон ёдрас шаванд. Масалан, ҳангоми хоб афсона гуфтани модар, саҳар аз хоб хезондан, чой дам кардану субҳона хӯрондан, ба мактаб гусел кардан, ба дарстайёркунӣ ёрӣ додани модар ва ғайра. Агар ин ҳама аз тарафи хонандагон фаъолона иҷро гарданд (иҷро он ҳам душвор нест, зеро ҳар

кӯдак дар бораи модар худ сухан гуфтанро дӯст медорад), марҳалаи сеюми талаботи МБ иҷро мегардад.

Дар марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, аз хонанадагони синфи як талаб кардани таҳияи матни худ номумкин аст, аммо аз синф 3 ё 4 мушкил нест. Нақле, ки хонандагон дар бораи меҳрубониҳои модари худ мекунанд, ба масобаи «таҳияи матни худ» аст. Вобаста ба матн тартиб додани саволномаҳо, ки проблемавиянду хонандагонро ба андешидан вомедоранд, барои пурра фаҳмидани матн мусоидат менамоянд. Аммо дар синфҳои 3-4 имкон дорад, ки хонандагон бардошти худро аз матни таҳлилгардида ба таври хаттӣ пешниҳод кунанд.

Хулоса, татбиқи талаботи МБ таълими шеър дар курси хониши эзоҳӣ махсусиятҳои худро дорад, ки аз омӯзгор иҷрои ҳатмии онҳоро тақозо мекунад. Вазифаи омӯзгор дар курси хониши эзоҳӣ, пеш аз ҳама, раҳнамоӣ кардани хонандагон барои дурусти саҳеҳ хондану тавзеҳ додани калимаву ибораҳо ва ташаккул додани салоҳиятҳои огоҳонаву бошууронаи қироат кардани матни бадеист. Ҳамин тариқ, метавон дигар порчаҳои шеърӣ ва шеъри комилеро, ки дар китобҳои дарсии синфҳои ибтидоӣ омадаанд, тибқи талаботи МБ таълим дод.

## 2.2. Таълими ашъори ғиноӣ дар курси хониши адабӣ дар шароити муносибати босалоҳият

Мақсади асосии аз таълими адабиёт дар МТМУ омӯзиши асари бадеист ва ҳадафу вазифаҳои ин фан низ ба воситаи таълими асари бадеӣ сурат мегирад. Чунонки зикр намудем, дар МТМУ хониши асари бадеӣ аз курси хониши эзоҳӣ (синфҳои 1-4), яъне синфҳои ибтидоӣ шуруъ мешавад, дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7), ки идомаи мантиқии он аст, адабиёт ба таври мавзуӣ таълим дода шуда, омӯзиши осори бадеӣ мақоми бештар касб мекунад. Дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11)

ба таври солшуморӣ (хронологӣ) омӯхта шуда, асари бадеӣ ҳамроҳ бо зиндагиномаи адиб ҳаматарафа таҳлил мегардад.

Дар таълими анъанавӣ вазифаи хониш дар зинаи аввал (курси хониши эзоҳӣ) "аз он иборат аст, ки хонандагон беғалат хонда тавонанд, суръати хониши онҳо мувофиқи меъёри муайяншуда бошад, мазмуни матни хондаашонро фаҳманд ва нақл карда тавонанд" [11,204]. Ин ҳадафҳои таълими осори бадеӣ ва вазифаҳои он дар зинаи дуюм, яъне курси хониши адабӣ низ идома меёбад ва талаботи нав илова мегардад. Дар курси хониши адабӣ хонандагон бо матнҳои бадеии нисбатан калонтар сару кор доранд ва асари бадеӣ бояд бо иҷрои кулли қавоиди хониши бадеӣ қироат карда шавад. Хонандагон бояд мустақилона дар хона асари бадеии тавсияшударо мутолиа намоянд ва дар синф он асари хондаашонро нақл карда тавонананду ба саволҳои муаллим ҷавоб гӯянд. Аммо дар МБТ дар курси хониши адабӣ таълими асари бадеӣ бо ин маҳдуд намегардад. Нахустин талаботи МБТ дар курси хониши адабӣ он аст, ки бояд, пеш аз ҳама, ба хонанда он матни бадеиро пешниҳод кард, ки тафакукурсоз бошаду дар ташаккули салоҳиятҳои хонанда мусоидат намояд. Яъне, мақсади таълими асари бадеӣ, чи дар курси хониши адабӣ ва чи дар курси таърихи адабиёт "равона сохтани диққати хонанда ба ҷиҳатҳои амалии мундариҷаи таълим" ва "таъминкунандаи фаъолияти муваффақона дар ҳаёт аст" [60,45]. Пас, оё ҳама он матнҳои бадеие, ки дар "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI" (2007) барои курси хониши адабӣ пешниҳод шудаанд, ба талаботи МБТ ҷавобгӯянд? Адабиётшинос Ш.Р. Исрофилниё дар мақолаи худ "Адабиёт ва мушкилоти таълими он дар мактаб" нишон додааст, ки қисмати бештари матнҳои адабии дар барнома пешниҳодшуда на танҳо ба талаботи МБ ҷавобгӯ нестанд, балки принсипҳои асосии таълими анъанавии адабиёт дар ин барнома иҷро нагардидааст [148, 4].

Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ бо дарназардошти синну соли хонандагони синфҳои 5-7 пораҳои шеърие интихоб намуда, вобаста ба талаботи МБТ аз ба озмоишҳои педагогӣ гузаронидем ва натоиҷи онро

меоварем. Дар интихоби шеърҳо сараввал ба барномаи ҷории таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ (соли 2007) такя кардем, аммо ба он маҳдуд нашудем. Ҳангоми интихоби осори бадеӣ ба барномаи ҷорӣ такя намуданамон аз он сабаб аст, ки он аз тарафи мушовараи ВМИ ҶТ тавсия шудааст ва аз омӯзгорон иҷрои он талаб карда мешавад. Аз сӯйи дигар, МБТ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки мавзуъ ва мундариҷаи таълимро иваз намояд, зеро мавзуъ ва мундариҷаи таълим барои ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун восита хидмат мекунанд. Масалан, дар барномаи ҷорӣ барои синфи 5 ба ғайр аз намунаҳои адабиёти шифоҳию масъалаҳои назарӣ, чун ҳиҷо, рукн ва вазни шеър таълими намунаҳои осори адабии 21 шоиру нависанда, ҳам аз адабиёти гузашта ва ҳам аз адабиёти муосир пешниҳод шуданд, ки бояд дар 68 соат таълим дода шаванд ва ин хеле сербор буда, иҷрои дурусти он ғайриимкон аст. Бояд тазакур дод, ки МБ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки аз барнома ҳамон матнҳоро интихоб кунаду таълим диҳад, ки барои ташаккули салоҳиятҳо хидмат мекунанд. Масалан, барои таълим осори устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 5- соат ҷудо шуда, таълими панду андарзии шоир, ки дар осори бозмондаи Одамушшуаро омадаанд, пешниҳод шудааст: “Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ”, “Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад”, “Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир, “То ҷаҳон буд аз сари одам фароз”, “Ба чашми дилат бояд дид ҷаҳон”. Васфи ҳусни табиат: “Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд”, Бихандад лола бар саҳро”, “Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб” [16,22]. Мо бо ҳаммуаллифии профессор Ш.Р. Исрофилниё дар дастури таълимии “Шарҳи мунтахаби ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” аксари ин шеърҳои дар барнома пешниҳодшударо шарҳ додаем. Аммо дар ин маҷмуа шеърҳои устод Рӯдакӣ на вобаста ба талаботи МБ, балки бо риояи методикаи таълими суннатии каломи манзум ва бо назардошти синну соли хонандагони мактаб шарҳу тафсир шуда, дар баробари маънии байтҳо вазну қофия, радиф ва корбурди санъатҳои бадеӣ ҳам нишон дода шудаанд. Ин китобро омӯзгорону хонандагон метавонанд ба сифати дастур истифода

баранд, аммо набояд бо он қонеъ гарданд, зеро МБТ талаботҳои зиёдтаре дорад.

Озмоишҳои педагогӣ ва таҷрибаву мушоҳидаҳо нишон доданд, ки қитъаву рубоиҳои Абуабдуллоҳи Рудакӣ хеле содаву равон буда, ба синну соли хонандагони синфи 5 мувофиқанд. Агар ин рубоиҳо тибқи талаботи МБ таълим дода шаванд, хонандагон ҳам дониш меандӯзанд ва ҳам дониши фарогирифтаашонро дар зиндагӣ татбиқ намуда метавонанд. Ин шеърҳо моломол аз андешаҳои пандуандарзиянд, ки хонандагонро дар руҳияи ватандӯстию инсондӯстӣ, фарқ кардани хубию бадӣ, дӯстӣ, саховату ҷавонмардӣ ва дигар хислатҳои нек тарбият менамояд. Чунончи, рубоии зер:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ!
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ. [35,38]

Бояд зикр кард, ки кор бо матни бадеӣ дар курси хониши адабӣ, бино ба гуфтаи мутахассисон, аз қисматҳои муҳимми таълими адабиёт дар мактаб ба ҳисоб меравад. Таҳлили матни асари бадеӣ хонандагонро ба олами зоҳирию ботинии асари бадеӣ ворид месозад, онҳоро бо ҳунари тасвиророӣ ва маъниофаринии шоирон шинос мекунад ва завқи зебоиро дар замири онҳо бедор месозад. Таълими шеър вобаста ба талоботи МБ аз таълими суннатии он фарқ дорад, аммо бо он беалоқа нест. Раванди таълими ашъори ғиноӣ вобаста ба талаботи МБ ин гуфтаро собит менамояд. Аввалин озмоише, ки аз ашъори ғиноӣ дар ду синфи 5 МТМУ №25 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе гузаронидем, қитъаи зикршудаи устод Рӯдакӣ буд. Синфи 5”а”-ро синфи озмоишӣ қарор додем ва барои он ки натиҷаи корамонро дар муқоиса санҷем, синфим 5 “б”-ро ба ҳайси синфи назоратӣ интихоб намудем. Дар синфи 5 “а” мо дарсро мувофиқи талаботи МБ ба роҳ мондем, аммо дар синфи 5 “в” муаллима ҳамин мавзуъро тибқи талаботи низоми анъанавӣ гузашт.

Мувофиқи талаботи МБТ, пеш аз ҳама, бояд савол гузошт, ки барои чӣ ин қитъаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба хонандагони синфи 5 таълим дода мешавад? Бо ҳифз кардану донистани маънои ин қитъаи шеърӣ хонандагон ба чӣ салоҳиятҳо ноил мегарданд, ки дар оянда ба онҳо лозим мешавад? Яъне зарурати таълими қитъаи мазкур бояд дар мадди назар дошта бошем. Дар қадами аввал, бо иштироки фаъоли хонандагон матни шеър қироат шуд, зеро бидуни қироати дурусти матни бадеӣ дарки он аз имкон берун аст. Ин талаботи ҳам МБТ ва ҳам методикаи суннатии таълими шеър аст. "Дарки матн", ки марҳалаи аввали МБ мебошад, қироати саҳеҳ ва ифоданоки матнро талаб менамояд, ки дар низоми анъанавӣ онро "хониши ифоданок" мегӯянд. Мушоҳидаҳо дар мактабҳои озмоишӣ нишон доданд, ки омӯзгороне, ки бо талаботи МБТ хониши ифоданокро дар курси хониши адабӣ самаранок ба роҳ мемонанд, бо комёбиҳои назаррас муваффақ мешаванд. Яъне, ҳангоми қироати матн ба зада ва аломатҳои китобат диққати махсус бояд дод, то маънии матнро ҳам худи қироаткунанд (омӯзгор ва ё хонанда) ва ҳам сомеъон бифаҳманд. Баъзан хонандагон шеърро дӯст медоранд, вале онро дар синф, дар ҳузури ҳамсинфон хонда наметавонанд. Воқеан, барои дигарон хондани шеър нисбатан душвор аст. Хониши овозии шеър ё худ хониши бадеӣ, декломация - ин ҳам як навъи санъату ҳанар аст. Омӯзиши ин ҳунар заҳмат ва вақти зиёд металабад. Барои ба шунаванда расонидани фикр ва ҳиссиёти шоир, ки ба воситаи образҳои бадеӣ, порчаҳои тараннумӣ ва оҳанг ифода меёбад, қавоиди шеър ва қироати онро омӯхтан лозим аст. Агар хонанда маънои калимаю ибора ва ё байтҳои шеърро нафаҳмида қироат кунад, сомеон мақсади шоирро дониста наметавонад. Хулоса, пеш аз қироат ва ҳифз кардани шеър ба хонандагон мазмун ва ғояи матнро фаҳмонидан лозим аст.

Барои дарки матни шеър бояд калимоту таъбироти онро фаҳмид. Дар қитъаи шеърии зикршудаи устод Рӯдакӣ чанд калима ва ибора ҳаст, ки бояд шарҳ ёбанд: ***нафс, амирӣ, ар, нукта, фитода, пой задан***. Агар

шогирдон худ аз луғат маънии онҳоро шарҳ диҳанд хубтар аст, аммо озмоиш нишон дод, ки хонандагони синфи панҷум шеваи кор бо фарҳангу луғатро намедонанд. Таҷриба нишон дод, ки муаллим бояд аз синфи панҷум сар карда шеваи кор бо фарҳангу луғатҳоро ба хонандагон омӯзад. Дар дарси аввал дар шарҳи калимоти душвори матн ба хонандагон ёрӣ ва раҳнамоӣ кардем. Бо истифода аз китоби "Шарҳи мунтахаби ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" ва "Фарҳанги забони тоҷикӣ" калимаву ибораҳои душвори шеърро бо иштироки хонандагон чунин шарҳ дода шуд: **Нафс-** дар луғат ба чандин маъно омадааст, аммо дар ин рубоии ба маъни ҳавову ҳавасҳои нафсонии инсон дар назар аст; **амирӣ-** яъне, амир ҳастӣ, ҳукмрон ҳастӣ; **ар**- шакли кӯтоҳшудаи пешоянди агар; **нукта**- сухани покиза, гапи латиф аст, аммо нуктагирӣ ба маънии айбҷӯйӣ, хурдагирӣ кардан аст; **фитода**- афтода, оҷиз, нотавон, дармонда; **пой задан-** касеро задан, шикаст додан; **дасти касеро гирифтан-** ба касе ёрӣ додан. Шарҳи ибораву калимоти душвори матн имкон дода, ки хонандагон дар бораи матни шеър мулоҳиза намоянд ва маънии онро дарк кунанд.

Марҳалаи дувуми МБТ баҳодиҳӣ ба матн аст, ки идомаи мантиқии марҳаллаи нахуст мебошад. Дар марҳаллаи аввал хонанда бо қироат матн бо мазмуни он шинос мешавад ва дар атрофи он мулоҳиза мекунад, калимоти душворфаҳми матнро аз луғат меёбад ва маънии онҳоро шарҳ медиҳад. Дар марҳалаи дувум барои баҳо додан ба матни шеър онро ба қисматҳо ҷудо мекунад, мақсади шоирро дарк мекунад ва идеяе, ки шоир дар ин қитъаи шеърӣ баён кардааст, муайян менамояд ва дар охир андешаҳои худро доир ба матни шеър баён мекунад.

Ҳамчунин дар марҳалаи дувум хонандагон бояд доир ба матни шеъри зикршуда андешаҳои худро баён кунанд. Озмоиш нишон дод, ки ин корро бо ёрии саволу ҷавоб иҷро кардан беҳтар аст. Ба хонандагон супориш дода шуд, ки матни қитъаро ба қисматҳо ҷудо намоянд ва ба ҳар як қисмати ҷудошуда савол гузоранд. Ба қисматҳо ҷудо кардани матни шеърро метавон ҳам дар гурӯҳҳо ва ҳам дар алоҳидагӣ анҷом дод. Ҳамчунин колективона бо ёрии муаллим метавон ин корро анҷом дод. Хубии кори колективона он аст, ки

диққати хонандагон бештар ба матн равона мешавад, ҳар кас мехоҳад фикри худро баён кунад. Фаъолияти хонандагон дар раванди дарс ба маҳорати педагогии омӯзгор вобаста аст. Ҳар қадар хонандагон фаъол бошанд, сатҳи азхудкунии мавзуъ ва ташаккули салоҳиятҳо бештар мегардад. Мо корро колективона анҷом додем ва қитъаи шеърии болоро бо пешниҳодҳои хонандагон ба чунин қисматҳо тақсим намудем:

1. Агар инсон ҳавову ҳаваси нафсонии худро идора карда тавонад, мард аст.

2. Агар одам ба инсонҳои барҷомонда ва нотавону маъюб айбҷӯӣ накунад, мард аст.

3. Шикаст додани одами нотавону заиф ва бечора нишони мардӣ нест.

4. Одаме, ки ба бечорагону дардмандаҳо ёрӣ медиҳад, мард аст.

Ба хонандагон супориш додем, ки дар асоси ин қисматҳо саволнома тартиб диҳанд. Бо назардошти фикри хонандагон саволҳои зерро пешниҳод шуд:

1.Марди кисту мардӣ чист?

2. Он касе, ки ба одамони нотавону маъюб айб мемонад, оё мард аст?

3.Оё ранҷонидани одамони нотавон нишони мардӣ аст?

4. Кадом амал нишони мард будан аст?

Озмоиш нишон дод, ки агар раванди дарс чунон ташкил карда шавад ва хонандагон ба ин саволҳои пешниҳодшуда, ки дар тартиб додани он саҳм доранд, ҷавоби саҳеҳ медиҳанд.

Марҳаллаи севуми талаботи МБ тағйир додани матн аст. Хонандагон бо тай кардани ду марҳалаи аввал бо мазмуну муҳтавои шеър шинос шуданд ва ғояи асосии онро дарёфтанд. Яъне, ғояи асосии қиттъаи шеърӣ тарғиби ҷавонмардӣ аст, ки бо роҳнамои мо хонандагон ба чунин хулоса омаданд. Албатта, хонандагон шеъри шоирро тағйир дода, дигар хел баён карда наметавонанд ва ин кор шарт ҳам нест, аммо метавонанд бо ёрии омӯзгор доир ба ҷавонмардӣ фикрҳои худро

пешниҳод кунанд. Мо барои татбиқи марҳалаи сеюм чунин суол гузоштем:

Боз кадом хислатҳои инсон ба мард будани вай гувоҳӣ медиҳад?

Барои ҷавоб додан ба ин савол хонандагон андеша карданд ва таъкид намедем, ки вобаста ба рӯзгори имрӯза аз таҷрибаи худашон мисол биёранд. Абдураҳим ба саволи боло чунин ҷавоб дод:

- Ёрӣ додан ба куҳансолон нишони мардӣ аст.

Манижа чунин пешниҳод кард:

- Касе одами маъюбро аз роҳ гузаронад, мард аст.

Ба ҳамин монанд чанд хонандаи дигар доир ба саволи боло фикрашонро баён карданд. Методи саволу ҷавоб, мубоҳисаву мунозара имкон дод, ки чандин салоҳият дар хонандагон шакл гирад, ки мо дар боби аввал раванди ташаккули салоҳиятҳоро дар ҷадвал нишон додем.

Баъд аз тай намудани се марҳалаи аввал аз таҳлили қитъаи шеър натиҷагирӣ кардем. Ба таъбири дигар, маънии шеърро баён кардем. Маънии рубоии таҳлилшударо аз китоби "Шарҳи мунтахаби ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пешкаши хонандагон намудем: "**Маънии рубоӣ:** Агар нафс ва ҳавову ҳавасҳои нафсонии худро зери итоат нигоҳ дорию ба майли он наравӣ, марди комил ҳастӣ, ба одамони оҷиз айбҷӯйӣ накунӣ, мардӣ. Мардӣ он нест, ки одамони нотавон ва афтодаро шикаст диҳӣ, агар дасти одами фитода, нотавону оҷизро бигирӣ, ба онҳо ёрӣ расонӣ, мард ҳастӣ"[35,39].

Марҳаллаи чаҳорум таҳияи матни худ аст. Таҷриба нишон дод, ки ин корро низ метавон дастаҷамъӣ бо роҳбарии омӯзгор ё дар гурӯҳҳо ва низ дар танҳоӣ иҷро кард. Аз хонандагони синфи 5 талаб кардани кори хаттии калонҳаҷм монанди иншо ё эссе ҳанӯз барвақт аст. Аммо метавон талаб кард, ки доир ба қитъаи шеърии таҳлилшуда фикри худро хаттӣ баён кунанд. Баррасии кори хатии хонандагон нишон дод, ки кори хаттии баъзе аз онҳо аз якчанд ҷумла иборат асту бас. Мо онро ҳамчун эссеи хурд қабул карда, хонандагон таҳсин намудем, зеро ин амал имкон медиҳад, ки нутқи хаттии хонандагон инкишоф ёбад. Аз сӯйи дигар,

кори хатии чаҳор хонанда қариб як саҳифаро дар бар мегирифт. Маълум шуд, ки ин хонандагон мазмуни қитъаро дуруст азхуд карда, идеяи асосии онро дарёфтаанд. Маҳз ҳамин дарки матни шеъру баҳодиҳӣ ба он ба ин хонандагон имкон дода, ки дар марҳалаи чаҳорум тасаввуроти худро доир ба ғояи асосии матн, ҷавонмардӣ эҷодкорона баён кунанд.

Хулоса, озмоиши қитъаи шеърии зикршудаи устод Рӯдакӣ дар ду синфи 5 собит намуд, ки таълими ашъори ғиноӣ вобаста ба талаботи МБ нисбат ба низоми анъанавии таҳлилу таълими шеър самараи бештар медиҳад. Мо дар ибтидои дарс, ки ташаккули салоҳиятҳоро доир ба мавзуи зикршуда ба нақша гирифта будем, иҷро гардид. Раванди ташаккули салоҳиятҳоро дар боби аввал ҳангоми баррасии таълими интерактивӣ ва нақши техлогияи таълим дар ташаккули салоҳиятҳо муфассал тариқи ҷадвал нишон додаем (нигаред ба саҳифаи 40-41).

Ин нуктаро бояд тазаккур дод, ки мураттибони “Барномаи таълими адабиёти тоҷик барои синфҳои V-XI” (2007) донистани вазну қофия ва радифро ҳатто барои синфи 5 зарур медонанд. Роҳбари илмӣ Ш.Р. Исрофилниё дар мақолаи зикршудаи худ таълими вазни шеърро дар курси хониши адабӣ зарур намедонанд ва бар он андешаанд, ки хонандагон ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳро донанд, калимоти қофия ва радифи шеърро дарёбанд ва шеъри мавзунро аз номавзун фарқ карда тавонанд, кофист[148,4]. Мо ба фикри устод Ш.Р. Исрофилниё комилан розӣ ҳастем. Озмоиш нишон дод, ки хонандагони синфҳои 5-7 дар ин синну сол наметавонанд вазни шеърро, ки хеле мураккаб аст, муайян намоянд.

Ба ҳамин монанд, бо риояи чаҳор марҳалаи талаботи МБ ашъори ғиноии дигари устод Рӯдакиро аз санҷиш гузоронидем ва натоиҷи таҳқиқу санҷиши онҳоро мухтасар меоварем. Мо дар китоби зикршудаи худ ба ҳар як шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ вобаста ба мазмуни он унвон ниҳодаем, ки барои омӯзгорону хонандагон ташхиси онҳо осон гардад. Шеъри дувуме, ки дар барнома барои таълим пешниҳод шудааст, “Ҷаҳон” аст:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.

Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ

Киштие соз, то бад-он гузарӣ! [ 35, 24]

Дар ин пораи шеърӣ ҳама калимаҳо барои хонандагон фаҳмост, аммо ин маънои онро надорад, ки аз шарҳи таъбироти шоиронаи он сарфи назар шавад. Дар ин масъала донишманди рус В.В. Голубков менависад: “Хонандагон асари бадеӣ мехонанд, ягон калима ва ё ифода барои онҳо ношинос аст ва ба тавзеҳ ниёз дорад, вале бештари калимот ба ҳадде фаҳмоянд, ки хонандагон метавонанд матнро муҳокима кунанд. Пас омӯзгор танҳо ба шарҳи калитмоти душвор маҳдуд мегардад? Не. Бештари калимаҳоро хонандагон на ба ҳадди даркорӣ дуруст шарҳ медиҳанд. Илова бар ин бештари калимаҳоро мефаҳманд, вале дар нутқи худ ба кор намебаранд. Бо мақсади ғанӣ гардонидани доираи захираи луғавии забони онҳо ин калимаҳоро шарҳ додан, саҳеҳу дақиқ намудан ва аз захираи карахту беҳаракат ба захираи фаъол интиқол додан зарур аст” [20, 495]. Ин талабот ҳангоми шарҳу таҳлили асари бадеӣ, ки донишманди рус пешниҳод кардааст, дар каломи манзум аҳаммияти бештар дорад, зеро шоирон бештари калимоти таъбиротро на ба маънои аслӣ, балки ба маънои маҷозию истиоравӣ ба кор мебаранд. Омӯзгор бояд ба ҳар калимаву таъбироти шеър диққат диҳад, то хонандагон ба умқи маънии байт сарфаҳм раванд.

Дар порчаи шеърии дар боло овардашуда ибораи “чашми хирад” тавзеҳи бештар талаб мекунад. Чашми хирад - чашми ақл, чашми ботин. Ин ҷо санъати ташхис ба кор рафтааст, шоир ба хираду дониш шахсият медиҳад ва онро ба мисоли инсоне ба тасаввур меоварад, ки чашм дорад. Бояд хонандагонро ба зебоии шеър, ки ҷозибаи худ хос дорад, аз хурдӣ ошно кард. Аммо наметавон тамоми хусусиятҳои каломи мавзунро якбора ба хонандагони синфи панҷ таълим дод. Махсусиятҳои каломи бадеъро бояд вобаста ба синну соли хонандагон, бо назардошти ҷаҳонбинии онҳо зина ба зина таълим дода шавад. Аз ҳамин сабаб, мутахассисон таълими адабиётро ба зинаҳо тақсим кардаанд, ки ҳар яке онҳо ҳадаф ва мақсади хоси худро дорад.

Дар таълими санъатҳои бадеӣ низ бояд аз сода ба мураккаб рафт. Содатарин ва роиҷтарин санъати бадеӣ санъати ташбеҳ аст. Зарурат надорад, ки барои хинандагони синфи панҷум омӯзгор таърифи онро аз китобҳои назарӣ, монанди “Санъати сухан”-и Туроқул Зеҳнӣ биовараду доир ба хелҳои ташбеҳ аз осори шоирон мисолҳо орад. Тибқи талаботи МБТ аз мавзуи матраҳшаванда он маълумот ба хонанда бояд пешниҳод шавад, ки зарурат дорад ва ба ташаккули салоҳиятҳо мусоидат мекунад. Масалан, дар мавриди санъати ташбеҳ хонандаи синфи панҷ, ки нав бо матни бадеӣ сару кор дорад, чиро бояд донад? Ташбеҳ монанд кардан аст. Яъне як ашё ба ашёи дигар монанд карда мешавад ва дар байни монанкунандаву монандшаванда бояд монандие бошад, ки онро ваҷҳи ташбеҳ мегӯянд. Дар шеъри болои устод Рӯдакӣ ҷаҳон ба дарё ва накӯкорӣ ба киштӣ ташбеҳ шудааст. Сабаби монандии ҷаҳон ба дарё паҳноварӣ ва ваҷҳи ташбеҳи накӯкорӣ ба киштӣ ҳамоно фоидаоварии онҳост. Таълими анвои ташбеҳ ва шароити он барои хонандагони синфи 5 душворӣ мекунад. Бо анвои ташбеҳ хонандагон дар курси таърихи адабиёт шинос хоҳанд шуд.

Ошноӣ бо матн, шарҳи калимоту таъбироти душвор ва ёфтани санъатҳои бадеӣ вобаста ба марҳалаҳои якуму дувум, яъне дарки матну баҳодихӣ ба он дохил мешавад. Марҳилаи сеюму чаҳоруми МБТ-ро низ монанди қитъаи шеърии дар боло таҳлилшуда бо воситаи саволу ҷавоб ва нақли шифоҳию нақли хаттӣ метавон анҷом дод.

Барои ташаккули салоҳиятҳои адабӣ дар курси хониши адабӣ марҳалаи севуму чаҳорум, яъне, тағйири матн ва таҳияи матни худ нақши калидӣ бозида метавонанд. Ба қисматҳо ҷудо кардани матни бадеиро ба сифати тағйири матн қабул кардан мумкин аст. Ҳангоми ба қисматҳо ҷудо кардани матн хонанда имкон дорад, ки ба он тағйирот ворид намояд. Масалан, шеъри мавриди назари устод Рӯдакиро бо ҳамроҳии хонандагон ба чунин қисматҳо ҷудо намудем:

1. Ба ин ҷаҳон бояд ба чашми ақлу хирад, чашми дил нигоҳ кард.
2. Бо чашми зоҳир наметавон мушкилоти асосии оламро дид.
3. Ин ҷаҳон монанди дарёи пурмавҷу паҳновар аст.

4. Касе аз ин дарё (ҷаҳон) гузаштан метавонад, ки аз накӯкорӣ киштие сохта бошад.

Вақте матни шеър ба қисматҳо ҷудо шуда, ба наср гардонида мешавад, дарки он осонтар мегардад. Хонанда, ки ба мазмуни рубоӣ огоҳ шудааст, метавонад дар бораи он фикри худро ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ баён кунад. Агар марҳалаи севуму чаҳорум дар алоҳидагӣ сурат гирад, яъне ҳар хонанда ҷудогона андешаҳои худро ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ баён намояд, заминае барои инкишофи нутқӣ хаттӣ ва шифоҳияш пайдо мекунад, ки ба ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ, донишандӯзӣ, маърифатӣ-ахлоқӣ ва монанди инҳо мусоидат менамояд.

Дар таълими анъанавӣ ва методикаи суннатти таълими шеър дар охир маҳсули байт оварда мешавад. Яъне баъд аз қироати матн, дарёфти вазну қофия, радиф, ҳарфи навӣ, шарҳи калимоти душвор, шинохти санъатҳои бадеӣ ва тасвирҳои шоироона бояд маънии байт равшан гардад. Таҳияи матни худ, ки марҳалаи чаҳоруми МБТ аст, дар курси хониши адабӣ метавон ин амалро натиҷагирӣ аз матн номид.

Маънии қитъаи болоро мо дар китоби худ чунин овардаем: “Ин ҷаҳон, ки мо дар он зиндагӣ дорем, пур аз розу муаммоҳост ва бо чашми зоҳирбин наметавон ба умқи он пай бурд. Бояд ба ин ҷаҳону сирру асрори он бо чашми ақл, чашми ботин нигарӣ ва аз ҳар ҳодисаву воқеаи он панд гирӣ. Ин ҷаҳон монанди дарёи паҳновару амиқ аст ва касе аз он метавонад ба осонӣ гузарад, ки аз накӯкорӣ киштие сохта бошад. Яъне, танҳо инсони накӯкор дар ин дунё ҳуқуқи зистан дорад” [35,25]. Ин маънии қитъаи Рӯдакӣ, ки бо ҷамъбасти андешаҳо ва матни таҳиянамудаи хонандагон ҳосил шудааст, метавонад маводи хубе барои натиҷагирӣ ва тахайюлоти хонандагон дар бораи ин ҷаҳону расолати зиндагии инсон гардад.

Дар барномаи ҷорӣ барои синфи 5 байти зери машҳури устод Рӯдакӣ, ки мо онро “Таҷрибаи рӯзгор” унвон додаем, пешниҳод шудааст:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,

Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд!

Ин байтро низ мисли қитъаҳои шеърии фавқуззикр вобаста ба талаботи МБ метавон таълим дод. Аз он ҷо, ки як байт аст, омӯзгор метавонад қироати онро аз чанд хонанда хоҳиш кунад. Баъд аз қироати матн хонандагон бо ёрии омӯзгор калимоту таъбироти душворро шарҳ медиҳанд. Дар ин байт калимаҳои «баҳра», «дафъ», «ҳаводис» барои хонандагони синфи панҷум ноошно буда метавонанд, ки шарҳи онҳоро меоварем. **Баҳра:** фоида, суд. **Дафъ**: дур кардан, бартараф намудан. **Ҳаводис**: ҳодисаҳо, воқеаҳо. Имкон аст, ки хонандагон таъбирҳои «таҷрибаи рӯзгор», «баҳра гирифтан», «дафъи ҳаводис» ва «ба кор ояд»-ро дуруст нафаҳманд. Шарҳи ин таъбирҳо имкон медиҳад, ки хонандагон байтро хубтар дарк кунанд.

Яке аз талаботи МБТ дар дарси адабиёт иштироки фаъоли хонандагон ҳангоми таҳлили матн аст. Аз ин рӯ, бояд дар шарҳи калимоту таъбироти шеър хонандагон бояд иштироки фаъол дошта бошанд. Хонандагон бо калимоти ин ибораҳо ошно шуданд, аммо ин ошноии сатҳист. Масалан, калимаи «таҷриба»-ро шояд хонандагон дар зоҳир фаҳманд, вале дар шарҳи он оҷизӣ мекашанд. Барои он ки хонандагон дониши воқеӣ аз маънии калима дошта бошанд ва салоҳияти истифодаи он калимаро дар ҳар маврид ба даст оваранд, омӯзгор бояд ҳангоми шарҳу таҳлил методи саволгузориро ба кор баранд. Ба тариқи намуна дар мавриди вожаи «таҷриба» дар дарси санҷишӣ чунин саволҳоро пешорӯи хонандагон гузоштем ва ҷавоби онро талаб намудем:

1. Таҷриба чист ва чӣ тавр ҳосил мешавад?
2. Кадом амал боиси эҷоди таҷриба мешавад?
3. Киро одами таҷрибадор мегӯянд?
4. Шумо дар кадом кор таҷриба доред?
5. Чаро шоир «таҷрибаи рӯзгор» гуфтааст?
6. Оё рӯзгор таҷриба дорад?
7. Чӣ тавр аз рӯзгор, зиндагӣ таҷриба гирифтан мумкин аст?

Ин саволҳо хонандагонро маҷбур мекунад, ки дар мавриди калимаи «таҷриба» андеша кунанд ва албатта, бо ёрии омӯзгор метавонанд ба умқи калима сарфаҳм раванд. Ин гуна саволгузорирро дар мавриди дигар

калимаву ибораҳои байт идома додан мумкин аст. Вақте калимаву ибораҳои байт ба таври комил равшан шуданд, омӯзгор бояд вобаста ба маъно ва мазмуни байт саволгузорӣ кунад. Масалан, дар мавриди мазмуни байти боло чунин саволҳо гузошта шуд:

1. Кадом таҷрибаи зиндагиро номбар карда метавонед, ки барои дур кардани ҳодисаи бад ба шумо мадад мекунад?

2. Оё инсон метавонад аз таҷрибаи дигарон фоида барад?

Ин саволгузориҳо ва ҷавоби онҳо аз тарафи хонандагон маънии байтро равшан мекунад ва хонандагон метавонанд  ба ғояи аслии байту ҳадафи шоир пай баранд. Омӯзгор баъд аз шунидани ҷавобҳои шогирдон маънии байтро ҷамъбаст мекунад. Мо ин байтро дар китоби худ чунин шарҳ додаем: Эй ҷавонмард, туро зиндагӣ устоди накӯст, бирав, зиндагиро биёмузу аз неку бади он панд бигир ва аз таҷрибаи рӯзгор баҳра бардор, ки рӯзе ҳамон таҷриба барои ҳалли мушкилот ва халосӣ аз вазъияти номусоид ба ту ёрӣ медиҳад» [35,44].

Дар марҳалаи чаҳоруми МБ, ки таҳияи матни худ аст, метавон аз хонандагон доир ба таҷрибаи зиндагӣ эссеи хурд талаб кард.

Шеъри дигаре, ки таълими он дар барномаи мактаб барои синфи 5 пешниҳод шудааст, порчае аз маснавии Рӯдакӣ аст, ки мо ба он унвони «Дониш» гузоштем:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,  
Кас набуд аз рози дониш бениёз.  
Мардумони бихрад андар ҳар замон  
Рози донишро ба ҳар гуна забон  
Гирд карданду гиромӣ доштанд,  
То ба санг-андар ҳаме бингоштанд.  
Дониш андар дил чароғи равшан аст  
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст…  
Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,  
То тавонӣ, рӯй бар он ганҷ неҳ. [35,34]

Методистон таъкид кардаанд, ки ҳар гуна таҳлили матни бадеӣ, пеш аз ҳама, бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва дараҷаи фаҳмиши хонандагон роҳандозӣ мегардад. Дар МБТ илова бар хусусияти синнусолӣ ва фаҳмиши хонандагон зарурати матни интихобшуда низ ба назар гирифта мешавад. Байтҳои болои устод Рӯдакӣ комилан ба синну соли хонандагон мувофиқат мекунанд ва дорои андешаҳои баланди тарбиявӣ низ мебошанд. Яъне ин байтҳои шоир, агар дуруст таълим дода шаванд, хонандагон ҳам дониш мегирад ва ҳам дар масъалаи зарурати омӯхтани донишро, ки дар зиндагӣ барои онҳо даркор аст, маълумот ҳосил мекунанд.

Дар низоми таълими анъанавӣ шеъре, ки аз чанд байт иборат аст, монанди ғазал ё қасида байт ба байт таҳлил карда мешавад. Ҳам дар низоми анъанавӣ ва ҳам дар МБТ қадами аввал дар таҳлили шеър қироати матни бедеист. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон бо матн ошно шаванд ва онро дарк кунанд. Нишон додани вазни шеър қадами дувум дар таҳлили каломи мавзун аст.

Чунонки қаблан тазаккур додем, барои хонандагони синфи панҷум иҷрои ин амал душворӣ мекунад, аммо мураттибони барнома онро зарур мешуморанд. Вазни шеъри боло рамали мусаммани маҳзуф (фоилотун фоилотун фоилун) аст. Агар омӯзгор худ вазни шеърро муайян кунаду дар тахтаи синф нависад, талаботи барнома иҷро мешавад. Аммо санҷиш нишон дод, ки хонандагони синфи панҷум аз вазни шеъру номи баҳрҳо маълумоте надоранд, ин амал ба ҷуз аз сарфи беҳудаи вақт чизе дигаре намедиҳад.

Таъйини калимоти қофия ва радифи шеър он қадар кори душвор нест. Аммо пеш аз ин хонандагон бояд дар бораи қофияю радиф маълумот дошта бошанд. Дар мавриди таълими қофияю радиф Ш.Р. Исрофилниё ва З.Т.Бобоева дар мақолаи худ «Методикаи таълим як ғазали Абдураҳмони Ҷомӣ вобаста ба муномибати босалоҳият ба таълим дар синфи 9» менависанд: «Дар мавриди шинохти калимоти қофия ҳеч зарурат надорад, ки омӯзгор таърифи мураккаби қофия, ки дар китобҳои назарияи адабиёт дарҷ шуда ва муаллифони китоби дарсӣ онро айнан овардаанд, азёд намудани онро аз хонандагон талаб намояд. Тақозои

муносибати босалоҳият дар мавриди мақсади таълим он аст, ки диққати хонандаро ба ҷиҳатҳои амалии муҳтавои таълим (мавзуъ) равона созад ва фаъолияти муваффақонаи онро дар ҳаёт таъмин кунад. Яъне, хонанда **донад,** ки калимоти ҳамоҳанги охири мисраъ ва байтҳоро қофия меноманд; хонанда бояд калимоти ҳамоҳанги охири мисраъу байтҳоро муайян карда **тавонад**; хонанда бояд унсурҳои асосии қофия, ки ӯро дар шинохти калимоти қофия ҳидоят мекунад, **азхуд кунад** ва шарти асосии талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар мавриди қофия он аст, ки дилхоҳ шеъре, ки ба хонанда пешниҳод мешавад, калимоти қофияи онро ташхис дода тавонад» [149,47]. Ин талаботе, ки муаллифони мақола пеш гузоштаанд, барои синфи нӯҳум аст. Оё аз хонандагони синфи 5 донистани қофияю радифи шеърро талаб кардан равост? Ҳангоми озмоишҳои педагогӣ мо дар синфи 5 Литсейи «Раҳнамо»-и шаҳри Душанбе ҳамроҳи муаллимаи синф пеш аз таълими мавзуи «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» мавзуи «қофия ва радиф»-ро гузаштем. Дар барномаи таълимии синфи 5 пеш аз таълими Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавзуи «Ҳиҷо, рукн ва вазни шеър» омадааст. Аз он ҷо, ки таълими вазни шеър пеш аз омӯзиши вазну қофия самарае намедиҳад, мо мавзуъро иваз кардем ва ба ҷойи ҳиҷо, рукн ва вазни шеър мавзуи қофия ва радифро вобаста ба талаботи МБ таълим додем. Вобаста ба талаботи МБ таълим додани қофияю радиф имкон дод, ки хонандагони синфи 5 ба осонӣ қофияю радифи шеърро муайян кунанд. Хулоса, таҷриба нишон дод, ки таълими қофияю радиф дар синфи 5 имконпазир аст. Агар омӯзгор пеш аз таълими мавзуи «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» мавзуи қофия ва радифро гузашта бошад, ҳангоми таҳлили намунаҳои ашъори Рӯдакӣ ва дигар шоирон метавонад аз хонандагон муайян намудани қофияю радифро талаб намояд.

Хонандагон, ки дар бораи қофия ва радиф маълумот доранд, бояд худ қофияю радифи ашъори болоро муайян кунанд. Агар душворӣ кашанд, омӯзгор набояд худ фавран ин амалро иҷро кунад. Бояд бори дигар унсурҳои асосии калимоти қофия ва радифро ба хонандагон ёдрас

намояд. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон фаъол шаванду калимоти қофия ва радифи шеърро муайян намоянд. Дар дарси санҷишӣ хонандагон ба осонӣ онро муайян намуданд: Калимоти қофия: фароз, бениёз, замон, забон, доштанд, бингоштанд, равшан, ҷавшан, беҳ, неҳ. Аз он ҷо ки ашъори боло дар шакли маснавист, ҳар байт калимоти қофияи худро дорад. Радиф танҳо дар байти чаҳорум (аст) мавҷуд аст.

Чунонки зикр намудем, дар методикаи таълими суннатии шеър ғазал ё қасидаро байт ба байт шарҳ медиҳанд. Дар МБТ низ бояд ин талаботи методикаи суннатии  таълим риоя шавад, зеро роҳи осон ва дарусти расидан ба ҳадаф аст. Бинобар ин, омӯзгор бояд шеърро байт ба байт таҳлил кунад. Байти аввалро меоварем:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,

Кас набуд аз рози дониш бениёз.

Байти аввали шеърро матлаъ мегӯянд. Агар ин истилоҳи адабиётшиносӣ ба хонандагон синфи панҷ тавзеҳ дода шавад, имкон дорад, ки хонандагон ба маънии он сарфаҳм раванд. Аммо таърифе, ки муаллифони «Луғати истилоҳи адабиётшиносӣ» овардаанд, ба хонандагони синфи 5 пешниҳод кардан мувофиқи мақсад нест. Хулосаи онро ба забони сода бояд пешкаш кард. Матлаъ ба маънии тулӯъ, оғоз аст, аз ин рӯ оғози шеър байти аввали онро матлаъ мегӯянд. Таърифи пурраи ин истилоҳро дар синфҳои болоӣ таълим додан мумкин аст.

Баъд аз қироати саҳеҳи байт аз тарафи хонандагон, худи онҳо бояд калимоти қофияро муайян кунанд: фароз ва биниёз. Дар шарҳи калимоти душвори байт низ хонандагон бояд фаъол бошанд. Дар байти боло калимаи «Одам» барои хонандагон фаҳмост, аммо таъбири «аз сари Одам фароз» ва калима «бениёз» барои хонандагони синфи 5 душвор буда метавонад, ки бояд маънии онҳо равшан карда шавад. **Аз сари Одам фароз**: аз замони Одам – аввалин инсон то ба имрӯз. 2-**Бениёз**: он кӣ эҳтиёҷ ба чизе надорад, мустағнӣ.

Саволгузорӣ аз тарафи омӯзгор ва ҷавоби он аз ҷониби хонандагон замина фароҳам меоварад, ки хонандагон ба дарки мақсади шоир наздик

шаванд. Агар худи хонандагон низ ба матн савол гузоранду худ ҷавоб гӯянд, боз беҳтар аст. Доир ба мазмуни байти аввал чунин саволҳо гузошта шуд:

1. Оё одамони қадим ҳам дониш доштанд?
2. Дониши гузаштагон дар чӣ сатҳ буд?
3. Рози дониш чӣ маънӣ дорад?
4. Чаро одамон дониш меомӯзанд?

Баъд аз шунидани ҷавоби саволҳои боло омӯзгор метавонад маънии байтро биоварад. Ин байтро чунин шарҳ додем: «Аз оғози олам, аз замони аввалин инсон - ҳазрати Одам то ба имрӯз инсоният ниёзманд ба донишу ҳунар буд, зеро бе донишу ҳунар зиндагии одам пеш намеравад» ”[35,34].

Байти дуюму сеюм бо ҳамдигар сахт алоқаманданд ва масъалаи дар байти дуюм матраҳ шуда, дар байти сеюм шарҳ шудааст. Аз ин ин ду байтро дар якҷоягӣ баяд таҳлил кард:

Мардумони бихрад андар ҳар замон
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг-андар ҳаме бингоштанд.

Дар қироати матн бояд омӯзгор диққат диҳад, ки хонандагон ҳар як калимаро дуруст талаффуз кунанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксари хонандагон ҳангоми қироати калимаи «бихрад» онро нодуруст қироат мекунанду гоҳе «бехирад» талаффуз мекунанд, ки маънои баръакс медиҳад.

Дар абёти боло калимаҳои «бихрад», «гиромӣ» ва «бингоштан» бояд бо иштирооки хоанандагон шарҳ додла шаванд: **Бихрад**: бохирад, донишманд, доно. Омӯзгор набояд танҳо ба он маъние, ки дар луғату фарҳангҳо омадаанд, қаноат кунад. Ҳар калимаро вобаста ба матн бояд шарҳи бештар дода шавад, то хонандагон ба маънии он ба дурустӣ огоҳ шаванд. Масалан, дар мавриди калимаи «бихрад» танҳо бо маънии он бохирад, доно, донишманд аст, маҳдуд шудан даркор нест. Агар ин калима вобаста ба матн чунин шарҳ ёбад, имкон дорад хонандагон ба маънии он дурустар сарфаҳм меравaнд. Мардумони бихрад, яъне бохирад, одамони донову донишманд, ки ба омӯхтани илм машғуланд. «Гиромӣ»: азиз, муътабар, гиромӣ доштан ба

маънии азиз доштанд, қадр ниҳодан. **Бингоштанд**: нигоштанд, нақш карданд. «Ба санг бингоштан»- дар санг навиштан, ҳаккокӣ карданд, то аз байн наравад.

Доир ба ин ду байт низ метавон саволгузорӣ кард ва баъд аз он маънии абётро пешкаши хонандагон намуд, ки мо дар китоби худ чунин овардаем: «Мардумони донишманд бо забонҳои гуногун дар ҳар давра роҳу шеваҳои мухталифи илму донишро гирдоварӣ карданду ба он арҷ ниҳоданд ва барои он ки аз ин донишҳо наслҳои оянда баҳравар шаванд, китобат намуданд ва ҳатто бар санг ҳаккокӣ карданд, то аз байн наравад» ”[35,39]..

Байти чаҳорум, ки маънии олӣ дар худ дорад ва чун беҳтарин байт дар мавриди тарғиби дониш забонзади ҳамагон гаштааст, бояд барои хонандагон ҳаматарафа таълим дода шавад, то дар замири онҳо ҷой гираду як умр сармашқи зиндагиашон бошад:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,

В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Ин байтро низ монанди байтҳои пешин бо риояи шеваи суннатии таълими шеър ва бо иҷрои талаботи МБ баррасӣ намудем. Дар ин байт як вожаи «ҷавшан» ниёз ба шарҳ дорад, калимаҳои дигар ҳама барои хонандагон фаҳмоанд. **Ҷавшан**: навъе аз либоси ҷангии оҳанин аст, ки сарбозон дар вақти ҷанг мепӯшанд, то тиру шамшери душман дар амон бошанд”[35,39]..

Гарчанде ҳама санъатҳои бадеии ин байтро ёфтан барои хонандагони синфи 5 душвор аст, вале санъатҳои содае чун ташбеҳро метавон аз онҳо талаб кард. Барои ёфтани санъатҳои бадеӣ беҳтарин роҳ савол гузоштан аст. Масалан, дар дарси санҷишӣ вобаста ба ин байт чунин савол гузошта шуд:

1. Шоир донишро ба чӣ монанд кардааст?

Се нафархонандагон ҷавоб доданд, ки дониш дар ин байт ба чароғи равшан монанд шудааст. Дар асоси ҷавоби бачаҳо боз савол гузошта шуд:

2. Барои чӣ дониш ба чароғи равшан монанд шудааст? Чӣ монандие дар

байни дониш ва чароғи равшан вуҷуд дорад?

Вақте хонандагон дар ҷавоби саволҳои боло душворӣ мекашанд, муаллим бояд худ унсури асосии ташбеҳи донишро ба чароғ ба хонандагон фаҳмонад: Дониш роҳи инсонро дар зиндагӣ равшан мекунад. Дониш барои инсони донишманд чароғест, ки зиндагии ӯро мунаввар месозад. Яъне ваҷҳи ташбеҳи дониш ба чароғ, хосса чароғи равшан мунаввар сохтани пеши роҳи инсон дар зиндагӣ аст. Чунин тарзи таълим, ки хонандагонро ба андеша водор мекунад ва ба иштироки фаъоли онҳо дар дарс сабаб мегардад, аз талаботи МБТ аст, ки ба ташаккули салоҳиятҳо замина мегузорад.

Ҳамин гуна саволгузорӣ дар мавриди мисраи дуюм идома додем:

1. Оё дониш инсонро аз бадиҳо муҳофизат карда метавонад?
2. Ҳодисаҳои бадро чӣ тавр метавон бо ёрии дониш аз худ дур кард?

Ҷавоби ин саволҳо хонандагонро ба дарки мақсади шоир наздик меоварад ва дар якҷоягӣ бо хонандагон омӯзгор маънии байтро меоварад. Байт чунин маънӣ карда шуд: «Дониш чароғи равшангари инсон дар зиндагӣ аст ва дар ҳама ҳодисаҳои баде, ки дар рӯзгор пеш меояд, монанди либоси оҳанини ҷангӣ туро муҳофизат мекунад» [35,35].

Байти охири шеъри мавриди назар маънии баланд дорад, ки бояд диққати бештар дода шавад, то хонандагон ба мафҳуми фарҳанг ва арзиши онро дар зиндагӣ дарк кунанд.

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,

То тавонӣ, рӯй бар он ганҷ неҳ.

Гарчанде мафҳуми «фарҳанг» маънии густардатаре дорад, аммо барои хонандагони синфи 5 ҳамин қадар кофист, то донанд, ки илму дониш, ҳунар ва маърифатро дар умум фарҳанг мегӯянд. Бояд омӯзгор таъкид кунад, ки дар ин байт шоир фарҳанг, яъне илму донишу ҳунарро ба ганҷ монанд кардааст ва фарҳангро аз ҳама ганҷҳои дунё боло гузоштааст. Ин байтро низ монанди байтҳои боло бо риояи талаботи МБ, алалхусус истифодаи методи саволгузорӣ таълим дод ва дар охир маънии байтро пешкаши хонандагон кард: «Ҳеҷ як ганҷи дунё арзиши илм, маърифату донишро надорад. Агар

хоҳӣ, ки сарбаланду бениёз зиндагӣ кунӣ, то метавонӣ, аз пайи ҷамъоварии донишу маърифат шав» ”[35,36].

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» (2007), ки имрӯз дар МТМУ дар асоси он адабиёт таълим дода мешавад, барои синфи 5 илова бар ашъори боло ғазали «Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд» ба нақша гирифта шудааст, ки ба синну соли хонандагони синфи панҷум мувофиқ нест. Бояд зикр кард, ки профессор Ш.Р.Исрофилниё дар мақолаи «Адабиёт ва мушкилоти таълими он дар мактаб»[148] чандин нуқсону камбудиҳои ин барномаро зикр кардаанд, ки яке аз онҳо мутобиқ набудани матнҳои интихобшуда ба синну соли хонандагон аст. Номутобиқатӣ ва камбудиҳои барнома ҳангоми интихоби ашъори устод Рӯдакӣ ҳам ба назар мерасад. Аз сӯйи дигар, дар МБТ «омӯзгорон имконияти  иваз кардани мавзӯъ ва мундариҷаро доранд» [60,46]. Ҳамчунин, дар барномаи ҷорӣ мураттибон мавзуйи «Рӯдакӣ дар Ҳирот» (нақл аз «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ)-ро пешниҳод кардаанд, ки қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён» аз он ҷост. Озмоиши педагогӣ собит намуд, ки фаҳмиши матни «Чаҳор мақола» барои хонандагони синфи панҷум хеле душвор аст. аммо қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён»-ро бо шарҳи кӯтоҳи нақли «Чаҳор мақола» метавон таълим дод. Мо дар китоби зикршудаи худ ин қасидаро вобаста ба методикаи таълими суннатии шеър шарҳ додаем. Дар ин китоб вазни қасида, қофияю радиф ва корбурди санъатҳои бадеӣ,бо назардошти ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои болоӣ шарҳу таҳлил шудаанд. Аммо барои хонандагони синфи 5 ин қасида бояд содатар таълим дода шавад, то хонандагони ин синну сол ба салоҳиятҳои таъйиншуда ноил гарданд.

Ҳангоми таълими қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён»-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тибқи талаботи МБТ нақша тартиб дода, муайян карда шуд, ки хонандагони синфи 5 дар таълими ин қасида ба кадом салоҳиятҳо даст меёбанд. Ба таъбири дигар, ҳангоми таълими  қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён» кадом салоҳиятҳоро ташаккул додан мумкин аст. Яъне, аз қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён» хонандагон бояд чиро донанд, чиро азёд кунанд ва кадом амалро иҷро карда тавонанд, ки дар ҳаётиояндаашон ба онҳо зарур бошад?

Ба тариқи намуна ташаккули салоҳиятҳо аз мавзуи «Таҳлили қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён»-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» чунин ба нақша гирифта шуд:

| Мавзуъ: Таҳлили қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён»-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ | | |
|---|---|---|
| **Табақабандии мавзуъҳо/ масъалаҳо** | **Салоҳиятҳо** | **Зарурат (ҷойи истифода)** |
| Қироати саҳеҳи матни қасида ва таъйини қофия ва радифи он | Салоҳияти қироати матн; салоҳияти ташхиси қофия ва радифи шеър. | Ҳангоми суханронӣ дар ҷамъомадҳо, озмунҳо, анҷуманҳо; ҳангоми муносибат бо атрофиён ва баҳо додан ба дониши худу дигарон; ҳинни баҳо додан ба каломи мавзун |
| Сабаби эҷоди қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мулиён» | Салоҳияти баррасии воқеаҳои таърихӣ ва шарҳи таъсири онҳо ба ҷомеа, алалхусус ба суханварон | Ҳангоми баёни андеша доир ба асари бадеӣ; таҳлили муносибати одамон ба ҳодисаву воқеаҳо, муқоисаи ҳодисаҳои гузашта ва имрӯза |
| Шарҳи калимоту таъбироти матни қасида | Салоҳияти баҳодиҳӣ ба асари бадеӣ; салоҳияти шарҳи маънии калимаҳо ва хулосабарорӣ аз корбурди онҳо дар матн; салоҳияти ғани гардонидани захираи луғавӣ | Ҳангоми баҳо додан ва таҳлил кардани матни бадеӣ; ҳангоми навиштани иншо, эссе ва дигар корҳои хаттӣ; ҳангоми эроди фикри худ дар нишастҳо, маъракаҳо, маҳфилҳои адабӣ ва ғайра |
| Маънии байтҳои шеър,тайини ғояи асосии матн, мақсади шоир ва хулосабарорӣ | Салоҳияти маърифат кардани каломи мавзун; салоҳияти муайян намудани ғояи асар ва мақсади шоир | Ҳангоми таҳлил ва баҳодиҳӣ ба ҳодисаҳои замона, истифодаи сухани образнок дар чорабиниҳо ва дигар маъракаҳои фарҳангӣ |

Пеш аз баёни мавзуъ барои омода сохтани хонандагон ба дарки мавзуи нав чунин саволҳо ба хонандагон пешниҳод шуд:

1. Хидмат дар барбори Сомониён ба Рӯдакӣ чӣ дод?
2. Оё шеър ба инсон таъсир мерасонад?
3. Барои чӣ шоирон шеър мегӯянд?
4. Шеър дар ҳаёти шумо чӣ нақш дорад?

Ҷавоби ин саволҳо, ки метавон онҳоро дар гурӯҳҳо ва ё танҳоӣ таҳия намуд, хонандагонро барои дарки мавзуъ омода мезозад.

Бояд зикр кард, ки таҳлили матни бадеиро мутахассисон аз қисматҳои муҳими таълими адабиёт, алалхусус дар курси хониши адабӣ донистаанд.

Хонандагон ҳангоми таҳлили матн дар курси хониши адабӣ бо ғояи асар, ҷаҳонбинӣ ва ҳунари шоир, арзиши бадеию эстетикии асар ва монанди инҳо ошно шуда, ба таҳлили комили асар омода мешаванд. МБТ салоҳияти мустақилона амал намудани хонандагонро таъмин менамояд. Ҳадафи асосии МБТ таҳлили дуруст ва саҳеҳи матни бадеӣ ва ба ин васила инкишоф додани нутқи шифоҳию хаттии хонандагон ва замина гузоштан ба мустақилияти онҳо мебошад. Омӯзгор раванди таҳлили матни бадеиро тарзе ба роҳ монад, ки хонандагон ба хондани асар шавқ пайдо кунанд ва худ мустақилона ба мутолиа машғул шаванд.

Чунонки зикр намудем, марҳалаи аввал дар МБТ дарки матн асту дар таълими анъанавӣ қироати матн. Бидуни қироати матни бадеӣ онро дарк намудан аз имкон берун аст. Дар қадами нахуст матни қасида бояд аз тарафи хонандагон қироат шавад, аммо тибқи нақшае, ки мураттаб намудем, бояд сабаби эҷоди ин қасида, ки тавассути “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ то ба рӯзгори мо расидааст, ба хонандагон нақл карда шавад. Нақли сафари Наср ибни Аҳмади Сомонӣ пеш аз қироати матн самараи бештар дорад. Омӯзгор нақли ин сафарро то он ҷо идома диҳад, ки Рӯдакӣ барои ҷалби амир ба Бухоро қасидаи “Бӯйи Ҷӯйи Мулиён” эҷод мекунад ва дар базми амир онро мехонад. Чун ба ин қисмат расид, бояд матни қасида ба самъи хонандагон расонда шавад. Нақли матни “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ барои  хонандагони синфи панҷум душворӣ мекунад, мазмуни он ба таври сода бояд пешниҳод шавад. Мо дар китоби “Шарҳи мунтахаби ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” хулосаи ин ривоятро овардаем:

“Сабаби сурудани ин қасида он буда, ки Наср ибни Аҳмади Сомонӣ сафари тӯлоние ба Ҳирот мекунад ва аз манзараҳои Бодғису атрофи Ҳирот мафтун гардида, чаҳор сол он ҷо мемонад. Умаро ва сарони лашкар аз ин ҳол ба танг меоянд, вале ҷуръат намекунанд, ки барои баргаштан ба Бухоро ба шоҳ чизе бигӯянд. Назди Рӯдакӣ меравад ва панҷ ҳазор динор ваъда медиҳанд, то коре кунад, ки шоҳ сӯйи Бухоро ҳаракат бикунад. Рӯдакӣ бадоҳатан қасидаи болоро месарояд ва назди амир мераваду бо чанг дар пардаи «Ушшоқ» онро месарояд...”

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омуву дурушти роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ – андар зиён ояд ҳаме.

«Чун Рӯдакӣ бад-ин байт расид, амир чунон мунфаъил гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бе мӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ овард ва рӯй ба Бухоро ниҳод ва инон то Бухоро ҳеч бознагирифт ва Рӯдакӣ он панҷ ҳазор динор музоъаф (дучанд, ду баробар) аз лашкар бистад (ситондан)» [35,11].

Хонандагон бо сабаби эҷоди қасида ошно шуданд, аммо барои дарки комили матн қасида бояд байт ба байт шарҳ дода шавад. Хонандагони синфи 5 ҳоло вазни шеърро намедонанд, аммо қофияю радифро омӯхтаанд. Қофияю радифро метавон дар асоси матни комили қасида муайян кард ва ҳамчунин такя ба як байт. Борои он ки хонандагон аз қофияю радифи қасида огоҳ бошанд, хуб аст, ки дар асоси матни комили қасида муайян карда шавад:

**Калимоти қофия**: Мӯлиён, меҳрубон, парниён, миён, шодмон, осмон, бӯстон, зиён. **Радиф:** ояд ҳаме.

Нақли сабаби эҷоди қасида, қироати матн, муайян намудани калимоти қофияю радиф ба марҳалаи аввал мансуб аст. Дар марҳалаи аввал қироати ифоданоки матн дар дарки шеър роли муҳим мебозад. Шеър бояд таъсирбахшу ифоданок хонда шавад. Барои ин унсурҳои асосии шеър, чун қафияю радиф ва қоидаи хонишро донистан зарур аст. Баъзе

муаллимон хонандагонро бо тарзи хониши шеър дуруст шинос накарда, хондан ва аз ёд кардани онро талаб мекунанд. Пеш аз он ки шеър аз ёд карда шавад, бо хонандагон доир ба тарзи хониш, қофия, радиф ва порҳои тараннумии он сухбат намуда маълумот додан лозим аст. Бояд зикр кард, ки хониши бурро ва ифоданоки матни шеър дар баробари кушодани мазмун ба равшан кардани ғоя ва хусусиятҳои бадеии шеър ёрӣ расонида, ҳамчун воситаи баланд бадоштани маданияти сухан нақши муҳим мебозад.

Марҳалаи дуюми МБТ, яъне баҳодиҳӣ ба матн бо шарҳи байт ба байти қасида шуруъ мешавад:

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,

Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Барои он ки чигунагии қофияю радиф дар хотири хонандагон нақш бандад, ташхиси қофияю радифро дар байти матлаъ низ хотиррасон кардан лозим аст. Бигузор худи хонандагон қофияю радифи байтро муайян кунанд.

Дар байти боло танҳо мафҳуми "Ҷӯйи Мулиён" ба хонандагон нофаҳмост. Бо истифода аз луғату фарҳангҳо ва ё дастурҳои методӣ метавон шарҳи онро пайдо кард. Мо дар китоби худ овардаем: "**Ҷӯйи Мӯлиён**: номи мавзеест дар наздикии Бухоро, ки боғҳои он аз сайргоҳҳои Бухоро будааст ва амир Исмоили Сомонӣ зиёъи (заминҳои кишоварзӣ) Ҷӯйи Мӯлиёнро харида, дар он ҷо саройҳо ва бӯстонҳо сохта, бар маволиёни худ вақф кардааст. Ҳанӯз ҳам ҷӯйе бо ин ном дар беруни шаҳри Бухоро ҳаст. Мӯлиён талаффузи омиёнаи «маволиён» ва «маволиён» ҷамъи «маволӣ» аст. «Маволӣ» ҷамъи «мавло», ба маънии банда, бандаи озодшуда мебошад" [35,10]. Барои он ки хонандагон мафҳуми "мулиён"-ро дуруст фаҳманд, омӯзгор метавонад ба таври мухтасар дар бораи ҳуҷуми арабҳо, қабули дини ислом аз ҷониби ниёкони тоҷикон, озод шудани асирони аҷамӣ ва маволӣ номида шудани онҳо маълумот диҳад. Баъд шарҳи "Ҷӯйи Мулиён" шарҳи байтро ба тариқи зайл овардан мумкин аст:

"Боди хуше аз мавзеи Ҷӯйи Мӯлиёни Бухоро сӯйи мо мевазад ва он бод аз он сабаб хушбӯй аст, ки атри гесувони ёри моро бо худ дорад ва моро ба

ёди ёри меҳрубон, ки дар ин макони ҷаннатмонанд асту чашм ба роҳи мост, мебарад” [35,11].

Ҳамин тариқ, байтҳои дигари қасида шарҳ дода мешавад:

Реги Омуву дурушти роҳи ӯ

Зери поям парниён ояд ҳаме.

Калимоту таъбироти душвори байт бо иштироки хонандагон шарҳу тавзеҳ меёбанд: **Ому:** дарёи Ому, ки аз кӯҳҳои шимоли Афғонистон сарчашма мегирад ва ба баҳри Арал мерезад, **реги Ому**: биёбон ва регзори Ому. **Дурушт:** ноҳамвор, сахт. **Парниён:** абрешими нигорину мунаққаш, дар ин ҷо манзури шоир латофати абрешим аст.

Маънии байт бояд васеътар баён гардад, то хонандагон шавқу завқи шоирро ба дидори Ватанаш - Бухорову ёри нозанинаш, ки дар ин шаҳр аст, эҳсос кунанд: «Реги соҳили дарёи Ому, ки гузаргоҳи мост ба сӯйи Бухоро, бо ҳама ноҳамворию сахтияш ба зери поям чун абрешим мулоиму роҳатбахш менамояд, зеро шавқи дидори ёри меҳрубонро дар сар дорам» [35,11].

Байти сеюм:

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст

Хинги моро то миён ояд ҳаме.

Дар ин байт се калима ба хонандагон ношиносанд, ки бояд шарҳ дода шаванд: **Ҷайҳун:** номи дигари дарёи Ому. 6-**Нишот:** шодӣ ва хуррамӣ. 7-**Хинг:** сафед, манзур аспи сафед аст, агар ба сиёҳӣ ё сабзӣ (кабудӣ) моил бошад, сабзхинг гӯянд ва агар сафеди холис бошад, нуқрахинг номанд. Яъне, аз шодии дидори дӯст оби дарёи Ҷайҳун то камаргоҳи аспҳо расидааст ва касеро ғарқ намекунад.

Бояд зикр кард, ки нависандаи бузурги тоҷик Сотим Улуғзода дар бораи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо номи «Қисмати шоир» драмае доранд, ки дар асоси он филм бардошта шудааст. Агар хонандагон филмро тамошо карда бошанд, ин қасидаи шоирро боз ҳам хубтар мефаҳманд, зеро ҳамин лаҳза, яъне қироати қасида дар маҷлиси шоҳ ва рӯ сӯйи Бухоро овардани амиру сипоҳиёнаш хеле дилчаспу барҷаста дар филм инъикос ёфтааст. Маънии байтро баъд аз шарҳи калимоти душвор меоварем:

«Оби дарёи Ҷайҳун бо ҳама амиқию паҳноӣ аспи моро то миён мерасад ва касеро ғарқ намекунад, зеро шодии дидори дӯстону ёри меҳрубон ҳама гуна хавфу хатарро барои мо осон мегардонад»[35,11].

Байти чаҳорум:

Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир зии ту шодмон ояд ҳаме.

Таҷриба нишон дод, ки хонандагони синфи 5 таркиби «дер зӣ»-ро намефаҳманд. Аз ин рӯ, бояд омӯзор батафсил онро шарҳ диҳад: **Зӣ:** аз масдари «зистан», зиндагӣ кун, **дер зӣ**: зиёд зиндагӣ кун, умри дароз бибин. Маънии байт: «Эй Бухоро, эй Ватани маҳбуб, ту ҳамеша ҷовидон бошу мардумат шоду хурсанд бошанд, ки амир (Наср ибни Аҳмади Сомонӣ) шодмон сӯйи ту меояд».

Байти панҷум:

Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.

Дар ин байт санъати ташбеҳ ба кор рафтааст, ки пеш аз маънии байт бояд худи хонандагон онро муайян намоянд, зеро дар дарси гузашта доир ба санъати ташбеҳ маълумот гирифтаанд. Дар мисраи аввал амир ба моҳ ва Бухоро ба осмон ташбеҳ шудааст. Маънии байт: «Амири мо монанди моҳ нуронӣ асту Бухоро монанди осмон васеъу паҳновар. Чунин ба назар мерасад, ки моҳ сӯйи осмон меояд».

Байти шашум:

Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.

Калимаи «сарв» дар байти боло бояд шарҳ дода шавад: **Сарв:** дарахти махрутшакли сӯзанбарги ҳамешасабз, ки қадаш рост буда, то 25 метр мерасад. Бояд ба хонандагон фаҳмонда шавад, ки дар шеър қомати баланду ростро ба сарв ташбеҳ мекунанд, сабаби ин монандӣ рост будани дарахти сарв ва росту баланд ва зебо будани қомати инсон аст. Шоирони мо қомати росту зебои маҳбубаашонро ба сарв ташбеҳ додаанд. Дар мисраи аввали байти боло амир ба сарв ва Бухоро ба бӯстон ташбеҳ шудааст. Барои

комилтар аз худ шудани ташбеҳи сарв ба қомати рост омӯзгор метавонад аз шоирони дигар мисол биоварад. Баъд аз ин маънии байтро меоварад: «Қомати амири мо монанди сарв баланду зебост ва Бухоро бӯстонро мемонад, гӯё ки сарв сӯйи бӯстон меояд».

Байти ҳафтум:

Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,

Гар ба ганҷ – андар зиён ояд ҳаме.

Пеш аз шарҳи калимоти душвори байт бояд ба хонандагон фаҳмонд, ки байти охири қасида ё ғазалро мақтаъ мегӯянд. Хонандагони синфи 5 ҳамин қадар доранд, ки калимаи мақтаъ ба маънии қатъшуда, ба охирррасида ва байти охири шеърро мақтаъ мегӯянд, кофист. Дар ин байт калимаҳои зерин бояд шарҳ шаванд: **Мадҳ**: тавсиф, ситоиш. Омӯзгор бояд ба хонандагон фаҳмонад, ки дар адабиёти гузаштаи мо ашъореро, ки шоирон дар ситоиши шоҳу амир ва ё касони дигар месуруданд, ашъори мадҳӣ мегӯянд. Ситоиши амирону шоҳон бештар дар жанри қасида сурат мегирифтааст ва он қасидаҳоро қасидаҳои мадҳӣ мегӯянд. **Суд**: фоида. **Зиён**: зарар. Дар охир маънии байти мақтаъ оварда мешавад: «Офарину ситоиш барои амир судманду муфид аст, ҳарчанд ки ба хазинаи ӯ зарар мерасонад, зеро бояд силаи мадҳро бидиҳад» [35,12].

Марҳалаи сеюм тағйири матн аст, ки мешавад онро ба тариқи шифоҳӣ аз хонандагон талаб кард. Хонандагон андешаҳои худро дар бораи ин қасида бо такя ба филми «Қисмати шоир» шифоҳӣ баён кунанд, тасаввурот ва идеяи худро пешниҳод кунанд. Дар андешаҳо ва тасаввуроту хаёлоти хонандагон албатта, чизҳои берун аз матн меояд, ки онро як навъ таҳрири матн қабул кардан мумкин аст. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон фикрҳои худро мустақилона пешниҳод кунанд, ки замина барои ташаккули салоҳиятҳо дар онҳо фароҳам меояд.

Дар марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, хонандагон метавонанд ҳамин пешниҳод ва идеяҳои худро, ки аз матни қасида ва тамошои филм бардоштаанд, хаттӣ манзур намоянд. Ин кори хаттии пешниҳоднамудаи хонандагон метавонад дар шакли эссеи хурд бошад.

Ҷамъбасти дарс, эълони баҳои хонандагон ва супориши вазифаи хонагӣ хотимаи дарс аст. Агар имкон даст диҳад, кори хаттии хонандагон дар вақти дарс, агар вақт нарасад, дар дарси оянда пеш аз оғози дарси нав баррасӣ карда шавад.

Мураттибони «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» (Душанбе, 2007) баъд аз мавзуи «Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омӯзиши мавзуи «Вазни шеър»-ро барои хонандагони синфи 5 пешниҳод намудаанд. Аз ҷумла дар барнома қайд шудааст, ки хонандагони синфи 5 бояд «Вазн чист? навъҳои вазни шеър: вазини арӯз, вазни ҳиҷо, навъҳои солим ва фаръии баҳри арӯз, баҳри ҳазаҷ, баҳри рамал, баҳри раҷаз, баҳри мутақориб, баҳри мутадорик, баҳри музореъ, баҳри хафиф, баҳри муҷтас, баҳри мунсареҳ» [16, 22]-ро омӯзанд. Ҳамчунин, дар қисмати «Пурсиш ва такрор» аз хонандагон талаб шуда, ки ба чунин масъалаҳо посух гӯянд: «Баёни маънои вазн ва навъҳои он. Навъҳои солим ва фаръии баҳрҳои арӯзро бо мисолҳо фаҳмонед. Таҳлили намунаҳо аз ҷиҳати вазн, азёд гуфтани навъҳои маъмули баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб, мутадорик, музорех, хафиф, мучтас ва мунсареҳ. Азёд гуфтани рукнҳои солим ва навъҳои маъмули баҳрҳои солим ва фаръӣ. Такрори намунаҳо» [16, 22]. Ин барнома аз ҷониби муҳаққиқони соҳа сахт танқид шуда, камбудиҳои он, хусусан дар мавриди омӯзиши вазни шеър нишон дода шудааст [148]. Мушоҳида нишон дод, ки иҷрои масъалаҳои доир ба вазни шеъру баҳрҳои он, ки аз хонандагони синфи 5 талабкарда мешавад, на танҳо барои хонандагон, ҳатто барои омӯзгорони онҳо душворӣ меоварад. Аз ҷониби дигар, донистани ҳамаи он масъалаҳо барои хонандагон зарурат ҳам надорад. Мувофиқи талаботи МБТ ҳамон маълумотеро ба хонанда бояд пешниҳод кард, ки оянда барои ӯ даркор бошад. Донистани анвои гуногуни арӯзу баҳрҳои он ва азёд кардани рукнҳои баҳрҳои солиму фаръӣ ҳеҷ гуна салоҳиятеро дар хонанда ташаккул намедиҳад ва иҷрои ҳама ин масъала, он ҳам дар як соати дарсӣ ғайриимкон аст. Ба ин сабаб, ҳеҷ зарурате надорад, ки мо таълими баҳрҳои гуногуни арӯзро тибқи талаботи МБТ барои хонандагони синфи 5 баррасӣ кунем.

Илова бар ин, барои синфи 5 мураттибони барнома аз адабиёти классикӣ намунаҳои ашъори шоиронеро монанди Абдуллоҳи Ансорӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ ва Бадриддин Ҳилолӣ пешниҳод кардаанд, ки аксари онҳо шоирони ориф буданд ва ашъорашон ба синну соли хонандагони мувофиқат намекунанд. Аз адабиёти муосири форсии тоҷикӣ намунаҳои ашъори шоироне монанди Халилулоҳ Халилӣ, Мирсаид Миршакар, Гулназар Келдӣ ва Ғаффор Мирзо пешниҳод шудааст, ки то андозае ба синну соли хонандагони синфи 5 мутобиқат доранд. Аз осори Садриддин Айнӣ танҳо осори насрӣ пешниҳод шудааст, мураттибони барнома аз осори манзуми сардафтари адабитёти муосири тоҷик барои хонандагони синфи 5 чизе пешниҳод накардаанд. Аз осори Мирзо Турсунзода танҳо порчаҳо аз достонҳои шоир пешниҳод шудаанд ва аз ашъори ғиноии шоир дар барнома чизе нест. Порчаҳои шеърии барои синфи 5 дар барнома пешниҳодшударо омӯзгорон метавонад монанди он ашъоре, ки мо тибқи талаботи МБТ бо такя ба озмоишҳои педагогӣ нишон додем, таълим диҳанд.

Курси хониши адабӣ дар синфи 6 идома меёбад ва кор бо матни адабӣ, алалхусус каломи манзум нисбат ба синфи 5 мураккаббтар мегардад. Мутахассисони методикаи суннатии таълим омӯзиши асари бадеиро дар курси хониши адабӣ ба се марҳила салоҳ донистаанд: машғулияти муқаддимавӣ, кор бо матни асари бадеӣ ва машғулияти ҷамъбастӣ. Ҳар яки ин марҳалаҳо вазифаи ба худ хос доранд. Дар марҳалаи аввал хонандагон доир ба хониш ва таҳлили асар дониши ифтитоҳӣ мегиранд ва барои фаҳмидани асари бадеию таҳлили он омода мешаванд. Марҳилаи асосӣ марҳалаи дувум, яъне  кор бо матни бадеист. Дар ин марҳала хонандагон хониши огоҳонаи матни бадеиро ёд мегиранд, малакаи муҳокимаронӣ, тарзи дурусти баёни андеша, аз назари ғоявӣ, сохтор, тарзи корбурди санъатҳои бадеӣ таҳлили намудани асарро меомӯзанд. Дар МБТ методистон, чунонки дидем, чаҳор марҳалла пешниҳод шудааст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки талаботи МБ аз талаботи методикаи таълими суннатии каломи мавзун фарқи ҷиддӣ, ки онро комилан инкор кунанд, мавҷуд нест. Гуфтан метавон, ки

таҳлили матни бадеӣ дар курси хониши адабӣ тибқи талаботи МБ гунаи мукаммалтару муъҷазтари низомии суннатии таҳлили матн аст.

Дар «Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI» барои синфи 6 суруду таронаҳои халқӣ, рубоию дубайтӣ ва аз ашъори шоироне монанди Фаррухии Систонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Сайфи Фарғонӣ, Ибни Ямини Фарюмадӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Носири Бухороӣ, Шавкати Бухороӣ, Нозими Ҳиравӣ, аз адабиёти муосир Абулқосим Лоҳутӣ, Муъмин Қаноат ва Сафармуҳаммад Аюбӣ порчаҳои шеърӣ пешниҳод шудааст. Дар умум барои таҳлили асарҳо дар синфи шаш 57 соат пешбинӣ шудааст, ки илова бар шоироне, ки номбар кардем, таҳлили асарҳои нависандагоне, назири Унсуралмаолии Кайковус, Авфии Бухороӣ, Зиёуддини Нахшабӣ, Восифӣ, Аҳмади Дониш, Ҷумъа Одина, ҳамчунин таҳлили авзони рубоию дубайтӣ, чистон, баҳри мутадорик ба нақша гирифта шудааст. Равшан эҳсос мешавад, ки таҳлили ҳама он чизе, ки дар барнома пешниҳод шудааст, аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, зарурат надорад, ки ҳамаи ин асарҳои дар барнома пешниҳодшуда таълим дода шаванд. Хушбахтона, МБТ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки вобаста ба талаботи раванди дарс, алалхусус ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи идроки хонандагон мавзуъ ва муҳтавои барномаро дигар кунад.

Ба тариқи намуна аз ашъори шоирони пешниҳодшуда дар барнома мо намунаҳои қитъаҳои Ябни Ямини Фарюмадиро, ки хеле содаву равон буда, ба ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи фаҳму ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфи 6 мувофиқ муоссиранд ва ҳамзамон панду андарз ҳастанд, вобаста ба талаботи МБТ дар асоси озмоишҳои таълимие, ки гузаронидем, пешниҳод менамоем. Барои он ки сухан дароз нашавад, хулосаи озмоишро аз раванди дарс меоварем.

Қитъаи зерро мураттибони барнома барои омӯзиш пешниҳод намуда, ба он унвони «Бузургӣ дар чист?» гузоштаанд:

Набувад меҳтарӣ ба рӯзу ба шаб,  
Бодаи хушгувор нӯшидан,  
Ё таоми лазизро хӯрдан,  
Ё либоси латиф пӯшидан,

Ё бад он кас, ки зердаст бувад,

Ҳар замон бесабаб хурӯшидан.

Ман бигӯям, ки меҳтарӣ чӣ бувад,

Гар бихоҳӣ зи ман нияюшидан:

Ҳамагонро зи ғам раҳонидан,

Дар раоёти халқ кӯшидан. [85,92].

Қироати дурусту саҳеҳи матни қитъа аввал аз тарафи омӯзгор ва баъд аз ҷониби ду-се хонанда шароит фароҳам меоварад, ки хонандагон бо матн ошно шаванд. Хонандагон бояд андаке ҳам бошад, доир ба жанри қитъа маълумот дошта бошанд. Омӯзгор бояд маълумоти кӯтоҳе дар бораи жанри қитъа ба саъми хонандагон расонад. Аз ҷумла, бояд донад, ки қитъа аз жанрҳои ғиноӣ буда, бештар ба мавзуи панду андарз алоқаманд аст. Шоирон бо воситаи қитъа аксар вакт андешаҳои пандуахлоқии худро баён кардаанд. Тарзи қофиябандии қитъа гоҳе монанди ғазалу қасида байти аввал ҳамқофия ва мисраъҳои тоқ (абёти 3,5. 7.9…) аз қофия озоданду мисраъҳои ҷуфт (4,6,8, 10...) ба байти аввал ҳамқофия мешаванд. Гоҳе ҳама мисраъҳои тоқ (1,3, 5,7, 9…) аз қофия озод буда, мисраъҳои ҷуфт (2, 4, 6, 8, 10…) ба ҳамдигар ҳамқофия мешаванд, монанди қитъаи боло Ибни Ямин. Муайян намудани калимаҳои қофияи қатъа марҳалаи аввал, яъне дарки матнро таъмин менамояд. Калимоти қофия қитъа: **нӯшидан, пӯшидан, хурӯшидан, нияюшидан ва кӯшидан** мебошанд. Ин қасидаи Ибни Ямин радиф надорад. Шарт нест, ки хонандагони синфи 6 хелҳои қофияро бидонанд. Агар матни бадеӣ аз як ё ду байт иборат бошад, калимоти душвор ва санъатҳои бадеӣ баъд аз таъйини қофияю радиф баррасӣ мешаванд. Агар матни бадеии мавриди таҳлил аз се байт зиёд бошад, хуб аст, ки ҳар байт дар алоҳидагӣ шарҳ дода шавад.

Дар марҳалаи сонӣ - баҳодиҳӣ ба матн, матни қитъа бояд байт ба байт таҳлил гардад, аммо дар қитъаи боло байтҳо дар сари худ маънии алоҳида надоранд ва ба маънии мисраи аввал сахт алоқаманд буда, онро тавзеҳ медиҳанд. Аз ин рӯ, ҳар байтро алоҳида таҳлил кардан маъно надорад. Омӯзгор аввал бо иштирооки хонандагон бояд калимоти

душвори қитъаро шарҳ диҳад. Озмоиш собит намуд, ки дар матни боло чанд калима барои хонандагони синфи шашум душвор буда, бе раҳнамоии муаллим неметавонанд онҳоро шарҳ диҳанд: **Меҳтарӣ**: бузургӣ, сарварӣ. **Хурӯшидан**: дод задан, фарёд кардан. **Ниюшидан**: шунидан. **Риоёт, риоят**: нигоҳдодрӣ, посдорӣ, меҳрубонӣ, навозиш. Баъд аз шарҳи калимоти душвори матн хонандагон тибқи талаботи МБ ба матн баҳо медиҳанд, яъне маънии шеърро мегӯянд, мақсади шоир ва ғояи асосии матнро меёбанд, андешаҳои худро дар атрофи матн баён мекунанд. Вақте қитъа чун  рубоию дубайтӣ маънӣ карда мешавад, бояд ҳар мисраву байти онро ба назар гирифт. Қитъаи болоро омӯзгор бо ёрии хонандагон метавонад чунин маънӣ кунад: «Бузургию мақоми баланд дар  байни мардум доштани инсон на ба он маънист, ки шароби хушгувор менӯшаду таомҳои болаззат мехӯрад ва либосҳои қиматбаҳо мепӯшаду ба зердастони худ ҳар замон дӯғу пӯписа мекунад. Агар мехоҳӣ бидонӣ, ки марди бузургу соҳибэҳтиром кист, ба ман гӯш деҳ, то ба ту бигӯям: Инсони бузург ва соҳибэҳтиром он кас аст, ки ғами инсонҳоро аз дилашон мебарораду барои хурсанд кардани дили зердастон кӯшиш менамояд» [32,72].

Дар марҳалаи сеюму чаҳорум, ки тағйири матн ва таҳияи матни худ аст, омӯзгор метавонад дар асоси мазмуни қитъаи Ибни Ямин кори хаттӣ талаб намояд. Дар дарси озмоишӣ ҳамон унвони қитъаро мавзуи кори хаттӣ қарор додем: «Бузургӣ дар чист?». Хонадагон бояд танҳо  ба муҳтавои қитъа маҳдуд нашуда, доир ба ин мавзуъ андешаҳои худро баён кунанд, аз рӯзгори шахсони наҷибу соҳибэҳтироми маҳалла ё шаҳру деҳаи худ мисолҳо биоваранд.

Қитъаи дигарро аз ашъори Ибни Ямин, ки дар барнома бо унвони «Дӯсте ба даст ор» пешниҳод шудааст, метавон ба ҳамин минвол шарҳ дод:

**Дӯсте ба даст ор**

Мард бояд, ки ҳар куҷо бошад,
Иззати хештан нигаҳ дорад.
Худписандию аблаҳӣ накунад,
Ҳар чӣ кибру манист, бигзорад.

Ба тарикe равад, ки мардумро
Сари мӯе зи худ наёзорад.
Ҳама касро зи хеш беҳ донад,
Ҳеҷ касро ҳақир нашморад.
Сару зар дар талаб диҳад он гаҳ,
То магар дӯсте ба даст орад [85,92].

Барои инкишоф додани салоҳиятҳо ва фаъолияти мустақили хонандагон баъд аз шиносоӣ бо матн (яъне, қироати дурусти матни қитъа) омӯзгор савол мегӯзорад:

- Оё ба ин қитъа унвони дигаре гузошта мумкин аст?

Хонандагон, ки бо матни қитъа ошно ҳастанд, ҳатман барои он номи дигаре пешниҳод мекунанд. Агар дурустар мулоҳиза намоем, ба ин қитъа на унвони «Дӯсте ба даст ор», балки «Мард чӣ гуна бояд бошад?» мувофиқтар аст. Албатта, яке аз хонандагон ин номро пешниҳод мекунад, зеро дар матн сухан дар бораи чӣ гуна рафтор кардан мард аст. Дӯст ба даст овардан ва дар дӯстӣ вафодор будан яке аз хислатҳои мард будан аст. Ҳамчунин, мумкин аст унвонҳои дигаре барои ин матн аз тарафи хонандагон пешниҳод шаванд. Бояд ҳар унвони пешниҳодшуда муҳокима шавад ва далели он пешниҳод гардад. Саволи боло ва муҳокимаи номҳои пешниҳодшуда хонандагонро барои таҳлили дурусти матни қитъа омода месозад.

Хонандагон, ки тибқи дарсҳои гузашта қофияю радифро медонанд, бигузор худи онҳо қофия ва радифи қитъаро муайян кунанд: **дорад, бигзорад, наёзорад, нашморад, орад.** Баъд аз муайян намудани қофияю радиф шарҳи калимоти душвор пеш меояд. Дар қитъаи боло калимаҳои иззат, кибр, манӣ, тариқ, ҳақир ва «зар» барои хонандагони синфи 6 душвор буда метавонанд. Хонандагон бо ёрии омӯзгор калимаҳоро шарҳ медиҳанд: **Иззат**: бузургӣ, арҷмандӣ, азиз будан, соҳиби эҳтиром будан. **Кибр**: калонгирӣ, мағрурӣ, ғурур, такаббур. **Манӣ**: ман-манӣ кардан, худро бузург нишон додан, лоф задан. **Тариқ**: роҳ. **Ҳақир**: беқадр, ночиз, хурд, хор, залил. **Зар**: тилло, ин ҷо киноя аз пулу мол, сарват аст.

Омӯзгор бо ҳамроҳии хонандагон аз қитъа натиҷагирӣ мекунаду маънои онро баён намояд: «Инсон ҳамон вақт ба номи мард шоиставу сазовор мегардад, ки чунин сифатҳои мардиро дошта бошад: Мард бояд, пеш аз ҳама, иззату эҳтироми худро нигоҳ дорад, яъне, чунон кору зиндагӣ кунад, ки касе ӯро айбдор насозад, худписанд набошад, аз такаббуру манманӣ даст кашад. Тавре зиндагӣ кунад, ки ба дигарон озор нарасонад, худро аз ҳама донову хубтар надонад, ҳеч касро паст назанаду таҳқир накунад, касеро аз худ пасту ночиз надонад, то тавонад дили дӯстонро ба даст орад, аз дӯстону рафиқонаш ҷонашро дареғ надорад» [32,134].

Марҳалаи сеюму чаҳорумро омӯзгор метавонад ҳам шифоҳӣ қабул кунад ва ҳам хаттӣ. Хонадагон метавонад бо такя ба мавзуи қитъа доир ба мардиву ҷавонмардӣ андешаҳои худро пешниҳод кунанд ва ҳамчунин метавонанд доир ба ин мавзуъ эссе нависанд.

Қитъаҳои дигари шоирро омӯзгорон метавонанд ҳамин тариқ бо риояи талаботи МБТ ва бо назардошти методикаи суннатии таълими шеър таълим диҳанд.

Мураттибони барнома барои таълими ашъори Ҳофизи Шерозӣ шаш ғазали шоир «Киштинишастагон», «Пайғоми дӯст», «Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам», «Донӣ, ки чист давлат?», «Ғам махӯр», «Хуш набошад», «Ёд бод»-ро дар 5-соат пешниҳод кардаанд. Бояд зикр кард, ки аксари ин ғазалҳо маънои ирфонӣ доранду ба ҷаҳонбинии хонандагони синфи 6 мувофиқ нестанд. Аз он ҷо, ки иҷрои талаботи барномаро омӯзгорони мактаб ҳатмӣ медонанд, яке аз ин ғазалҳои пешниҳодшударо,ки то андозае ба ҷаҳонбинии хонандагони ин синну сол мувофиқат дорад, бо назардошти талаботи МБ таҳлил мекунем. Ғазале, ки «Пайғоми дӯст» унвон дорад, дар баробари маънои ирфонӣ доштан моломол аз андешаҳои панду ахлоқист.

**Пайғоми дӯст**

Марҳабо, эй пайки муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,
То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст.
Волаву шайдост доим ҳамчу булбул дар қафас
Тӯтии табъам зи ишқи шаккару бодоми дӯст.

Зулфи ӯ дом асту холаш донаи он дому ман

Бар умеди донае уфтодаам дар доми дӯст.

Сар зи мастӣ барнагирад то ба субҳи рӯзи ҳашр,

Ҳар кӣ чун ман дар азал як ҷуръа хӯрд аз ҷоми дӯст.

Бас нагӯям шаммае аз шарҳи шавқи худ, аз он-к

Дарди сар бошад намудан беш аз ин иброми дӯст.

Гар диҳад дастам, кашам дар дида ҳамчун тӯтиё

Хоки роҳе, к-он мушарраф гардад аз ақдоми дӯст.

Майли ман сӯйи висолу қасди ӯ сӯйи фироқ,

Тарки коми худ гирифтам, то барояд коми дӯст.

Ҳофиз, андар дарди ӯ месӯзу бедармон бисоз,

З-он ки дармоне надорад дарди бероми дӯст. [29,63]

Бояд зикр кард, ки профессор Ш.Р. Исрофилниё дар китоби худ «Шарҳи бист ғазали Ҳофизи Шерозӣ» ин ғазалро бо назардошти синну соли хонандагони синни калони мактабӣ шарҳу тафсир додааст [29, 63-65]. Аммо дар барномаи ҷорӣ ин ғазал барои хонандагони синфи 6 пешбинӣ шудааст, ки шарҳи устод Ш.Р. Исрофилниё барои онҳо душвор буда метавонад. Мувофиқи талаботи МБ омӯзгор имкон дорад вобаста ба равиши дарс мавзуъ ва мундариҷаро иваз намояд. Аз ин ғазал байтҳоеро, ки комилан маънои ирфонӣ доранду хонандагони синфи 6 қудрати фаҳмидани онро надоранд, метавон сарфи назар кард. Бино ба гуфтаи ҳофизшиносон, ҳар байти шеъри Ҳофиз ба сари худ маънои ҷудогона дорад. Аз ин рӯ, ҳазф кардани баъзе байтҳои ғазал ба муҳтавои он халал ворид намекунад.

Таълими ин ғазали Ҳофиз тибқи талаботи МБ имкон медиҳад, ки хонандагони синфи 6 ба салоҳиятҳо ноил гарданд ва ҳам паёми Ҳофизу ғояи асосии ғазалро дарёбанд. Дарки матни ғазал, ки марҳалаи аввали талаботи МБТ аст, бо қироати матн, муайян намудани қофияю радиф ва калимоти душвор амалӣ мегардад. Дар таҳлили тибқи талаботи МБ монанди методикаи шарҳи анъанавии каломи мавзун байт меъёр аст, яъне ғазалро байт ба байт бояд таҳлил кард. Аммо барои ошноии хонандагон бо ғазал аввал бояд тамоми матни он дурусту саҳеҳ қироат карда шавад.

Байти аввал:

Марҳабо, эй пайки муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,

То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст.

Ду роҳи таъйини қофияю радиф вуҷуд дорад: 1. Хонандагон баъд аз қироати матн калимоти қофия кулли ғазалро муайян мекунанд. 2. Ҳангоми таҳлили ҳар байт қофияву радифи он байтро меёбанд. Ба андешаи мо роҳи дуюм беҳтар аст. Хонандагон, ки аз унсурҳои асосии қофияю радиф огоҳанд, бидуни мушкилӣ калимоти қофия ва радифи байтро муайян мекунанд: Калимоти қофия: пайғом ва ном; радиф: дӯст.

Барои он ки дониши гирифтаи хонандагон дар бораи қофияю радиф мустаҳкам гардад ва хонандагоне, ки қофияю радифро намедонанд, огоҳ гарданд, саволгузории омӯзгор дар ин маврид нақши муҳим мебозад. Ба таври намуна омӯзгор метавонад дар ин масъала чунин савол гузорад:

- Ба кадом сабаб калимаҳои пайғом ва ном дар ин байт калимоти қофия ҳастанд?

Хонандае, ки қофияю радифи байтро муайян кардааст, боҷуръатона ҷавоб медиҳад:

- Зеро дар ин байт калимаҳои «пайғом» ва «ном» ҳамшаклу ҳамоҳанг буда, дар охири мисраъҳои байт омада, қофияи онро ташкил додаанд.

Дар мавриди радиф метавонад чунин савол гузорад:

- Чаро калимаи дӯст қофия неву радиф аст?

Хонанда агар аз унсурҳои асосии радиф огоҳ бошад, ба зудӣ ҷавоб медиҳад:

- Барои он ки калимаи «дӯст» баъд аз калимоти қофия дар ҳар байт бетағйир такрор шуда омадааст.

Ин гуна саволу ҷавобҳо имкон медиҳад, ки хонандагон дониши гирифтаашонро мустаҳкам кунанд ва ҳам дониши андӯхтаашонро дар амал татбиқ намоянд, ки яке аз шартҳои МБТ аст.

Ҳамон тавре ки таъкид намудем, муайян намудани вазни шеър аз шартҳои асосии низоми анъанавист, аммо дар МБТ омӯзгор бояд ҳамон ахбореро ба хонандагон пешниҳод кунад, ки ба ҷаҳонбинии онҳо созгору

мувофиқ бошад. Бо ин сабаб омӯзгор метавонад аз ин масъала сарфи назар намуда, ба шарҳи калимоти душвори байт машғул шавад, ки дарки матн бидуни донистани калимаҳои он ғайриимкон аст. Аксари калимаҳои байт, монанди марҳабо, пайк, муштоқон, пайғом, рағбат барои хонандагони ин синну сол душвор асту бояд шарҳ ёбанд. Бо истифода аз фарҳангу луғатҳо ва дастурҳои таълимии фанни адабиёт хонандагон бо роҳбарии муаллим ин калимаҳоро шарҳ медиҳанд: **Марҳабо**: Хуш омадед, марҳамат (барои пазироии меҳмон гуфта мешавад), офарин. **Пайки муштоқон**: номабар, қосиди ошиқон, киноя аз боди сабо аст. **Дӯст:** илова бар маънии маъмулиаш ба маънии маҳбуба, маъшуқи азалӣ, ёр низ меояд **Аз сари рағбат**: бо ҷону дил, бо майли тамом.

Аз он ҷо, ки иҷрои чаҳор марҳалаи МБ ба таълими матни бадеӣ аз тарафи омӯзгору хонандагон ҳатмист, бояд дар таълими ғазал ин нуктаро донист, ки ин чаҳор марҳаларо дар кулли матни ғазал ба назар гирифт ва ё ҳангоми таҳлили ҳар як байт. Иҷрои чаҳор марҳалаи МБ ҳангоми таҳлили ҳар байт имкон медиҳад, ки ғазал ба таври комил ҳаллу фасл шавад, аммо вақти зиёде масраф мешавад. Бояд зикр кард, ки ду марҳалаи аввал, яъне дарки матн ва баҳодиҳӣ ба матн дар ҳар як байт бояд иҷро шавад, аммо ду марҳалаи охирро метавонад баъд аз шарҳи тамоми байтҳои ғазал амалӣ кард. Аз ин рӯ, баъд аз шарҳи калимоти душвори байт омӯзгор бо ҳамкории хонандагон маънии байтро шарҳ медиҳанд. Дар китоби «Шарҳи бист ғазали Ҳофизи Шерозӣ» маҳсули байти болоро чунин оварда шудааст: «Хуш омадӣ, эй боди сабо, офарин бар ту бод, номаи дӯстро бидеҳ, то бо майли тамом ҷонро фидои номи дӯст кунам»[29, 64]. Байти дувум:

Волаву шайдост доим ҳамчу булбул дар қафас
Тӯтии табъам зи ишқи шаккару бодоми дӯст.

Ҳангоми таҳлили ин байт ва байтҳои дигари ғазал ҳамон шартҳое, ки ҳангоми шарҳи байти аввал овардем, такрор мешаванд. Калимаи қофия: бодом; радиф: дӯст. Дар ин байт калимаҳои «вола», «шайдо» ва таъбирҳои «тӯтии табъ», «шакару бодом» бояд маънидод шаванд: **Вола:** шефта, мафтун, ҳайрон, саргашта, ошиқ. **Шайдо:** ошуфта, девона, ошиқи гузаро,

ошиқе, ки дар ишқ ба ҳадди девонагӣ расидааст**. Тӯтии табъ:** табъ, ҳастӣ, шоир табъи худро аз сабаби хушсуханӣ ба тӯтӣ ташбеҳ кардааст, зеро тӯтиро агар ёд диҳанд, монанди одам сухан мегӯяд. **Шаккару бодом:** истиора аз лабу чашми маҳбуба аст. Шаккару бодом бо тӯтӣ таносуби маъноӣ дорад, зеро хӯроки тӯтӣ шаккару бодом аст.

Хонандагон санъати бадеии истиораро бояд дар синфи 5 баъд аз санъати ташбеҳ омӯзанд, зеро ин ду санъат бо ҳамдигар хеле наздиканд. Мутаассифона, дар барномаи таълимӣ хусусиятҳои синнусолии хонандагон ба назар гирифта нашудаанд. Дар мавриди санъати истиора хонандагони синфи 5-у 6 ҳамин қадар донанд, ки маънии истиора ба орият гирифтан аст ва дар шеър ба ҷойи як калима калимаи дигар ба кор меравад, ки аз ҷиҳате ба калимаи истиорашаванда монанд аст. Омӯзгор бояд бо мисолҳои содаву равшан санъати истиораро ба хонандагон фаҳмонад: Истиора як қадам фаротар аз ташбеҳ аст. Масалан, агар шоир гӯяд, ки «Ёри сарвқадди ман меояд», ин ҷо қадди ёр ба сарв ташбеҳ шудааст ва агар гӯяд, ки «Сарви ман меояд», дар ин сухан сарв истиора аз ёри сарвқадди ман аст. Дар байти боло «шаккару бодом» истиора аз лабу чашми маҳбуба аст. Сабаби истиора шудани шаккар аз лаби маҳбуба  ширинии шаккару лаби маъшуқа аст. Бодом аз ҷиҳати шакл ба чашм монанди аст ва аз ин ҷиҳат истиора аз чашм шудааст. Барои амиқ омӯхтани санъатҳои бадеӣ омӯзгор бояд бо воситаи саволу ҷавоб ин салоҳиятро дар хонандагон ташаккул диҳад.

Қадам ба қадам, аз сода ба мураккаб гузаштан яке аз принсипҳои методикаи таълими суннатӣ аст ва онро  методи индуксия меноманд, ки дар МБТ низ аз он истифода бурдан айни муддаост. Омӯзгор бояд унсурҳои асоии санъатҳои ташбеҳу истиораро ба бачагон фаҳмонад. Дар санъати истиора низ як ашё ба ашёи дигар монанд аст, аммо дар санъати истиора ташбеҳкунанда ва одоти ташбеҳ вуҷуд надоранд. Барои амиқтар дарк шудани ин масъала методи саволу ҷавоб нақши муҳим бозида метавонад. Масалан, дар мавриди санъати истиора вобаста ба байти боло омӯзгор чунин савол гузошта метавонад:

- Чаро бодом истиора аз чашм шудааст?

Хонандагон агар аз унсури асосии ин санъат огоҳ бошанд, чунин ҷавоб медиҳанд:

- Зеро бодом дар зоҳир ба чашм монанд аст.

Омӯзгор бо такя ба ин ҷавоби хонанда боз савол мегузорад:

- Пас, чаро онро санъати ташбеҳ нагӯем, вақте ки ин ду чиз ба ҳам монанд бошанд?

Хонандагон, ки аз унсурҳои асосии санъатҳои ташбеҳу истиора огоҳанд, дар ҷавоб мегӯянд:

- Бодом аз он сабаб истиора буда метавонад, ки ба ҷойи калимаи чашм омадааст ва ин ҷо ташбеҳшавандаю воситаҳои ташбеҳ, назири чун, монанди мисли ва ғайра вуҷуд надорад.

Дарёфтани санъатҳои бадеӣ, ҳунари шоир ва маънӣ кардани байтро метавон ба марҳалаи дувуми МБ, яъне баҳодиҳӣ ба матн ҳисобид. Баъд аз муайян кардани санъатҳои бадеӣ хонандагон бо ёрии омӯзгор байтро маънидод мекунад. Агар дар шарҳи маънии байт аввал андешаҳои са ё чаҳор хонанда пурсида шавад, беҳтар аст. Омӯзгор дар ин сурат роҳбару раҳнома ва ҷамъбасткунанда аст. Ин байтро чунин шарҳ додаанд: «Монанди булбули гирифтори қафас табъи ширингуфтори чун тӯтии ман дар орзуи чашми зебои чун бодом ва лаби ширини ёр беқарорӣ мекунад»[29,64]**.** Байти севум:

Зулфи ӯ дом асту холаш донаи он доми ман
Бар умеди донае уфтодаам дар доми дӯст.

Ин байтро низ монанди байтҳои боло бо иҷрои талаботи МБ таҳлил мекунем. Барои он ки сухан дароз накашад, таъкиди ҳар марҳала ва шартҳои МБ, ки дар байти боло омадаанд, такрор намекунем. Дар ин байт ҳама калимаҳо барои хонандагон фаҳмост. Шоир зулфи ёрро ба дом ва холи ӯро ба донаи дом ташбеҳ кардааст, ки муайян кардани ин санъат барои хонандагон хеле осон аст, зеро дар байт ошкору равшан таъкид шудааст. Маънии байт низ комилан равшан асту худи хонандагон аз уҳдааш мебароянд: «Зулфи ёр монанди дом асту холи сиёҳи ӯ чун донаи он дом дар

сари роҳам қарор гирифтааст, дили хастаю бечораи ман ба орзӯи расидан ба висол гирифтори доми зулфи ёр шуд» [29,64]. Байти чаҳорум:

Сар зи мастӣ барнагирад то ба субҳи рӯзи ҳашр,
Ҳар кӣ чун ман дар азал як ҷуръа хӯрд аз ҷоми дӯст.

Байти чаҳорум нисбатан душвортар аст, бояд таъбироти шоирона ва калимоти душвор шарҳ дода шаванд: **Сар барнагирифтан**: сар баргирифтан ба маънии чизеро пешгирӣ кардан, монеъ шудан аст, сар барнагирифтан, яъне, пешгирӣ накардан, монеъ нашудан аст. Сар барнагрифтан аз мастӣ бедор нашудан, ҳушёр нашудан аз мастӣ аст, ин ҷо мақсади шоир мастӣ аз ишқ аст. **Рӯзи ҳашр**: рӯзи қиёмат, растохез. **Азал**: рӯзи нахустини офариниши Одам, замони беоғоз. **Ҷуръа:** қулт, як қулт аз ҷоми дӯст: ишора ба пайванди азалии инсон ба асрори олами ғайб, ҳамон ишқи азалӣ дар назар аст. Дар китоби Ш.Р. Исрофилниё ин байт чунин шарҳ шудааст: «Ҳар кӣ чун ман дар рӯзи азал аз мушоҳидаи ҷамоли маъшуқ баҳравар гардиду ошиқ шуд, дигар то рӯзи қиёмат аз шароби ишқ ҳушёр нахоҳад шуд. Ба таъбири содатар: Ошиқ шудан сарнавишти мост» [29, 64].Байти панҷум:

Бас нагӯям шаммае аз шарҳи шавқи худ, аз он-к
Дарди сар бошад намудан беш аз ин иброми дӯст.

Шарҳи таъбироту калимоти душвор**: Бас нагӯям**: бисёр нагӯям. **Шаммае**: андаке, каме. **Шавқ**: иштиёқу орзумандӣ. **Ибром**: пофишорӣ ва ба танг овардан. Маънии байт: «Намехоҳам аз иштиёқу шавқ ва дилбастагии худ ба ёр зиёд ҳарф бизанам, зеро сухани бисёр сабаби ранҷиши маҳбуба мешавад» [29,64].Байти шашум:

Гар диҳад дастам, кашам дар дида ҳамчун тӯтиё
Хоки роҳе, к-он мушарраф гардад аз акдоми дӯст.

Калимаҳо ва таъбирҳои шоирона, ки хонандагон бо ёрии омӯзгор бояд шарҳ диҳанд: **Даст додан**: киноя аз фурсат ёфтан, имкон пайдо кардан, муяссар шудан. **Тӯтиё:** сурма, ки барои зебо ва равшан шудан ба чашм мекашанд. **Мушарраф гардидан**: муваффақ шудан, сарфароз гардидан. **Акдом**: қадамҳо. Маънии байт: «Агар имкон даст диҳаду

муаяссарам шавад, хоки роҳе, ки дӯст аз он гузаштааст, ҳамчун санги сурма ба чашмам мекашам» [29,65]. Байти ҳафтум:

Майли ман сӯйи висолу қасди ӯ сӯйи фироқ,

Тарки коми худ гирифтам, то барояд коми дӯст.

**Висол**: пайванд бо маҳбуба. **Фироқ**: дурӣ, ҷудоӣ аз ёр. **Ком**: мақсад, умед, майлу орзу. Маънии байт: «Майлу талоши ман пайванд бо маҳбуба аст, вале ёри ман аз ман дурӣ мекунаду қасди ҷудоӣ дорад, ман аз орзую хоҳиши худ даст мекашам, бошад, ки ёри ман ба мақсад расад. Яъне, барои ман розию хушнуд будани ёр болотар аз ҳама чиз аст» [29,64]. Байти ҳаштум:

Ҳофиз, андар дарди ӯ месӯзу бедармон бисоз,

З-он ки дармоне надорад дарди беороми дӯст.

Таъкиди он ки байти охири ғазалро байти мақтаъ мегӯянд, зурур аст, то хонандагон бори дигар ба ёд оранду ҳангоми таҳлили шеър ба кор баранд. Калимаи душвор: **Дарди беором**: дарде, ки ором намегирад, дарди бедармон, киноя аз дарди ишқ. Маънии байти мақтаъ: «Эй Ҳофиз, бо дарди ишқи бедармони дӯст бисӯзу бисоз ва дар орзуи дармони дарди ишқ мабош, зеро дарди ишқ дармон надораду ошиқро ҳамеша дар ранҷ медорад» [29,65].

Марҳалаи севум тағйири матн аст ва ин марҳалларо омӯзгор метавонад бо воситаи натиҷагирӣ аз кулли ғазал амалӣ кунад. Хонандагон нахуст аз маънии ҳар байт доир ба дӯстӣ ва шартҳои он, ки шоир баён кардааст, натиҷагирӣ мекунанд ва сониян, андешаҳои худро доир ба дӯст ва масъалаи дӯстӣ иброз медоранд. Ин баёни андешаҳои хонандагон доир ба дӯстӣ, ишқ ва ошиқӣ, ки берун аз матни ғазал аст, як навъи тағйири матн мебошад. Ин амал салоҳияти мустақилона фикронии хонандагонро доир ба мавзуи муайян ташаккул медиҳад. Марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, хонандагон бояд андешаҳояшонро доир ба мавзуи зикршуда ба таври хаттӣ, дар шакли эссеи хурд пешниҳод мекунанд.

Курси хониши адабӣ дар синфи 7 ба поён мерасад ва бо хатми синфи ҳафтум хонандагон бояд ба омӯхтани таърихи адабиёт омода бошанд. Яъне, кор бо матни бадеӣ дар синфи 7 нисбат ба синфи 6 мураккабтар ва аз ҷиҳати

ҳаҷм ҳам бояд матне, ки барои хонандагони ин синну сол пешниҳод мешавад, нисбатан бузургтар бояд бошад. Аз он сабаб, ки асарҳои бадеӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ва жанри таълиф мухталифанд, шеваи кор бо матн ҳам дар МБТ анвои гуногун доранд: хониши бадеии матн дар синф, хониши мустақилонаи матн дар хона, хониши овозӣ, мураттаб намудани нақшаи матн, нақли шифоҳӣ, саволгузорӣ ва ҷавобҳои хаттӣ ба он, шарҳи калимот, муайян намудани воситаҳои тасвир ва ғайра. Мақсади ҳамаи ин шеваҳои кор бо матни бадеӣ соҳибмаърифат кардани хонандагон, ташаккули салоҳиятҳо ва мустақилияти онҳо мебошад.

Дар барномаи таълими адабиёт дар синфи 7 таълими намунаҳои осори 20 суханвар пешбинӣ шуда, ки 14 нафари онҳо шоиранд. Илова бар ин омӯзиши санъатҳои ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, таҷнис, таҷоҳули ориф ва тазоду мутобақаро низ барои хонандагони синфи 7 зарур дониста шудааст. Озмоишҳои педагогии дар мактабҳои пилотӣ гузаронида, нишон медиҳанд, ки таълими санъати ташбеҳу истиора дар синфи панҷу шаш мувофиқи мақсад аст, зеро бе донистани ин санъатҳо хонандагон таҳлили намунаҳои ашъоре, ки барои ин синфҳо дар барнома ҷой доранд, ғайриимкон аст. Аз сӯйи дигар, озмоишҳои педагогӣ собит намудан, ки санъатҳои ташбеҳу истиора ба синну соли хонандагони синфҳои панҷу шаш мувофиқанду агар дар асоси талаботи МБ таълим дода шаванд, ҳеч мушкилие пеш намеояд.

Дар барномаи синфи 7 барои таълими ғазалҳои «Ғарибӣ», «Гуфтам ба чашм», «Ошӯби ҷонӣ», «Дӯст медорад дилам ҷабру ҷафои дӯстро»-и Камоли Хуҷандӣ 3-соат ҷудо шудааст. Ба сифати намуна мо ғазали машҳури Камоли Хуҷандӣ «Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб», ки дар барнома ва китоби дарсӣ бо унвони «Ғарибӣ» ёд шудааст, баррасӣ мекунем:

Ғарибӣ

Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,

Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб?!

Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,

Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?

Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли ман?

Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб.

Ҳаргиз аз рӯйи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист

Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб?

Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли худ,

Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,

Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб! [82,105]

Қироати дурусти матни ғазал имкон медиҳад, ки хонандагон дар муайян намудани калимаҳои қофияю радиф ва санъатҳои бадеӣ ба иштибоҳ роҳ надиҳанд. Дар марҳалаи аввал, яъне дарки матн, маълумоти мухтасар дар бораи Камоли Хуҷандӣ, ки бештари умрашро дур аз ватанаш - Хуҷанд гузаронидааст, муассир буда метавонад. Гарчанде вазифаи асосии курси хониши адабӣ кор бо матни бадеӣ асту тарҷумаи ҳоли шоир ба он дохил намешавад, аммо ҳангоми баррасии ашъори суханварон, ки аз лаҳзаҳои зиндагии худ ёд кардаанд, зикри тарҷумаи ҳоли шоир мувофиқи мақсад аст. Баъзе аз камолшиносон ин ғазали Камолро комилан ирфонӣ маънӣ кардаанд ва гуфтаанд, ки мақсади шоир аз «кӯйи ҷонон» олами лоҳут аст, ки руҳи инсон он ҷо офарида шудааст. Ҳамчунин дар баъзе китобҳо дар мисраи якум ба ҷои калимаи «ман» вожаи «тан» омадааст. Барои хонандагони мактаб баррасӣ кардани масъалаи матншиносии ашъори шоирон зарурат надорад. Методистон таъкид кардаанд, ки барои хонандагони мактаб маълумоте пешниҳод кардан даркор аст, ки дар онҳо ҳеч шубҳаву тардид набошад. Аз ин сабаб омӯзгор набояд дар мавриди вариантҳои гуногуни ин ғазал ба хонандагон маълумот диҳад, зеро ин масъала аз дараҷаи

фаҳмиши мактаббачагон дур аст. Аз ҷониби дигар, муҳаққиқони адабиёт нишон додаанд, ки ғазали асри XIV ғазали талфиқ буда, дар он ҳам андешаҳои ирфонӣ ва ҳам ғайриирфонӣ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, ин ғазалро бояд вобаста ба андешаҳои дунёвӣ барои хонандагон таълим дод, маънои ирфонии ғазал аз фаҳмиши онҳо дур аст.

Муайян кардани калимаҳои қофияи ин ғазал бигузор аз тарафи хонандагон сурат гирад. **Калимаҳои қофия**: ҷо, танҳо, бепо, илло, мо, бо, во**.** **Радиф**: ғариб. Байт ба байт шарҳ додани ғазал, ки аз талаботи низоми анъанавист, ба талаботи МБ низ ҷавобгӯст.Байти матлаъ:

Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,

Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб?!

Ҳангоми таҳлили байт низ ишора ба калимаҳои қофияю радиф аз аҳамият холӣ нест, зеро такрори дониш ба фоидаи кор аст: қофия: ҷо, танҳо, радиф: ғариб. Дар ин байти калима ва таркибҳои зер бояд маънидод шаванд: **Муқим:** истиқоматкунанда, сокини ҷое, маконе, ҷойгиршуда дар ягон ҷой. **Кӯй:** маҳалла, кӯча, гузар. Ҷонон: дӯстдошта, маҳбуба, маъшуқа. **Ғариб:** мусофир, одами аз ватан ва хонумон дурафтода. **Мискин**: фақир,бечиз, бечора, нотавон, оҷиз.

Дар ин байт санъатҳои бадеие монанди бароати истиҳлол, ҳусни матлаъ, таносуб ба кор рафтаанд, ки кушодани онҳо салоҳияти зебоишиносии хонандагонро ташаккул медиҳад. Вале аз сӯйи дигар хонандагон бояд қаблан дар бораи ин санъатҳо маълумот дошта бошанд, агар бо ин санъатҳо ошно набошанд, аз онҳо талаб кардан бефоида аст. Озмоишҳои педагогӣ дар мактабҳои пилотӣ нишон медиҳанд, ки дар курси хониши адабӣ омӯзиши санъатҳои нисбатан муракаб мувофиқи мақсад нест. Бояд ҳар як санъати бадеӣ бо талаботи МБТ зина ба зина таълим дода шавад. Дар марҳалаи сеюм аз байт натиҷагирӣ кардану маънии онро овардан мувофиқи мақсад аст. Омӯзгор бо иштироки хонандагон маънии байтро равшан мекунанд. Ин байтро чунин маънӣдод кардан мумкин аст: «Дили ман назди маҳбубаам

дар ватан асту ман дар мулки ғарибиам. Чӣ кор кунад, ошиқи бечара дар мулки ғарибӣ яккаву танҳо, бекасу нотавон, ба ғайр аз нолаву фарёд кардан». Байти дувум:

Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,

Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?

Дар байти боло ҳама калимаҳо барои хонандагон фаҳмост ва маънии байт низ равшан аст. Омӯзгор бояд имкон диҳанд, ки маънии байтро худи хонандагон бигӯянд: «Орзу дорам, ки ҳар чи зудтар ба ватан баргардаму ба дидори ёронам расам. То кай дар ин ҷаҳон саргардону ҳайрон мегардам».Байти севум:

Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли ман?

Меҳнати ғурбат надонад ҳеч кас, илло ғариб.

Дар байти боло калимаи «меҳнат» бояд равшан карда шавад, зеро хонандагон онро ба маънии кор мефаҳманд, ки имрӯз маъмул аст. Аммо дар осори шоирону нависандагони гузаштаи мо меҳнат ба маънии «1. мусибат, бало, бадбахтӣ, идбор. 2.ранҷ, азобу уқубат, машаққат, заҳмат» [105,684] ба кор рафтааст. Илло: ғайр аз, ба ҷуз, магар, магар ин ки… [105, 473]. Хонандагони синфи 7-ро бояд шеваи кор бо луғату фарҳангро ёд дод. Агар ин калимотро худи хонандагон аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» биёбанд, аҳамияти бештар дорад ва салоҳияти мустақилона амал кардану захираи луғавии худро ғанӣ сохтани онҳоро ташаккул медиҳад. Ин байт низ бо шарҳ додани калимоти душвор дарки он барои хонандагон осон мешавад. Бинобар ин, маънии байтро низ бояд худи хонандагон биёбанд. Агар байт аз тарафи хонадагон комилан равшан нашавад, он гоҳ омӯзгор метавонад бо назардошти ҷавоби хонандагон онро комил гардонад. Байтро хонандагон метавонанд чунин шарҳ диҳанд: «Азобу ранҷи ғарибиро танҳо касе метавонад фаҳмад, ки худаш ранҷу заҳмати ғарибиро кашида бошад. Ту, ки мусибати ғарибиро надидаӣ, аз ҳоли мо ғарибон чӣ гуна бохабар шуда метавонӣ?». Байти чаҳорум:

Ҳаргиз аз рӯйи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист

Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб?

Калимаҳои «карам» ва «мустаманд» барои хонандагон душвор буда метавонад, ки хонандагон бо ёрии омӯзгор онро аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» меёбанд. Имрӯз ин китоб ба шакли электоронӣ мавҷуд аст. Хонандагон агар ин китобро дар планшет насб карда бошанд, ба осонӣ шарҳи ҳар калимаи душвор ёфта метавонанд. **Карам**: саховат, ҳиммат, кушодадастӣ, ҷавонмардӣ. **Мустаманд**: ғамгин, андӯҳгин. Маънии байтро хонандагон чунин шарҳ медиҳанд: «Эй ёри азиз, мо ки гирифтори туем, аммо ту боре ҳам аз рӯйи ҳиммату саховатмандӣ напурсидӣ, ки ҳоли он ошиқи ғамгини ғарибӣ мо чӣ шуд».Байти панҷум:

Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли худ,

Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?

Дар зоҳир ҳама калимаҳои байти боло фаҳмоанд, аммо калимаи «афтад» ба маънии маҷозӣ ба кор рафтааст. Бояд зикр кард, ки шоир аз ғарибӣ сухан мекунад ва «афтодан» ба маънии «ба ҳоли бад дучор шудан, нотавон шудан, оҷиз шудан» низ меояд, ки ба мазмуни ғазал ва байт хеле мувофиқ асту таносуби маъноӣ дорад. Аз сӯйи дигар, таъбири «ба ҳоли касе афтодан» ба маънии касеро даст гирифтан, ёрӣ додан ҳам меояд. Баъд аз равшан гардидани ин таъбир омӯзгор метавонад бо иштироки хонандагон байтро маънидод кунад. Байтро чунин шарҳ додан мумкин аст: «Дар ин даврони пурошӯб одамон аз ҳоли худ бехабаранду наметавонанд мушкилоти худашонро ҳал кунанд, дар ин шаҳр, ки аҳвол чунин аст, кӣ аз ҳоли ғарибе чун ман мепурсаду ёрӣ мерасонад? Яъне касе аз ҳоли ман намепурсанду ёрӣ намедиҳад». Байти шашум:

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,

Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб!

Зикри он ки байти охири ғазалро мақтаъ мегӯянд, бояд ба саъми хонандагон расонида шавад ва ё савол гузошта шавад, ки байти охирро чӣ мегӯянд? Такрор дониши андӯхтаи хонандагонро мустаҳкам мекунад, ки аз фоида холӣ нест. Ин нукта, ки дар байти охир шоир суханашро ҷамъбаст мекунад ва бояд  мақсади шоир равшан гардад, хонандагонро бештар ба маънии шеър мутаваҷҷеҳ месозад. Хонандагон, ки аз мазмуну муҳтавои ғазал огоҳ шуданд, байти мақтаъро худ шарҳ медиҳанд: «Фарёд аз дасти ғарибӣ, Камоли бечора дур аз ватан, дар ғурбат ба душворӣ ҷон медиҳад». Илова бар ин, таъкиди ин масъала, ки Камоли Хуҷандӣ дур аз ватанаш – Хуҷанд дар шаҳри Табрез вафот кардааст, ба дарки ғазал муфид буда метавонад.

Дар барномаи синфи 7 барои таълими шеърҳои «Ба модарам», «Забонгумкарда» ва «Корези Фирдавсӣ»-и Лоиқ Шералӣ ду соат ҷудо карда шудааст. Ҳамчунин таъкид шудааст, ки хонандагон бояд аз ин шеърҳо «назари шоир ба забон, бузургдошти Фирдавсӣ, меҳру садоқат ба модар, тавсифи модар»-ро донанд(14,38). Ба тариқи намуна мо шеъри «Забонгумкарда»-и Лоиқ Шералиро вобаста ба талаботи МБ баррасӣ менамоем.

**ЗАБОНГУМКАРДА**

Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,

Дар замину дар замон гумкардае.
Ин нишон гумкардаеву дигаре
Хештанро бенишон гумкардае.

Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,

Дигаре ганҷи равон гум кардааст.

Ин яке гар ними нон гум кардааст,

Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст.

Ин яке ҷону ҷигар гум кардааст,

Он яке шӯру шарар гум кардааст.

Ин яке гум карда гар моли падар,
Дигаре панди падар гум кардааст.

Гар яке бому даре гум кардааст,
Дигаре ному фаре гум кардааст.

Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,

Ин забони модарӣ гум кардааст.

Аз тамоми ину он гумкардагон

Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон

З-он ки гум карда забони модарӣ,

Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.

Бок не, гар доварӣ гум кардааст

Ё умеди сарварӣ гум кардааст.

Заҳр бодо шири модар бар касе,

К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

Он яке қадри сухан гумкардае,
Дигаре боғу чаман гумкардае.
Аз забони модари гумкарда, лек
Мерасад рӯзе ватан гумкардае... [82,258]

Аз он сабаб, ки мавзуи шеър дар бораи забони модарӣ ва арҷгузорию гиромӣ доштани он аст, омӯзгор метавонад дарсро бо чунин саволҳо оғоз намояд:

1.Забони модарии шумо кадом забон аст?

2. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом забон аст?

3. Ба кадом сабаб забонро аз рукнҳои асосии давлат медонанд?

4. Дар бораи забони модарӣ кадом шоирони мо шеър гуфтаанд?

Ҷавоби ин саволҳоро, ки метавонанд хонандагон дар гурӯҳҳо омода созанд, онҳоро барои фаҳмидани шеър омода мекунад. Қироати пурраи матни шеър аз тарафи хонандагон бояд амалӣ гардад. Агар шеър аз тарафи ду-се хонанда қироат карда шавад, беҳтар аст. Назар ба мушоҳидаҳо дар мактабҳои озмоишӣ, ки омӯзгороне, ки талаботи МБТ-ро хуб медонанд, баҳри ташаккул додани хониши ифоданок аз шеваҳои гуногун истифода бурда, ба комёбиҳои хубе муваффақ мешаванд. Вале аксари муаллимон, ки аз он бехабаранд, ба сабаби дуруст ба роҳ монда натавонистани тарзи таълими МБ дарсашон самараи хуб намедиҳад. Бояд омӯзгор шеваи таълимро чунон ба роҳ монад, ки хонандагон матни бадеиро бошуурона, фаҳмида хонанд, ба задаи мантиқӣ, оҳанг, ист, аломати китобат таваҷҷуҳ намоянд, саҳеҳ, дуруст ва буррову равшан қироат намоянд.

Шеъри «Забонкумкарда» ба қисматҳо ҷудо шуда, аз ҳафт банд иборат аст, ки ҳар банд байни худ иртиботӣ қавӣ дошта, ҳар кадом як масъала доир ба забонро фаро мегиранд. Аз ин сабаб, на байт ба байт, балки  банд ба банд шарҳу таҳлил кардан мувофиқи мақсад буда метавонад. Муайян кардани калимаҳои қофияю радиф низ барои осон шудани кор дар асоси байт сурат гирад, беҳтар аст. Банди аввал:

Ҳар кӣ дорад дар ҷаҳон гумкардае,

Дар замину дар замон гумкардае.  
Ин нишон гумкардаеву дигаре  
Хештанро бенишон гумкардае.

Калимаҳои қофияю радифро худи хонандагон меёбанд: ҷаҳон, замон, бенишон, радиф: гумкардае.

Дар абёти боло калимаи «нишон» ду бор ба кор рафтааст: дар мисраи севум нишон ба маънии «мақсад, нийят» ва дар мисраи чаҳорум ба маънии луғавияш, «аломат, асар» ба кор рафтаанд. Маънии бандро низ бояд аввал хонандагон гӯянд, агар нокомил аст, омӯзгор метавонад пурра намояд: «Ҳар кас дар ин ҷаҳон гумкардае дорад, яке дар замину дигаре дар замон чизе гум кардааст, яке нияту мақсад гум кардаву дигаре худро беасару бенишон гум кардааст».Банди дувум:

Ин яке бахти ҷавон гум кардааст,

Дигаре ганҷи равон гум кардааст.

Ин яке гар ними нон гум кардааст,

Дигаре ними ҷаҳон гум кардааст.

Чунонки мушоҳида мешавад, дар банди боло ҳар чаҳор мисраъ қофия доранд: ҷавон, равон, нон, ҷаҳон. Бояд шарҳ дод, ки ин амал дар шеър равост, гоҳе ҳар чаҳор мисраи рубоӣ, дубайтӣ ва чаҳорпораҳо ҳамқофия мешаванд. Радиф: гум кардааст.

Дар банди болоибораҳои «бахти ҷавон», «ганҷи равон», «ними нон» ва «ними ҷаҳон» гарчанде дар зоҳир фаҳмо менамоянд, аммо дар асл таъбирҳое ҳастанд, ки ҳар як маъноеро ифода мекунанд. Бо истифода аз фарҳангу луғатҳо маънии ин ибораҳоро шарҳ медиҳем: **Бахти ҷавон**: бахти нав, бахти умедбахш.**Ганҷи равон**: киноя аз сарват, боигарӣ, пули моли зиёд. **Ними нон**: ғизои андак, киноя аз факр, камбағалӣ, бечизӣ. **Ними ҷаҳон**: киноя аз сарвату ҳукумат, ва сарварӣ, подшоҳӣ. Маънии банди дувум: «Як кас бахти навёфта, бахти умедбахшашро ва дигаре сарвату боигариашро гум кардааст. Агар одаме пули ночизашро гум карда бошад, дигар инсон сарвати бузургу сарвариашро гум кардааст». Банди севум:

Ин яке ҷону ҷигар гум кардааст,

Он яке шӯру шарар гум кардааст.

Ин яке гум карда гар моли падар,

Дигаре панди падар гум кардааст.

Калимоти қофия, ки бояд хонандагон муайян кунанд: ҷигар, шарар, падар. Радиф: Гум кардааст. Таъбирҳои «ҷони ҷигар», «шуру шарар» ва «панди падар» бояд тавзеҳ ёбанд: **Ҷону ҷигар**: киноя аз каси бисёр азиз, мисли фарзанд. **Шуру шарар**: фитнаву фасод, ин ҷо киноя аз ғайрату ҷасорат аст. **Панди падар**: насиҳати падар. Маънии банди севум: «Ин яке фарзанди азизашро гум карда бошад, дигаре ғайрату ҷасораташро гум кардааст. Агар ин одам молу сарвати падарашро аз даст дода бошад, дигар аз насиҳати падараш бенасиб мондааст». Банди чаҳорум:

Гар яке бому даре гум кардааст,

Дигаре ному фаре гум кардааст.

Он забони ҳамдилӣ гум кардааст,

Ин забони модарӣ гум кардааст.

Калимаҳои қофия: дар, фар, модар. Радиф: гум кардааст. Ҳарфи равӣ: ре (р). Иборaҳои «бому дар»: киноя аз хонумон, молу сарват, «ному фар»: киноя аз обрӯ, нагу номус. Банди севумро метавон чунин маънӣ кард: «Агар яке хонумонашро аз даст дода бошад, дигаре нангу номус, обрӯву эътиборашро гум кардааст. Каси дигар забони муоширату якдигарфаҳмиро аз даст дода бошад, ин одам забони модариашро гум кардааст».Банди панҷум:

Аз тамоми ину он гумкардагон

Зиштрӯтар нест дар рӯи ҷаҳон

З-он ки гум карда забони модарӣ,

Ҳарф гӯяд бо ту бо чандин забон.

Калимаҳои қофия: гумкардагон, ҷаҳон, забон. Дар ин банд радиф вуҷуд надорад. Ҳарфи равӣ: не (н). Шояд калимаи «зиштрӯ»- баднамуд, бадрӯ, бадасл, барои хонандагон нофаҳмо бошад. Барои таъйин кардан бояд маънии онро аз хонандагон суол кард, агар душворӣ кашиданд, муаллим худ тавзеҳ бояд диҳад. Бояд фаҳмонд, ки зиштрӯ на ба маънии зоҳирии калима, яъне касе, ки зоҳири безеб дорад, балки ба амали одам вобаста аст. Ба таъбири дигар, касе забони модариашро гум кардааст, бадтарин инсон аст. Маънии банд: «Аз ҳама бадрӯтарину бадаслтарин инсон он кас аст, ки забони модариашро гум кардаасту бо ту бо забонҳои дигар сухан мекунад». Банди шашум:

Бок не, гар доварӣ гум кардааст

Ё умеди сарварӣ гум кардааст.

Заҳр бодо шири модар бар касе,

К-ӯ забони модарӣ гум кардааст.

Калимаҳои қофия: доварӣ, сарварӣ, модарӣ. Радиф: гум кардааст. Ҳарфи равӣ: ре(р). Шарҳи банд: «Ҳеч гапе нест, агар инсон ҳокимияташро аз даст дода бошаду умеди роҳбариашро гум карда бошад, аммо шири модараш дар комаш заҳр шавад, касе, ки забони модариашро гум кардааст». Банди ҳафтум:

Он яке қадри сухангумкардае,

Дигаре боғу чаман гумкардае.

Аз забони модари гумкарда, лек

Мерасад рӯзе ватан гумкардае...

Калимаҳои қофия: сухангумкарда, чамангумкарда, ватангумкарда. Ҳарфи равӣ: не(н). Бояд ба хонандагон шарҳ дод, ки ҳарфи равӣ – ҳарфи решагии охири калимаи қофия мебошад. Калимаҳои қофия дар ин байт калимаҳои мураккаб буда, аз ду ҷузъ иборатанд. Дар китоби дарсӣ ин калимаҳо дар сурати «сухан

гумкарда» ва «чаман гумкарда» омадаанд, ки нодуруст аст. Маънии банд: «Он касе ақлу хирадашро аз даст дода, ки қадри суханро гум кардаасту дигаре боғу чаманашро гум кардааст, аммо касе, ки забони модариашро гум кардааст, рӯзе мерасад, ки ватанашро ҳам гум мекунад».

Дар марҳилаи сеюм, ки тағйир додани матн аст, хонандагон доир ба қадру манзалати забони модарӣ ва касоне, ки забони модариашонро гум кардаанд, изҳори андеша мекунанд. Баҳси хонандагон дар ин масъала на танҳо доир ба матни шеъри Лоиқ Шералӣ, балки бояд фарохтар сурат гирад. Хонандагон андешаҳои худро кушоду равшан баён мекунанд, забонгумкардаро маҳкум мекунанд, вобаста ба вазъияти замона, алалхусус вазъи бархурди тамаддунҳо ва аз байн рафтани забонҳои ақаллиятҳо дар бораи ҳифзи забони модарӣ баҳс мекунанд ва омӯзгор ба сифати довар баҳсро доварӣ менамояд.

Марҳалаи чаҳорумро метавон ба шакли хаттӣ амалӣ кард, хонандагон фикру андешаҳои худро дар ҳаҷми эссеи хурд хаттӣ пешниҳод мекунанд.

Хулоса, дар курси хониши адабӣ татбиқи талаботи МБТ нисбат ба курси хониши эзоҳӣ мураккабтар буда, дар ин зина адабиёт ба тариқи мавзуӣ омӯхта мешавад. Дар курси хониши адабӣ омӯзгор имкон дорад чаҳор марҳала ва чаҳор унсури асосии МБТ-ро татбиқ намояд. Ин нукта мусаллам аст, ки дар курси хониши адабӣ ҳамон ашъори ғиноие бояд интихоб ва таълим дода шаванд, ки ба синну соли хонандагон мувофиқ аст. Ба ҳамин минвол порчаҳои дигари шеърӣ, ки дар барнома пешниҳод шудаанд, вобаста ба талаботи МБ таълим дода мешавад.

**2.3. Таълими ашъори ғиноӣ дар курси таърихи адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият**

Курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) зинаи сеюм маҳсуб ёфта, чи аз нигоҳи синнусолӣ ва чи аз нигоҳи масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли онҳо аз курсҳои хониши эзоҳӣ ва курси хониши адабӣ тафовут дорад. Дар ин давра аз ҳар ҷиҳат шогирдон ба камол расида, тафаккури интиқодии онҳо инкишоф меёбад, барои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои адабӣ, дарки равия ва унсурҳои назарӣ то андозае омода хоҳанд буд. Хонандагон дар ин синнусол аз ҷиҳати ҷаҳонбинӣ рушду камол ёфта, натанҳо дар масъалаҳои адабӣ, балки дар ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии онҳо давраи нав оғоз меёбад. Онҳо маводеро, ки дар синфҳои поён омӯхтаанд, дар курси таърихи адабиёт ба тарзу усули нав баррасӣ хоҳанд кард. Муҳим он аст, ки ба масъалаҳои адабӣ худ метавонанд баҳо диҳанд. Онҳо мавзую мундариҷаи асарро қиёсан бо нақшаҳои асосӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба хулосаҳои даркорӣ омада метавонанд. Ин амал дар сурате натиҷаи хуб дода метавонад, ки омӯзгор шогирдонро дар курси хониши адабӣ дуруст таълим дода бошад, яъне дар курси таърихи адабиёт донишҳои дар ду зинаи аввал андухтаи хонандагон ҷамъбаст мегардад. Шогирдон бояд ҳамбастагӣ ва ягонагии ин ду курсро дар вақти таҳлили асарҳо, нақшаҳо бо ҳам пайваст намоянд. Гузашта аз ин, мувофиқи ҷаҳонбинӣ ва методи муқоисавӣ образҳоро таҳлил намуда, хусусиятҳои умдаи онҳоро нишон диҳанд. Осори манзум дар ин курс, ки омӯзиши онҳо дар барнома тавсия шудааст, ҳаматараф, ба таври муфассал таҳлил карда мешавад.

Вазифаи асосии курси таърихи адабиёт ба хонандагон омӯхтани пайдоиш ва ҷараёни инкишофи таърихи адабиёти тоҷик ва таъйини арзиши маърифатӣ, тарбиявӣ ва алалхусус бадеии онҳо мебошад, ки дорои омилҳои зиёде мебошад. Аз ҷумла, таъйини моҳияти ғоявӣ, тарбиявӣ ва ҳунарии адабиёти тоҷик ва омӯзиши саҳми бузурги он дар пайдоиш ва инкишофу такомули фарҳанги миллӣ ва умумиҷаҳонӣ; дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши таърихи адабиёт омӯхтани масъалаҳои назарияи

адабиёт; даст ёфтани хонандагон ба салоҳиятҳое, ки адабиёт як навъи санъат ва ҳунар буда, мақсади аслии он тарбияти инсон аст.

Ҳангоми таълими каломи манзум дар курси хониши адабӣ танҳо таҳлили қитъаҳои шеърӣ аз ашъори ғиноӣ ва порчаҳои ҷудогона аз асарҳои адибон интихоб карда мешавад, аммо дар курси таърихи адабиёт ашъори ғиноӣ, монади рубоӣ, қитъа, ғазал қасида ва ё достону маснавӣ дар шакли комил омӯхта мешаванд. Дар курси таърихи адабиёти таҳлили каломи манзум характери илмӣ-назариявӣ мегирад. Омӯзгор бояд ба масоили тарбияи зебошинохтӣ ва дарки зебоию ҳунар аз тарафи хонандагон бештар таваҷҷуҳ дошта бошад.

Аз синфи VIII сар карда адабиёт ба таври солшуморӣ (хронологӣ) омӯхта мешавад. Нахуст бояд хонандагон бо мафҳумҳои "адабиёт", "адабиёти тоҷик", адабиёти бадеӣ" ошно шаванд. Мавзуи баҳси фанни таърихи адабиётро ба дурустӣ донанд. Яъне, донанд, ки мавзуи баҳси адабиёт омӯхтани раванди таърихии инкишофи адабёт, давраҳо ва марҳилаҳои инкишофи адабӣ, пайдоиш, таҳаввул ва инкишофи ҷараёнҳо ва мактабҳои адабёт, услубҳои эҷодӣ, рӯзгор ва осори суханварон, навъҳои адабӣ ва таърихи пайдоишу инкишофи онҳо, пайдоиши қолабҳои шеър (вазну қофия), санъатҳои бадеии лафзию маънавӣ ва монанди инҳо мебошад. Омӯзгор ба саъми хонандагон бояд расонад, ки "адабиёт – инъикоси бадеии зиндагии инсон аз даврони бостон то имрӯз» аст.

Дар курси таърихи адабиёт рӯзгору осори суханварон ба таври муфассал омӯхта мешавад. Тибқи "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI" (2007) дар синфи VIII баъди омӯзиши осори адабиёти аҳди бостон рӯзгору осори суханварони асрҳои X-XII ба тартиби солшуморӣ: Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Бобо Тоҳири Урён, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саноӣ, Абулмаолии Насруллоҳ, Анварӣ, Аттор, Хоқонӣ ва Низомӣ омӯхта мешаванд. Дар

синфи IX рӯзгору осори адибони асрҳои XII-XV, синфи X шоирону нависандагони асрҳои XVI-XIX ва синфи XI суханварони асри XX таълим дода мешаванд.

Таълими ашъори лирикии суханварон дар шароити МБ имкон медиҳад, ки хонандагон дар баробари дониш андухтан салоҳияти дар амал татбиқ намудани онро низ доро бошанд. Бояд зикр кард, ки таълими асарҳои лирикӣ дар курси таърихи адабиёт махсусиятҳои худро дорад. Гарчанде МБ-и ашъори лирикӣ дар курси таърихи адабиёт умуман дигар намешаванд, яъне ҳамон чаҳор марҳалаи таълими матни адабӣ дар синфҳои болои низ иҷро мешаванд, аммо доираи фарогирии масъалаҳо васеътар мегардад, масъалаҳои нисбатан мураккаб мавриди таҳлил карор мегиранд. Шарҳу таҳлил ва тафсири матни бадеӣ дар курси таърихи адабиёт ҷиҳатҳои бештар касб мекунад, масъалаи шинохти зебоии асари бадеӣ, ҳунари шоир, навоварӣ, тасвирҳои шоирона ва амсоли инҳо дар мадди назари хонандагон қарор мегиранд. МБТ аз омӯзгор тақозо мекунад, ки ба барнома ва китоби дарсӣ маҳдуд нагардад, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон, агар зарурат пеш ояд, мавзую мундариҷаи барномаро тағйир диҳад. Дар курси таърихи адабиёт ашъори ғиноӣ ба таври комил омӯхта мешавад. Ин амал имкон медиҳад, ки хонандагон дар доираи мавзую масъалаи шеъри муайян андеша кунанд ва бардошти худро ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ баён намоянд.

Ҳангоми таҳлили ашъори лирикӣ дар курси таърихи адабиёт иҷрои он талаботи МБ, ки дар курси хониши адабӣ зарур буд, идома меёбад. Дар синфҳои болоӣ низ бояд ба қироати саҳеҳи матн таваҷҷуҳ зоҳир шавад, калимаҳои қофия, радиф, ҳарфи равӣ бояд аз тарафи хонандагон муайян гарданд. Калимоти душвор ва ноошноро худи хонандагон бо истифода аз луғату фарҳангҳо меёбанд, бо санъатҳои бадеии сода маҳдуд нашуда, санъатҳои нисбатан мураккабро муайян менамоянд, байтҳоро ҷудогона ва сипас, дар пайвастагӣ бо дигар абёти матн баррасӣ мекунанд, аз кулли матн натиҷагирӣ мекунанд,

матнро бо назардошти худ тағйир медиҳанд, яъне фикру андешаҳои худро доир ба масъалаҳое, ки шоир дар матн наовардааст, баён мекунанд ва матни худро пешниҳод менамоянд, ки он андешаҳои онҳоро дар шакли хаттӣ ифода мекунад.

Мувофиқи барномаи адабиёти тоҷик таълими ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ то синфи VIII идома меёбад. Ба хонандагони синфи VIII барои таълими рӯзгор ва осори устод Рӯдакӣ мувофиқи барномаи таълимӣ 7 соат ҷудо шуда ва мавзуъҳо ба тариқи зайл пешбинӣ шудаанд: "Ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ. Масъалаи нобиноии Рӯдакӣ. Ашъори боқимондаи Рӯдакӣ, анвои шеъри шоир: қасида, маснавӣ, қитъа, ғазал, рубоӣ. Таҳлил ва шарҳи қасидаҳои "Шикоят аз пирӣ", "Модари май", шеърҳои "Эй он ки ғамгинию сазоворӣ", "Шод зӣ", "Зиндагӣ", дар бораи панду андарзҳои Рӯдакӣ, васфи табиат ва хушиҳои зиндагӣ. Забон ва услуби шеъри Рӯдакӣ" [14, 41].

Ба тариқи намуна бо такя ба озмоиши педагогӣ, ки гузаронидем, қасидаи "Шикоят аз пирӣ"-и Рӯдакиро вобаста ба талаботи МБ таҳлил менамоем. Бояд зикр кард, ки мо ин қасидаро дар Литсейи "Раҳнамо" ҳамроҳи муаллимаи ин муассисаи таълимӣ М. Хуҷамамқулова бо риояи талаботи МБТ озмоиш намудем ва натиҷаи озмоишро дар мақолаи худ баён кардаем. Шеваи таълими суннатии ин қасидаи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро мо ҳамроҳи профессор Ш.Р. Исрофилниё дар китоби "Шарҳи мунтахаби ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" овардаем, ки истифодаи он китоб дар дарс муфид буда метавонад. Методист Мирзоҳабиб Аҳмадов дар китоби худ "Таълими адабиёти тоҷик" барои таълими ин қасида 2-соатро мувофиқ медонад [35, 28]. Ҳувайдост, ки омӯзгор наметавонад дар доираи соати муқараршуда ҳама ин мавзуъҳоеро, ки дар барнома пешниҳод шудаанд, таълим диҳад. Аз ин рӯ, барои таълими ашъори ғинои шоир мебояд соати зиёдтар ҷудо карда шавад, то шеърҳо ҳамаҷониба ва мукаммалтар шарҳу тафсир гарданд. Озмоиш нишон дод, ки таълими ин қасида вобаста ба талаботи МБ дар се соат амалӣ кардан мумкин аст.

Пеш аз таҳлили қасида маълумоти кӯтоҳе дар бораи Рӯдакӣ ва қасидаи “Шикоят аз пирӣ” додани омӯзгор хонандагонро ба дарки он омода месозад. Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи тамаддуни мардуми форсинажод ба ҳайси падари шеъри форсӣ-тоҷикӣ шинохта шуда, осораш сармашқи суханварони баъдӣ гаштааст. Ашъори бозмонда аз ин шоири бузург, ки дар камоли суханварӣ эҷод шудааст, дар таълиму тарбияи хонандагон ва дар онҳо ташаккул додани салоҳиятҳои маърифативу хештаншиносӣ, ҳуввияти миллӣ муассир буда метавонад. Бино ба таъкиди муҳаққиқон, мавзуи панду андарз дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ аз устод Рӯдакӣ сарчашма мегирад: “Рӯдакӣ аввалин шоирест, ки овардани панду андарз ва мавоизу насоеҳро дар ашъор ба расмият даровард”[35,7]. Яке аз масъали муҳимме, ки дар таълими адабиёт дар мадди назари омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ меистад, ин донистани шеваи таҳлилу тафсир ва таълими огоҳонаи каломи манзум, алалхусус шеър аст. Агар муаллими адабиёт аз шеваи таҳлили каломи бадеъ огоҳ бошад ва бо иҷрои талаботи МБ метавонад шогирдонашро ба дарки сухани адиб ҳидоят намояд ва дар онҳо салоҳиятҳоро ташаккул диҳад.

Қасидаи “Шикоят аз пирӣ”, ки қасидаи тарҷумаиҳолии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ буда, аз зиндагии саодатмандонаи даврони ҷавонии шоир, мартаба, шаъну эътибор ва шуҳрати шеъри ӯ ҳикоят мекунад, бояд огоҳона ва ҳамаҷониба таълим дода шавад. Таълими ин қасидаи шоир бо риояи талаботи МБ боиси ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон, аз ҷумла салоҳиятҳои ахлоқӣ-маърифатӣ, коммуникативӣ, иҷтимоӣ, умумифарҳангӣ ва иттилоотӣ мегардад. Бино ба таъкиди муҳақиқон, махсусияти таълими адабиёт низ дар он аст, ки он, пеш аз ҳама, ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ё калидӣ сафарбар карда мешавад. Дар ин маврид мо ба андешаи муҳаққиқ Салоҳиддин Амонӣ ҳамфикрем, ки

менависад: “Ҳангоми банақшагирии мавзуъ на танҳо ба навъи дарс таваҷҷуҳ бояд кард, балки ҳадафнокии он низ хеле муҳим аст”[112,73]. Дар дарси адабиёт, асосан маҳорат ва малакаҳои таҳқиқотӣ, эҷодӣ, навоварӣ, фикррони мантиқӣ, таҳриру таҳлили мавод, хулосабарорӣ ташаккул дода мешаванд. Дарси адабиёт танҳо ба омӯхтану аз бар кардани тарҷумаи ҳолу осори адибон ва ё шинос гардидан бо жанрҳои адабӣ набояд маҳдуд гардад, балки он бояд ба рушди ҷаҳонбинӣ тафаккури мантиқӣ, интиқодӣ, идеяҳои инсонпарварӣ, арҷи арзишҳои миллию фарҳангӣ равона гардад. Дар дарси адабиёт, чунон ки муҳаққиқ Қ. Мухторӣ зикр менамояд, “ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ бояд дар чор марҳила сурат бигирад:

-дарки матн (дар мисоли мо матни қасида);

-баҳодиҳӣ ба матн;

-тағйир додани матн;

-таҳияи матни худ”[160, 63].

Дар мавриди шеваи таҳлилу тафсири шеър такя ба усули суннатии шарҳи каломи бадеъ мо дар мақолаи ҷудогона изҳори назар кардаем, ки такрори онҳоро ин ҷо салоҳ намебинем [151]. Омӯзгор бояд дар баробари иҷрои талаботи МБ дар таълим шеваи суннатии таълими шеърро дар назар дошта бошад. Ташаккули салоҳиятҳои дар боло номбурда зимни таълими қасидаи “Шикоят аз пирӣ” ба тартиби зер сурат мегирад:

Дар марҳалаи аввал хонандагон бо роҳнамоии омӯзгор қасидаро қироат менамоянд, бо мазмуни он шинос мешаванд, дар атрофи номи он мулоҳиза мекунад, калимаҳои душворфаҳми онро аз луғат меёбанд, шарҳ медиҳанд, шеърро ба қисматҳо ҷудо мекунанд, ғояи асосии онро муайян менамояд, мақсади муаллифро дарк мекунанд. Сипас, назари худро нисбат ба муҳтавои қасидаи мазкур баён менамоянд. Яъне, пас аз мутолиаи қасидаи “Шикоят аз пирӣ” хонандагон дар бораи арзишҳои зиндагӣ, тағйироти умри инсон, рӯйдодҳои тақдир, хислатҳои неку бади инсонҳо, муносибатҳои инсонӣ, ҷойгаҳи инсон дар дунё маълумот пайдо карда, ба

ин хусусиятҳо аз нуқтаи назари худ баҳо медиҳанд. Ба таъбири дигар, хонандагон бояд пас аз мутолиаи матни қасида чӣ бардоште, ки гирифтанд, баён мекунанд.

Дар марҳалаи сеюм омӯзгор аз хонандагон тақозо мекунад, ки кӯшиш ба харҷ дода, матнро бо истифода аз тахайюлоти худ тағйир диҳанд. Дар ин ҷо маҳорати эҷодкории хонанда ривоҷ меёбад.

Дар марҳалаи чорум-марҳалаи таҳияи матн, хонанадагон фикру мулоҳизаҳо ва пешниҳодоту нуқтаи назари худро дар атрофи қасидаи "Шикоят аз пирӣ" баён менамоянд. Ин пешниҳод ва нуқтаи назари хонанда метавонад дар шакли иншо ё эссе баён шавад. Ба ақидаи муҳаққиқ С.Амонӣ, "ҳангоми омӯзиши осори бадеӣ дар дарсҳои адабиёт шарти аввал тафаккури илмӣ дониста мешавад. Аз ҳама гуна роҳу равишҳое, ки тафаккури илмиро тақвият медиҳанд ва дар таҷриба истифода мешаванд, бояд кор гирифт. Дуюм, пайдарпайӣ ва сеюм такя намудан ба идроки хонанда, тасаввуру тахайюлоти ӯст. Хонанада бояд дар матни ошно чизҳоеро кашф кунад, ки аз назари дигарон пӯшида аст"[112,74].

Қобили зикр аст, ки зимни сурат гирифтани кор бо ин марҳалаҳо омӯзгор бояд ҳамроҳи хонандагон қасидаро баррарсӣ кунад. Дар шарҳу тафсири калимаҳои душворфаҳм ба хонандагон ёрӣ расонад. Дар фикру мулоҳизаронӣ иштирок намояд, хонандагонро (хусусан хонандагони камҳавсаларо) ҳавасманд кунад, таваҷҷуҳи онҳоро ба илму адаб, таърих, фарҳанг, санъат, жанрҳои бадеӣ ҷалб намуда, дар онҳо ҳисси ифтихори миллиро нисбат ба арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ бедор намояд. Агар муаллим имконият, шавқу ҳавас, майлу кӯшиши хонандагонро дар муҳокимаи мавзуъ ба эътибор гирад, он гоҳ хонандагон матни таҳлилшавандаро хуб дарк карда, соҳиби малакаҳои таҳқиқотӣ мегарданд ва дорои салоҳиятҳои муоширативу эҷодӣ гардида, дар навиштану корҳои хаттӣ душворӣ намекашанд.

Озмоиш нишон дод, ки дар натиҷаи ҷорӣ намудани ҷанбаҳои методии МБТ дар раванди омӯзиши каломи манзум зимни таълими адабиёт дар МТМУ дараҷаи ба салоҳиятҳо даст ёфтани хонандагон боло меравад.

Таълими қасидаи “Шикоят аз пирӣ” бояд бо мақсади дар хонандагон ташаккул додани салоҳиятҳои иртиботӣ (диққат додан ба оҳанги қироати шеър, риояи одоби баҳсу мунизира, саволу ҷавоб ва ғайра), салоҳиятҳои адабӣ-эҷодӣ (баён кардани нуқтаи назари худ ва иқтибос овардан аз матн барои тақвияти ин нуктаи назар, муқоиса кардан, озодона нақл кардан) ба роҳ монда шавад. Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо омӯзгор бояд фаъолияти хонандагонро дар дарс ба таври лозима ташкил намояд, зеро хонандамеҳварӣ, бино ба таъкиди методистон, дар МБТ нақши асосӣ дорад. Таълим бояд дар заминаи қироати бодиққат, риояи оҳанги талаффуз, таваҷҷуҳ ба калимаҳои душворфаҳм, шарҳи маъно, тартиб додани луғатҳо равона карда шаванд. Яъне, таълими қасидаи номбурда бояд бо талаботи муносибати босалоҳият раҳандозӣ гардад, то ин ки натиҷаи матлуб ба даст оварда шавад.

Тавре ки зикраш рафт, дар қадами аввал матни қасида бояд дуруст қироат шавад, зеро қироати дурусти матни бадеӣ имкон медиҳанд, ки матнро хонандагон дуруст фаҳманд ва мақсади суханварро дарк кунанд. Аз он ҷо, ки хонандамеҳварӣ ҷавҳари МБТ аст, қироати матн аз ҷониби хонандагон сурат гирад, беҳтар аст. Ҳамин тавр, натиҷаи озмоиши таълими қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакиро вобаста ба талаботи МБ, ки дар синфи 8 Литсейи “Раҳнамо” гузаронидем, ба таври мухтасар меоварем: Байти матлаъ:

Маро бисуду фуру рехт ҳар чи дандон буд,

Набуд дандон *ло*, *бал* чароғи тобон буд.

Дар методикаи суннатии шарҳи шеър баъд аз қироати байти матлаъ бояд вазн ва қофияву радифи матни шеър муайян шаванд. Мутахассисон талаб кардани таъйини вазни шеърро аз хонандагони мактаб салоҳ намедонанд, аммо дар барномаи ҷорӣ донистани вазни шеър ҳатто аз хонандагони синфи 5 талаб карда мешавад. Барои он ки омӯзгорони мактаб душворӣ накашанд, мо вазни ашъори таҳлилиро дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) меоварем, аммо дар ин масъала ҷонибдори андешаи мутахассисонем. Вазни қасида муҷтаси мусаммани махбуни аслам (мафоилун фаилотун мафоилун фаълун), мебошад. Калимоти қофияро хонандагон худ муайян карданд: «дандон, тобон, борон, Кайвон...» ва калимаи “буд”, ки баъд аз калимоти қофия айнан такрор шуда омадааст, радиф мебошад. Ҳарфи равӣ: н(не).

Баъд аз таъйини вазну қофия ва радиф бояд калимаҳои душвори байт равшан шаванд. Бояд бо иштироки фаъолонаи хонандагон бо истифода аз фарҳангу луғатҳо калимоти душворро шарҳ дода шуд. Бояд зикр кард, ки хонандагон дар синфҳои поён шеваи истифода аз луғату фарҳангҳоро омӯхтаанд, дар синфи 8 ба баъд бояд худи хонандагон мустақилона калимоти душворрро аз луғат пайдо кунанд ва маънии онҳоро шарҳ диҳанд. Калимоти байти матлаъи қасидаи мавриди назар аксар шиносонд, вале калимаҳои “***бисуд***”*(*аз масдари «судан», сойида шуду аз ҳам рехт), *“**ло**” (не) ва “**бал**”(балки)* шарҳи бештар дода шуд.

Пас аз шарҳи калимоти душвори байт, омӯзгор бо ҳамроҳи хонандагон бояд санъатҳои бадеӣ ва тасвироти шоиронаи байтро муайян кунанд. Мушоҳида нишон дод, ки бо санъати ташбеҳу истиора хонандагон ошно ҳастанд ва бояд худ ин санъатҳоро муайян намоянд. Муҳимтарин санъате, ки дар байти мақтаъ ба кор рафтааст, санъати ташбеҳ мебошад. Дар мисраи дуюми байт шоир дандонҳои худро аз ҷиҳати дурахшандагӣ ба чароғи тобон ташбеҳ додааст. Тибқи гуфтаи методистон, баъд аз риоя кардани шартҳои методикаи шарҳи шеър ва иҷрои талаботи МБ омӯзгор бояд ҳамроҳ бо хонандагон аз байт маънӣ бароварад ва мақсуди шоирро

дарёбад. Байти боло бо пешниҳоди хонандагон чунин маънӣ карда шуд: Шоир мегӯяд: Дандонҳои ман, ки монанди чароғи равшан медурахшиданд, бо гузашти айём ҳама соида шуданду рехтанд.

Ҳамин тариқ абёти дигари қасида бо риояи методикаи таълими шеър ва иҷрои талаботи МБ маънӣ карда мешаванд. Байти дувум:

Сапеди симзада буду дурру марҷон буд,

Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд!

Дар ин байт калимаҳое, ки ниёз ба шарҳ доранд, нисбатан зиёдтаранд: **Сим** (нуқра), **зада** (саф, қатор, раста), д**ур(р)** (марворид), м**арҷон** (манзури шоир марвориди хурд аст), **ситораи саҳарӣ** (ситораи Зӯҳра, ки субҳгоҳон дурахшида сурхранг намоён мешавад), қ**атраборон** (дандон аз ҷиҳати ранг ба қатраи борон ташбеҳ шудааст). Дар ин байт низ санъати ташбеҳ мавқеи асосӣ дорад. Шоир дандонҳояшро аз назари софию дурахшандагӣ ва сафедию шафоффият ба радаи нуқра, марвориду марҷон ва ситораи саҳарию қатраҳои борон ташбеҳ кардааст. Баъд аз равшан кардани калимаҳои душвор ва дарёфти санъатҳои бадеӣ маънии байт баровварда мешавад. Агар дар маънӣ кардани байт нахуст фикри хонандагон пурсида шавад беҳтар аст. Байтро чунин маънидод кардан мумкин аст: Сафедии дандонҳои ман, мегӯяд шоир, чун радаи нуқраву дурру марворид ҷило медоданду монанди ситораи саҳарӣ медурахшиданд ва ранги қатраи боронро доштанд.

Ба ҳамин минвол байтҳои дигари қасида низ бояд шарҳу тафсир шаванд. Байти севум:

Яке намонд кунун з-он ҳама, бисуду бирехт,

Чӣ наҳс буд, ҳамоно ки наҳси Кайвон буд!

Калимаҳои душвори байтро таҳти роҳбарии омӯзгор хонандагон бояд бо истифода аз китобҳои луғату фарҳангҳо пайдо кунанд: **Наҳс:** бадбахтӣ, шум, бехосият. **Кайвон:** Зуҳал, дар ситорашиносии қадим ҳафтумин фалак маҳсуб мешавад ва онро наҳси акбар медонистаанд. Шоир сабаби рехтани дандонҳояшро аз шумии ситораи Зуҳал медонад ва мегӯяд: “Аз он

дандонҳои пурбаҳои ман якто ҳам намонд, ҳамааш суда шуду рехт. Ин чӣ бадбахтӣ буд? Шояд аз шумии ситораи Зуҳал бошад”? Байти чаҳрум:

На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,

Чӣ буд? Ман-т бигӯям: қазои Яздон буд.

Калимаҳою таъбирҳои душвори байт, ки бояд шарҳ шаванд: **Рӯзгори дароз:** умри дарозу тӯлонӣ. **Ман-т:** ман барои ту, ман туро. **Қазои Яздон**: ҳукм, ирода ва фармони Худованд. **Гардон:** гарданда, тағйирёбанда. Шоир аз фикри аввалааш бармегардад ва сабаби рехтани дандонҳояшро на аз наҳсии ситораи Зуҳал ва на аз гузаштани умри дароз, балки ба иродаи Худованд марбут медиҳаду мегӯяд: «Не, на наҳсии ситораи Зуҳал буду на умри дароз. Пас, чӣ буд? Ман ба ту бигӯям, ки иродаи Худованд буд».

Байти панҷум:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирду гардон аст,

Ҳамеша то бувад ойин-ш, гирдгардон буд.

Рӯдакӣ бар он андеша аст, ки ҷаҳон монанди чашм мудаввар ва ҳамеша дар гардишу тағйиру таҳаввул аст. Аз он вақт ки офарида шуд, то он гоҳ, ки вуҷуд дорад, ойини ин чархи мудаввар ҳамеша дар гардишу тағйиру таҳаввул аст ва онро қароре нест. Байти шашум:

Ҳамон, ки дармон бошад, ба ҷойи дард шавад,

Ва боз дард, ҳамон к-аз нахуст дармон буд.

Шоир мегӯяд: Ҳар он чӣ дар ин ҷаҳон мояи дармони одамист, муддате баъд боиси дард хоҳад шуд. Мисраи дувум такрор ва таъкиди мисраи аввал аст. Дар ин байт таносуби маъноӣ байни калимаҳо мавҷуд аст ва дард ва дармон санъати тазоданд, ки бояд хонандагон ин санъатҳоро худашон ёбанд.

Байти ҳафтум:

Куҳан кунад ба замоне, ҳамон куҷо нав буд

Ва нав кунад ба замоне, ҳамон ки хулқон буд.

**Хулқон**-ҷамъи халақ, ба маънии кӯҳна, фарсуда аст. Санъати тазод байни калимаҳои “куҳан” ва “нав” ва ҳамчунин “хулқон”. Шоир мегӯяд: Кори ҷаҳон баръкс аст, бад-ин сурат, ки чизе, ки наву тоза аст, муддате

баъд онро кӯҳнаву фарсуда мекунад ва баръакс, чизе, ки кӯҳнаву фарсуда аст, баъд аз муддате он тозаву нав мегардад. Байти ҳаштум:

Басо шикаста биёбон, ки боғи хуррам буд

Ва боғи хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.

Мафҳуми «**шикаста**» дар ин байт ба маънии ноҳамвор омадааст. Рӯдакӣ мегӯяд: «Чи бисёр биёбонҳои ноҳамворе ҳастанд, ки замоне боғҳои хуррам буданд ва баръакс, боғҳои ободе, ки имрӯз вуҷуд доранд, дар гузашта биёбонҳои беобу гиёҳ буданд». Байти нуҳум:

Ҳаме чӣ донӣ, эй моҳрӯйи ғолиямӯй,

Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?!

“**Ғолиямӯй**”-оне, ки мӯйи сиёҳу хушбӯй дорад.”Моҳрӯйи ғолиямӯй” – киноя аз маҳбубаи зебост. Шоири пир хитоб ба маҳбубаи зебояш мегӯяд: “Ту, эй, моҳрӯйи ғолиямӯй, аз куҷо донӣ , ки ҳоли ман дар ҷавонӣ чӣ гуна буд»? Байти даҳум:

Ба зулфи чавгон нозиш ҳамекунӣ ту бад-ӯ,

Надидӣ он гоҳ ӯро, ки зулф чавгон буд.

**Сомон**: низому ороиш. **Зулфи чавгон**: зулф ба сабаби каҷ буданаш ба чавгон ташбеҳ шудааст, яъне зулфи каҷ. Чавгон: аз калимаи чӯб (ба паҳлавӣ чӯп ва гон пасванди нисбат) сохта шудааст. Чавгон як бозии мардуми эронитабор аст ва чавгон чӯби махсуси ин бозӣ буда, дар шеъри мо мушаббаҳ ба зулфи ёр қарор гирифтааст. **Нозиш**: ноз кардан, фахр кардан. Шоир дар идомаи суҳбат ба маҳбубаи ҷавони зебояш мегӯяд: «Бо зулфони пурпечутобу каҷат, ки имрӯз бо ӯ ноз мекунӣ, набудию надидӣ, ки ӯ (яъне шоир) дар ҷавонӣ мӯйҳои сиёҳи чавгоносо каҷу дароз дошт?Байти ёздаҳум:

Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд,

Шуд он замона, ки мӯяш ба сони қатрон буд!

Луғати байт**: Шуд:** гузашт, сипарӣ шуд. **Дебо:** ҳарир, порчаи абрешими нарму латиф. **Қатрон:** равғани сиёҳранг, манзур ранги сиёҳи он аст. Шоир мегӯяд: «Гузашту сипарӣ шуд он айём, ки рӯяш ба монанди абрешим мулоиму латиф ва мӯйҳои чун қатрон сиёҳ дошт».Байти дувоздаҳум:

Чунон ки хубӣ меҳмону дӯст буд азиз,

Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд.

**“Хубӣ”** ин ҷо ба маънои ҳусну ҷамоли зебо омадааст. Дар ин байт санъати ташхис ба кор рафта ва ба зебоӣ шахсият дода шудааст. Шоир мегӯяд: “Ҷамолу зебоӣ монанди дӯст ва меҳмони азизи ман буд, ки аз назди ман бирафт ва дигар барнагашт».

Бояд зикр кард, ки қасидаи “Шикоят аз пирӣ” аз 34 байт иборат аст ва таҳлили ҳама байтҳои қасида дар як соати дарс аз имкон берун аст. Озмоиш нишон дод, ки ин қасидаи Рӯдакиро танҳо дар з соат метавон пурра таълим дод. Мо дар китоби “Шарҳи мунтахаби ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” қасидаи мазкурро пурра шарҳ додаем [35,16-24], омӯзгорон ва хонандагон метавонанд шарҳи абёти дигарро аз ин китоб дастрас кунанд.

Баъд аз баррасии комили қасида хонандагон бояд аз мазмуни умумии он натиҷагирӣ кунанд. Дар низоми анъанавии таълим фаъолияти маърифатии хонандагон аз он иборат аст, ки дониши пешниҳодшударо аз худ кунанд ва ахбори бадастомадаро бозгӯӣ карда тавонанд. Дар МБТ, бино ба гуфтаи муҳаққиқон, фаъолияти маърифатии хонанда танҳо бо аз худ намудану нақл кардани донишу маълумоти андухта маҳдуд намешавад. Хонанда бояд донишу маълумоти пешниҳодшударо таҳқиқ кунад, дар ҳалли мавзую масъалаҳо ақидаи худро дошта бошад ва аз таҳлилу таҳқиқи мавзуъ натиҷагирӣ кунаду ин натиҷаҳоро дар ҳаёт татбиқ намояд.

Ба шарҳу таҳлил ва баррасии қасидаи “Шикоят аз пирӣ” хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда  ноил мегарданд. Хонандагон салоҳияти таҳлил намудани зиндагиномаи шахсони таърихиро ёд мегиранд, тавассути ин қасида дар бораи зиндагии шоир, алалхусус айёми ҷавониаш, хидматаш дар дарбори Сомониён, рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии он давр, аз дарбор дур шудани шоир, вазъи зиндагии шоир дар давраи пирӣ ва ғайра маълумот мегиранд.

Ҷиҳати тарбиявии дарс дар он зуҳур меёбад, ки пас аз мутолиа ва музокираи мавзуи номбурда хонандагон дарк мекунанд, ки зиндагӣ

лаҳзаҳои хушу ширин ва дарду ранҷ дорад, инсон бояд ҳама вақт барои паси сар кардани мушкилиҳо омода бошад. Одамон бояд ба якдигар меҳрубон бошанд. Ҷисми солиму ақли расо, хиради тавоно доштан бартарии инсон аст.

Мутахассисон таъкид кардаанд, ки «салоҳият таълим дода намешавад, он дар натиҷаи азхудкунии дониш ва тадбиқи амалии он ташаккул меёбад» [60, 32]. Вобаста ба ин,фаъолияти омӯзгор дар ҷарайёни таълим нақши муҳим дорад. Омӯзгор бояд “раҳнамои хонандагон дар таҳлилу баррасии масъалаҳо, марҳилаҳои ташаккули малакаву маҳорат ва мушоҳидагари сатҳи азхудкунию дониш онҳо бошад, то талабагон салоҳиятҳои дар оғози дарс таъйиншуда ба даст оранд”[149,52]. Омӯзгор дар раванди дарс назорат намояд ва бояд мутаваҷҷеҳ бошад, то хонандагон ба чаҳор унсури асосии МБТ: **донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал татбиқ намояд** ноил гарданд.

Марҳилаи севуми МБТ имкон медиҳад, ки муаллим раванди ташаккули салоҳиятҳоро аз таълими қасидаи “Шикоят аз пирӣ”-и устод Рӯдакӣ мушоҳида намояд. Дар марҳалаи сеюм хонандагон бардошти худро аз қасида ба тариқи шифоҳӣ иброз медоранд. Дар марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, хонандагон дар асоси ғоя ва мазмуни қасида назари худро дар мавриди масъалаҳои зиндагӣ, рисолати инсон, муқоисаи замони зиндагии шоир бо имрӯз ва монанди инҳо ба шакли хаттӣ пешниҳод мекунанд.

Ба ҳамин тариқ, дар заминаи чунин равиш ба роҳ мондани таълими матни бадеӣ дар дарсҳои адабиёт МБ ба таълими фанни номбурда маҳсуб ёфта, тафаккури илмию таҳқиқотии хонандагонро ташаккул медиҳад.

Дар синфи 9 бо назардошти синну соли хонандагон ва дараҷаи тафаккуру ҷаҳонбинии онҳо ашъори нисбатан мураккаб пешниҳод мешавад. Хонандагони ин синнусол ҳам дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) ва ҳам дар курси таърихи адабиёт (синфи 8) таҷрибаи кор кардан бо матни бадеиро омӯхтаанд. Аз ин рӯ, метавонанд ғазали комили ин ё он шоирро мустақилона баррасӣ намоянд. Дар барномаи синфи 9 ашъори

шоирони асрҳои XIII-XV пешниҳод шудааст. Аз ҷумла барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Саъдии Шерозӣ 12 – соат муқаррар гардидааст. Дар баробари “Гулистон”-у “Бӯстон” аз қасида ва ғазалиёти шоир низ намунаҳо барои таълим пешбинӣ шудааст. Ба тариқи намуна яке аз ғазалҳои машҳури Саъдии Шерозиро тибқи талаботи МБ ва дар асоси озмоише, ки МТМУ №25 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе гузаронидем, ба шакли мухтасар пешниҳод мекунем. Ҳамин ғазалро, ки дар барномаи таълимии адабиёти тоҷик барои синфи 9 омадааст, дар синфи 9”а” муаллими синф тибқи методикаи анъанавӣ таълим дод. Мо ин синфро ба сифати синфи назоратӣ интихоб кардем ва маҳсули таълими як ғазалро дар ду синф муқоиса намудем.

Марҳалаи нахуст, ки дар МБТ дарки матн аст, матни комили ғазалро меоварем, зеро дарки матн бидуни қироати дуруст ва ифодакноки он муяссар намегардад:

Ёро, биҳишт суҳбати ёрони ҳамдам аст,
Дидори ёри номутаносиб ҷаҳаннам аст.
Ҳар дам, ки дар ҳузури азизе баровари,
Дарёб, к-аз ҳаёти ҷаҳон ҳосил он дам аст.
На ҳар кӣ чашму гӯшу даҳон дорад, одамист,
Бас девро, ки сурати фарзанди одам аст.
Он аст одамӣ, ки дар ӯ ҳусни сиратест,
Ё лутфи суратест, дигар ҳашви олам аст.
Ҳаргиз ҳасад набурдаву ҳасрат нахӯрдаам,
Ҷуз бар ду рӯйи ёри мувофиқ, ки дар ҳам аст.
Онон, ки дар баҳор ба саҳро намераванд,
Бӯйи хуши рабеъ бар эшон муҳаррам аст.
В-он сангдил, ки дида бидузад зи рӯйи хуб,
Пандаш мадеҳ, ки ҷаҳл дар ӯ нек муҳкам аст.
Ором нест дар ҳама олам ба иттифоқ
В-ар ҳаст дар муҷоварати ёри маҳрам аст.
Гар хуни тоза меравад аз реши аҳли дил,

Дидори дӯстон, ки бубинанд, марҳам аст.

Дунё хуш асту мол азиз асту тан шариф,

Лекин рафиқ бар ҳама чизе муқаддам аст.

Мумсик барои мол ҳамасола тангдил,

Саъдӣ ба рӯйи дӯст ҳамарӯза хуррам аст»[36,20].

Бояд зикр кард, ки мисраи аввали байти матлаъ дар барнома ва китоби дарсии синфи 9 бо калимаи «Моро» оғоз мешавад, аммо дар матни интиқодии «Куллиёт»-и Саъдии Шерозӣ ба ҷойи калимаи «Моро» вожаи «Ёро» омадааст, ки дурустар аст. Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки дар китоби дарсии синфи 9 муаллифони баъзе байтҳои ғазалро партофтаанд, ки арзиши баланди эстетикӣ ва аҳамияти бузурги тарбиявӣ доранд. Аз сӯйи дигар, бояд ба хонандагони синфи болоии мактаб матни комилро  пешниҳод кард, зеро дар ин синну сол хонандагон метавонанд хубу бадро ташхис диҳанд ва адабиётро ҳамчун як санъат ва ҳунар шиносанд.

Қироати саҳеҳ ва ифоданоки матни ғазал аз тарафи хонандагон аз чанд ҷиҳат судманд аст: аввалан, вақте хонанда матни бадеиро мехонад, масъулият ҳис мекунад, таваҷҷуҳаш ба матн бештар мегардад. Сониян, ба мазмуни матн диққат медиҳад. Солисан, саъй мекунад матни ғазалро дуруст ва ифоданок хонад. Ин ҳама имкон медиҳад, ки хонанда ба дарки матни бадеӣ омода гардад. Саволу ҷавоб дар мавриди мавзуи асосии ғазал низ шароит фароҳам меоварад, ки хонандагон бештар мутаваҷҷеҳи мазмуни ғазал гарданд. Мавзуи асосии ғазали болои Саъдӣ дӯстӣ аст. Бо дарназардошти мавзуи ғазал дар оғози дарс чанд савол гузошта шуд ва бо шунидани андешаҳои хонандагон доир ба мавзуи дӯстӣ ба таҳлили ғазал шуруъ намудем. Ин саволҳо имкон дод, ки хонандагон ба таҳлили ғазал омода шаванд.

Ҳар як байтро ҷудогона таҳлил намудан ҳам дар низоми суннатии таълим ва ҳам дар МБ аз шартҳои асосии шарҳу таҳлили матни шеър аст. Барои он ки мавзуъ дурустар ҳаллу фасл гардад, ҳар як байтро бо тартиб меоварем ва баъд аз он таҳлил мекунем. Байти матлаъ:

Ёро, биҳишт суҳбати ёрони ҳамдам аст,

Дидори ёри номутаносиб ҷаҳаннам аст.

Вазни ғазал музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур аст, аммо гумон аст, хонандагон ва ҳатто омӯзгорон вазни ғазалро ба дурустӣ баров−арда тавонанд, алалхусус он ашъоре, ки дар баҳрҳои фаръӣ суруда шудаанд. Аз ин рӯ, талаб кардани таъйини вазни ғазал аз хонандагон мувофиқи мақсад нест. Чунонки дар фаслҳои гузашта таъкид кардем, хонандагон бо қофияву радиф ошноянд. Аз ин рӯ, муайян кардани калимаҳои қофия ва радифи ғазал вазифаи хонандагон аст. Дар байти матлаъ қофия калимаҳои «ҳамдам» ва «ҷаҳаннам» ва радиф «аст» мебошад. Марҳалаҳои якуму дуюми МБ, яъне дарки матн ва баҳодиҳӣ ба матн бо қироати матн, саволу ҷавоб доир ба мавзуи асосии матни ғазал, таъйини вазн (агар зарур бошад), таъйини калимаҳои қофия радиф ва ҳарфи равӣ, шарҳи калимаҳои душвори байтро фаро мегирад. Дар байти боло ду калима нисбатан душворанду камистеъмол, ки бояд аз ҷониби хонандагон шарҳ дода шаванд: **Номутаносиб**: носозгор, номувофиқ, бадхулқ. **Ҷаҳаннам**: дӯзах.

Дар низоми суннатӣ истифода аз асбоби аёнӣ аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва дар МБ истифодаи асбоби аёнӣ боз бештар аҳаммият касб мекунаду такомул меёбад. Яъне, истифода аз тахтаҳои электронӣ, планшет, компютор ҳама асбоби аёниро метавон босамар истифода бурд. Аз ҷумла истифодаи фарҳангу луғатҳои электронӣ ҳангоми шарҳи калимаҳои душвор корро ба маротиб осон мегардонад.

Баъд аз шарҳи калимаҳои душвори байт бояд санъатҳои бадеӣ муайян шаванд. Хонандагони синфи 9 тибқи барнома бо чандин санъатҳо ошноянду дар синфҳои поёнӣ омӯхтаанд. Яъне дар муайян кардани санъатҳо низ хонандагон бояд фаъол бошанд. Дар ин байт суҳбати ёрони ҳамдам ба биҳишт ва дидори ёри носозгор ба дӯзах ташбеҳ шудааст, байни биҳишт ва дӯзах санъати тазод аст. Биҳишт рамзи равшанию саодат ва дӯзах рамзи торикию зулмат аст. Саъдии бузург низ ба ҳамин маънӣ суҳбат ё дидори ёрони ҳамдам, дӯстони

мушфиқу меҳрубонро биҳишт ва дидори шахсони номувофиқу бадкирдорро дӯзах гуфтааст. Озмоишҳои таълимӣ собит намуданд, ки ҳангоми таъйини санъатҳои бадеӣ методи суҳбат ва саволу ҷавоб самараи бештар медиҳанд. Ёдовариии таърифи санъатҳои дар синфҳои поёнӣ омӯхтаи хонандагон, монанди ташбеҳу истиора, талмеҳ, тазод ва ғайра ва мукаммал намудани дониши хонандагон аз муҳимтарин талаботи курси таърихи адабиёт аст.

Баъд аз муайян кардани санъатҳои бадеӣ хонандагон бо роҳнамоии омӯзгор маънии байтро таъйин менамоянд. Мо дар китоби зикршуда байтро чунин маънӣ кардаем: «Эй дӯст, боғи биҳишт ҳамнишинӣ бо ёрони якдилу ҳамнафас аст, дидани ёри носозгор дӯзахи сӯзанда мебошад» [36,20]. Байти дувум:

Ҳар дам, ки дар ҳузури азизе бароварӣ,

Дарёб, к-аз ҳаёти ҷаҳон ҳосил он дам аст.

Қироати байт аз ҷониби хонандагон таваҷҷуҳи бештари хонандагони дигарро ҷалб мекунад. Дар ин байт ҳама калимаҳо фаҳмоанд ва хонандагон метавонанд ҳар кадом доир ба маънии он андешаи худро баён кунанд. Баҳс дар мавриди он ки шоир дар ин байт чӣ гуфтан мехоҳад, хонандагонро бештар ба мақсади шоир наздик мекунад. Омӯзгор андешаҳои хонандагонро доир ба байти боло чунин хулоса карда метавонад: Дар ин дунё ягона чизе, ки ба кас роҳат мебахшад, суҳбат бо азизон, фозилон, нишастан дар ҳузури одамони донишманду накӯкор, хушахлоқ ва мушфиқу меҳрубон мебошад. Агар бо дӯстони ҷонӣ, мардони шариф, донишманд, азизу муътабар, хоксор, дурандеш, хайрхоҳ, ширинзабон ҳамнишину ҳамсуҳбат бошем, умрамон хушу хуррам ва босамар хоҳад гузашт. Баъд аз баррасии андешаҳои хонандагон омӯзгор метавонад маънии байтро чунин хулоса кунад: Саъдии бузургвор ба мо мегӯяд: «Ҳар нафасе, ки дар ҳамнишинӣ бо ёри азизу гиромӣ берун мекунӣ, ғанимат бидон, зеро самараи ҳаёти ин ҷаҳон ҳамон дам, ҳамон лаҳза аст» [36,21]. Байти севум:

На ҳар кӣ чашму гӯшу даҳон дорад, одамист,

Бас девро, ки сурати фарзанди одам аст.

Ин байтро низ монанди байтҳои боло шарҳ медиҳем ва ҳам талаботи МБТ-ро риоя мекунем. Ғазали машҳури Саъдӣ «Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият» дар барнома аввал омадаасту хонандгон дар дарсӣ пешиниа онро таҳлил кардаанд. Дар ин байт шоир ҳамон мазмунеро, ки дар ғазали «Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият» баён карда буд, идома медиҳад, чашму гӯшу даҳон аз одам будани кас гувоҳӣ намедиҳад, зеро дев ҳам монанди фарзанди инсон чашму гӯшу даҳон дорад, лекин одам нест. Шоири бузург одамони бадахлоқро дев медонад. Дев махлуқи бадҳайбату бимнок аст, ки ба сурати инсони баландқомати зишт ва дорои шоху дум тасаввур кардаанд. Дев ин ҷо истиора аз одами палид ва шайтонсифат аст. Озмоиш нишон дод, ки агар санъатҳои бадеии дар байт истифодашуда ин тавр шарҳу тавзеҳ ёбанд, хубтару беҳтар дар хотир нақш мебананд. Баъд аз баррасии ин масъалаҳо ва фикри хонандагон маънии байтро омӯзгор чунин хулоса карда метавонад: «Нишони одамият танҳо бо доштани чашму гӯшу даҳон нест, зеро дев низ монанди инсон чашму гӯшу даҳон дорад». Байти чаҳорум:

Он аст одамӣ, ки дар ӯ ҳусни сиратест,

Ё лутфи суратест, дигар ҳашви олам аст.

Дар байти чаҳорум танҳо як калимаи душвор аст: **Ҳашв:** чизи зиёдатӣ, нодаркор, нолозим, дуюмдараҷа. Суҳбат дар мавриди сурату сирати инсон, расолати инсон дар ин дунё ва инсон бояд чигуна бошад, ба дарки мақсади шоир мусоидат мекунад. Баъд аз баррасии ин масъалаҳо омӯзгор метавонад маънии байтро чунин хулоса кунад: «Одам касест, ки ҳам дар сирату ҳам дар сурат зебо, яъне, некхоҳу некандеш бошад, ё худ дақиқае аз ҷамол дорад, ғайр аз ин ду чиз ҳар чӣ бубинӣ, дуюмдараҷаву зоид аст. Яъне, танҳо дар сурат инсон инсон буда наметавонад, бояд сират ва хислати инсонӣ дошта бошад» [36,22]. Байти панҷум:

Ҳаргиз ҳасад набурдаву ҳасрат нахӯрдаам,

Ҷуз бар ду рӯйи ёри мувофиқ, ки дар ҳам аст.

Ҳама калимаҳо барои хонандагон фаҳмоанд. Суҳбат дар мавриди ҳасад имконият медиҳад, ки хонандагон ба мақсади шоир дурустар пай баранд. Омӯзгор бо иҷрои ҳамаи талаботи зикршуда дар охир метавонад байтро чунин маънӣ кунад: «Ҳеҷ гоҳ бар касеву бар чизе рашку ҳасад набурдаву афсӯс нахӯрдаам, ба ғайр аз чеҳраи ду дӯсти якдилу созгор, ки дар рӯ ба рӯйи ҳам нишастаанду ба якдигар менигаранд» [36,22]. Байти шашум:

Онон, ки дар баҳор ба саҳро намераванд,

Бӯйи хуши рабеъ бар эшон муҳаррам аст.

Калимаҳои душвори байт: **Рабеъ**: баҳор. **Муҳаррам**: ҳаромшуда. Саъдӣ дар айни баёни аҳамияти дӯсти мушфиқ аз баҳору таровати он сухан ба миён меовараду сайри дашту саҳроро дар вақти баҳор барои инсони хушзавқ муҳим медонад, чунонки бо дидани дӯст инсон хушнуд мешавад, тамошои табиат дар айёми баҳор низ ба кас завқу шодӣ медиҳад. Баъд аз иҷрои шартҳои дар байтҳои боло баёншуда, омӯзгор бо ҳамроҳии хонандагон байтро чунин маънидод мекунанд: «Он одамони безавқ, ки ҳангоми баҳор ба саҳро намераванд, яъне, аз бӯйи баҳор баҳра намегиранду муъҷизаи табиатро мушоҳида намекунанд, бӯйи хуши баҳор барояшон ҳаром аст» [36,22]. Байти ҳафтум:

В-он сангдил, ки дида бидузад зи рӯйи хуб,

Пандаш мадеҳ, ки ҷаҳл дар ӯ нек муҳкам аст.

Дар ин байт калимаҳои ноошно барои хонандагон зиёдтаранд аст ва онҳоро худи хонандагон бояд бо истифода аз фарҳангу луғатҳо шарҳ диҳанд: **Бидӯзад**: ин ҷо ба маънии дида бастан, нигоҳ накардан омадааст. **Ҷаҳл**: ҷаҳолат, нодонӣ. **Нек**: ин ҷо ба маънии сахт, бисёр омадааст. **Муҳкам**: устувор. Бояд ба хонандагон тавзеҳ дод, ки дар шеър, алалхусус дар ашъори шоирони классик калимаҳо ба чандин маъно ба кор мераванд ва аз хусусиятҳои муҳимми шеър ин аст, ки калимаҳо бештар ба маънои маҷозӣ ба кор мераванд. Чунончи, дар байти боло калимаи «бидузад» на ба маънои чизеро дӯхтан ё дуздидан, балки ба маънои нигоҳ накардан, чашм пӯшидан, чашм гурезондан омадааст. Мақсади

Саъдӣ аз «нигоҳ кардан ба рӯйи хуб» дарк кардани зебоӣ мебошад, ҳамчунонки дар байти қаблӣ ҳаловат бурдан аз зебоии баҳорро барои одами соҳибзавқ зарур донистааст. Одаме, ки қадри зебоиро намедонад ва аз он лаззат намебарад, ҷоҳилу нодон ва бефаросат аст. Баъд аз тавзеҳи назари шоир ба зебоӣ бояд маънии байт ба таври хулоса оварда шавад. Шоир дар ин байт мегӯяд: «Он инсони безавқи сангдилро, ки аз дидани рӯйи зебо чашм мепӯшад, насиҳат макун, ки ҷаҳлу таассуб ақли ӯро тираву ҷаҳолату ғафлат дидаашро кӯр кардааст» [36,22]. Байти ҳаштум:

Ором нест дар ҳама олам ба иттифоқ
В-ар ҳаст дар муҷоварати ёри маҳрам аст.

Калимаҳои зер барои хонандагон душвор буда метавонад, ки бояд шарҳу тавзеҳ ёбанд: **Ором**: амнияту оромиш. **Ба иттифоқ**: ба назар ва андешаи ҳама. **Муҷоварат:** наздикӣ, ҳамсоягӣ. **Махрам**: ҳамдил, ҳамроз. Ҳангоми шарҳу тафсири калимаҳову иборахо ва таъбирҳои шоирона муродифҳои онҳо аз хонандагон пурсида шаванд, маънӣ бештар дар хотирҳо мемонад. Ҳамчунин пеш аз баёни маънии байт масъаларо тавзеҳ додан мувофиқи мақсад аст. Масалан, дар байти боло сухан аз шебу фарози зиндагии инсон меравад, омӯзгор метавонад дар ин масъала назари хонандагонро пурсад ва онро чунин ҷамъбаст кунад: Шебу фарози зиндагӣ инсонро ором намегузорад, зеро одамӣ дар давоми умр бо ҷаҳолату нодонӣ, фиребу найранг, риёву тазвир ва монанди инҳо рӯ ба рӯ мегардад. Аз назари Саъдӣ танҳо ҳамнишинӣ бо ёри ҳамдилу ғамгусор ва меҳрубон кас орому осуда нафас мегирад, яъне зиндагӣ мекунад. Баъд аз ин байтро чунин шарҳ додан мумкин аст: «Дар ин олам ҷойи оромиш нест, танҳо дар ҳузур ё худ ҳамсоягии ёри наздику дилсӯз метавон лаҳзае орому хуш буд». Байти нуҳум:

Гар хуни тоза меравад аз реши аҳли дил,
Дидори дӯстон, ки бубинанд, марҳам аст.

Калимаву ибораҳои **хуни тоза**: хуни тозаю гарм, **реш:** захм, **аҳли дил:** соҳибдилон, ошиқон, орифон ва **марҳам**: доруе, ки бар ҷароҳат

моланд, ки нисбатан душворанд, бояд шарҳ шаванд. Саъдии Шерозӣ худ аз ҷумлаи аҳли дил, орифону ошиқон аст ва чандин соли ҳаёташро дар сафар гузаронидаву аз ёру диёр ва дӯстонаш дур будааст, дидори дӯстони меҳрубонашро марҳам ба захми дили ранҷӯраш медонад. Маънии байт: «Агар аз захми дили соҳибназарон хуни гарм равон бошад, дидори чеҳраи кушодаи дӯстон дорую марҳами ин захму хастагӣ аст»[36,22]. Байти даҳум:

Дунё хуш асту мол азиз асту тан шариф,

Лекин рафиқ бар ҳама чизе муқаддам аст.

Дар байти боло ду калима: шариф ва муқаддам, гарчанде дар истеъмол асту хонандагон мешунаванд, зеро номи инсонҳосту баъзе аз талабагон шояд ин исмро дошта бошанд, аммо гумон аст, ки ҳама маънои он калимаҳоро бидонанд. Аз ин рӯ, бояд шарҳ шаванд ва ин амал аз чанд ҷиҳат аҳамият дорад: якум, хонандагон, пеш аз ҳама, маънии ин калимаҳоро мефаҳманд ва агар номи худашон ё рафиқашон Шариф ё Муқаддам бошад, донистани онро барои худ муҳим мешуморанду фаромӯш намекунанд: **Шариф**: асил, наҷиб, бошарофат, шарофатманд, баланддараҷа, соҳиби эътибор, соҳиби обрӯ. **Муқаддам:** болотар, азизтар, пештар.

Бояд зикр кард, ки ин байт аз шоҳбайтҳои ин ғазал ба шумор меравад, ки шоир дар он аз мақоми баланд дӯсту рафиқ дар зиндагии инсон сухан мегӯяд. Омӯзгор бояд дар масъалаи аҳамияти дӯсту рафиқ доштан дар зиндагӣ баҳс ташкил кунад ва назари хонандагонро шунавад. Баъд аз он назари шоирро биоварад: «Зиндагӣ дар дунё хуш асту пулу мол азиз ва ҷисм шарифу асил мебошад, аммо ҳеҷ яки онҳо ҷойи дӯст, рафиқро гирифта наметавонад, дӯст, рафиқ аз ҳамаи онҳо боло меистад» [36,22]. Байти мақтаъ:

Мумсик барои мол ҳамасола тангдил,

Саъдӣ ба рӯйи дӯст ҳамарӯза хуррам аст.

Шояд маънии **мумсик** (бахил, хасис)-ро баъзе хонандагон донанд, аммо пурсидани он аз хонандагон беаҳамият нест. Аввалан, сатҳи

луғатдонии хонандагон барои омӯзгор равшан мешавад, сониян, такрор ва баёни муродифҳои он фонди луғавии онҳоро зиёд мегардонад. Пеш аз баёни маҳсули байти мақтаъ омӯзгор метавонад дар мавриди хасисию мумсикии баъзе одамон, ки умрашонро сарфи ҷамъоварии пулу мол сарф мекунанд, баҳс ташкил кунад. Агар дар ин баҳс масъалаи мумсикӣ ва сарфакор будан низ матраҳ шавад, мавзуъ беҳтар равшан мегардад. Байтро метавон чунин маънӣ кард: «Мумсик, хасис пулу молро мепарастад, тамоми умр пулу мол ҷамъ мекунад, дар ғами пулу мол ҳамеша ранҷу азоб мекашад, парвои дӯсту рафиқ надорад. Саъдӣ, баръакс, парвои пулу мол надорад, на аз дидани пулу мол, балки аз дидори дӯстон, ёру рафиқон хушнуд мешаваду шодмонӣ мекунад»[36,22].

Дар марҳалаи севум, яъне тағйири матн, аз хонандагон талаб карда мешавад, ки доир ба дӯстӣ ва рафиқ доштан назари худро баён кунанд. Вобаста ба замони ҳозира кадом масъала ҳаст, ки дар ғазали Саъдӣ аз он ёд нашудааст? Чӣ чизро дар масъалаи рафиқию дӯстӣ ба гуфтаҳои шоир илова кардан мумкин аст? Вақте ин саволҳо пешорӯйи хонандагон гузошта мешаванд, онҳо ҳатман вобаста ба замони имрӯза ва дидаву шунидаҳои худ ба гуфтаҳои шоир иловаҳо мекунанд.

Дар марҳалаи чаҳорум - таҳияи матни худ, аз хонандагон талаб карда мешавад, ки бо такя ба гуфтаҳои шоир, аммо матни комилан тозае, ки андешаҳои худашон аст, перомуни дӯст ва рафиқи худашон ба таври хаттӣ пешниҳод кунанд.

Чунонки мушоҳида намудем, Саъдии Шерозӣ дар ин ғазали бисёр содаву равон дар бораи файзу фазилат ва мартабаву мақоми маънавии ёрони дилсоф, покниҳод, хушмуомила, дӯстони меҳрубон ва дилсӯзу ғамхор сухан ронда, одамонро даъват мекунад, ки поку озода, беғубор, ҳамдаму мӯнис, мушфиқу меҳрубон ва нармдилу хушсуҳбат бошанд, на дунёву пулу мол, балки дӯстону рафиқонро гиромӣ доранд, аз суҳбати шахсони бадрафтору зишткирдор, ҷоҳилу ҷангҷӯ, каҷрафтор, бадзабон, бешарм ва сангдил гурезанд. Умрро бояд дар суҳбати некон, вафодорон меҳрубонон, равшандилон, қадршиносон ва хоксору беозорон

гузаронид. Агар ин ғазал вобаста ба талаботи МБТ тадрис шавад, аҳамияти бузург касб мекунад ва салоҳияти мустақилият ва дар ҳаёт тадбиқ намудани дониши андухтаро дар хонандагон ташаккул медиҳад. Ашъори ғиноии дигар, ки дар барнома пешниҳод шудаанд, метавон бад-ин минвол таълим дод

Хулоса, дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) таълими ашъори ғиноӣ ба таври комил сурат мегирад. Хонандагони ин синусол, ки кор бо матни бадеиро дар синфҳои поёнӣ таҷриба ҳосил кардаанд, дар ин зинаи таҳсил ашъори ғиноии комилро меомӯзанд. Дараҷаи фаҳмиш ва ҷаҳонбинии хонандагон имкон медиҳад, ки ашъори ғиноиро аз ҷанд ҷиҳат таҳлил намоянд. Омӯзгор бояд саъй намояд, ки дар раванди дарс талаботи МБ пурра иҷро гардад. Хусусан марҳалаҳои севуму чаҳорум, ки дар онҳо салоҳияти эҷодкории хонандагон ташаккул меёбад, ҳам аз омӯзгор ва ҳам аз хонандагон масъулияти бештар талаб мекунанд. Хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда доир ба ҳар як мавзуи дарс ҳамон вақт ноил мегарданд, ки талаботи МБ бе камукост риоя гардад.

# ХУЛОСАИ БОБИ II

Таҳқиқи мавзуъ ва озмоишҳои педагогӣ собит намуданд, ки дар барномаи таълими адабиёти тоҷик дар МТМУ ашъори ғиноӣ нақши муҳим доранд. Татбиқи талаботи МБ таълими шеър дар курси хониши эзоҳӣ махсусиятҳои худро дорад, ки аз омӯзгор иҷрои ҳатмии онҳоро тақозо мекунад. Вазифаи омӯзгор дар курси хониши эзоҳӣ, пеш аз ҳама, раҳнамоӣ кардани хонандагон барои дурусти саҳеҳ хондану навиштан, шарҳ додани калимаву иборахо ва ташаккул додани салоҳиятҳои огоҳонаву бошууронаи қироат кардани матни бадеист. Баррасии китобҳои дарсии «Алифбо» ва «Забони модарӣ» дар синфҳои 1-4 нишон дод, ки муаллифон ва мураттибони ин китобҳо байт ва пораҳои шеърии муассиру ба синну соли хонандагон мувофиқро интихоб кардаанд, вале баъзе шеърҳои интихобшуда ба ҷаҳонбинӣ ва синну соли онҳо мувофиқ нест. Таълими ин абёт ва пораҳои шеърӣ вобаста ба талаботи МБ, агар аз як тараф, хонандагонро ба босаводонаву огоҳона хондану навиштан раҳнамун созад, аз сӯйи дигар, барои ташаккули салоҳиятҳо замина мегузорад.

Санҷиши амалии таълими ашъори ғиноӣ дар курси хониши адабӣ тибиқи талаботи МБТ муайян намуд, ки таълими адабиёт дар ин зинаи таҳсил нисбат ба курси хониши эзоҳӣ мураккабтар буда, адабиёт ба тариқи мавзуӣ омӯхта мешавад. Дар курси хониши адабӣ омӯзгор имкон дорад чаҳор марҳала ва чаҳор унсури асосии МБТ-ро татбиқ намояд. Ин нукта мусаллам аст, ки дар курси хониши адабӣ ҳамон ашъори ғиноие бояд интихоб ва таълим дода шаванд, ки ба синну соли хонандагон мувофиқ буда, барои ташаккуули салоҳиятҳо замина гузоранд. Мутаассифона, дар китобҳои дарсии адабиёти синфҳои 5-7 ашъори ғиноие интихоб шудаанд, ки ба ҷаҳонбанӣ ва синну соли хонандагон мувофиқ нестанд. МБТ имкон медиҳад, ки омӯзгор вобаста ба мавзуъ дар раванди дарс дар интихоби матн озод бошад. Аз ин дидгоҳ аз ашъори шоироне, ки дар барнома омдаанд, шеърҳои интихоб намуда, аз озмоиш гузаронидем, ки ба ҷаҳонбинӣ ва синну

соли хонандагон мувофиқанд. Усули таълими он қитъаву ғазал, қасида ва пораҳои шеърие, ки бо такя ба таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ дар рисола овардаем, метавонанд чун намуна барои таълими ашъори ғинеоии дигар хидмат намоянд.

Озмоишҳои педагогӣ соббит намуданд, ки дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) таълими ашъори ғиноӣ ба таври комил сурат мегирад. Татбиқи МБТ ба хонандагони ин синусол, ки кор бо матни бадеиро дар синфҳои поёнӣ таҷриба ҳосил кардаанд, имкон фароҳам меоварад, то дар ин зинаи таҳсил ашъори ғиноиро ҳаматрафа омӯзанду таҳлил намоянд ва дониши андухтаашонро дар амал татбиқ намоянд. Дараҷаи фаҳмиш ва ҷаҳонбинии хонандагон дар ин синну сол барои дарку таҳлили ашъори ғиноӣ имкон медиҳад, ки онҳо адабиётро чун як нафъи санъат омӯзанду баҳогузорӣ намоянд ва салоҳияти шинохти зебоии ҳунар дар онҳо шакл гирад. Дараҷаи ноилгардии хонандагон ба салоҳиятҳо ба омӯзгор вобаста аст, ки раванди дарсро чӣ тавр амалӣ менамояд. Омӯзгор бояд саъй намояд, ки дар раванди дарс талаботи МБ пурра иҷро гардад. Хусусан марҳалаҳои севуму чаҳорум, ки дар онҳо салоҳияти эҷодкории хонандагон ташаккул меёбад, ҳам аз омӯзгор ва ҳам аз хонандагон масъулияти бештар талаб мекунанд. Хонандагон ба салоҳиятҳои таъйиншуда доир ба ҳар як мавзуи дарс ҳамон вақт ноил мегарданд, ки талаботи МБ бе камукост риоя гардад.

# БОБИ III. МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМИ ОСОРИ МАНЗУМИ ҲАМОСИИ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

## 3.1. Таълими осори манзуми ҳамосӣ дар курси хониши аадабӣ вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият

Асарҳои ҳамосӣ дар барномаи таълимии МТМУ мавқеи калон доранд. Ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар курси таърихи адабиёт достонҳое аз шоирони бузурги адабиёти тоҷик барои таълим пешниҳод шудаанд. Аз он ҷо, ки мавзуи рисолаи мо ба каломи манзум ихтисос дорад, мо танҳо дар бораи осори ҳамосии манзум баҳс мекунем. Масалан, дар курси хониши адабӣ барои синфи панҷум се ҳикоят аз «Беҳрузу Баҳром»-и Камолиддини Биноӣ, порчаҳои аз достони «Чароғи абадӣ», «Сайёҳи Ҳинд», «Меҳмони мағрибӣ» ва «Духтари муқаддаси»-и Мирзо Турсунзода, порчаҳои аз достонҳои «Панҷи нооромʼ» ва «Ленин дар Помир»-и Мирсаид Миршакар пешниҳод шудааст. Дар барномаи синфи шашум таълими ҳикояти «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша» аз достони «Лайлию Маҷнун» ва достони «Хайру Шар» аз «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ пешниҳод шуда бошад, дар синфи ҳафт ҳикоятҳо аз «Силсилат-уз-заҳаб», монанди «Қиссаи он хирс, ки обаш мебурд», «Ҳикояти пирзоле, ки роҳ ба Санҷар гирифт» ва «Қиссаи куланг» пешниҳод шудаанд. Дар курси таърихи адабиёт ҳам аз адабиёти классикӣ ва ҳам аз адабиёти муосир достону маснавиҳои зиёде барои синфҳи VIII то XI пешниҳод шудаанд, ки омӯзгор бояд вобаста ба талаботи МБ дарс гӯяд. Бояд зикр кард, ки ин барнома, чунонки мутахассисон таъкид кардаанд, ба талаботи МБ ҷавобгӯ нест, вале аз он ҷо ки омӯзгорон мактаб аз рӯйи ин барнома таълим медиҳанд, мо ҳамон достонҳое барои таҳқиқи корам интихоб намуда аз озмоиш гузаронидем, ки дар барномаи мазкур омадаанд.

Озмоишҳои педагогӣ ва таҷрибаву мушоҳидаҳо ҳангоми таҳқиқи мавзуъ моро ба натиҷа овarданд, ки пеш аз таълими осори ҳамосӣ

омӯзгор бояд доир ба хусусиятҳои асосии ҷинси ҳамоса ва жанрҳои он ба шогирдон маълумот диҳад. Аз сӯйи дигар, омӯзгор бояд ба хусусиятҳои асосии ҳар жанри ҳамосӣ эътибор диҳад ва нуктаҳои асосии онҳоро ба хонандагон фаҳмонад. Аз ҷумла, пеш аз ҳама, омӯзгор бояд хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва ҳаҷми асарро ба назар бигирад. Тибқи методикаи таълим чи таълими суннатӣ ва чи МБТ дар синфи 5 бояд аз асарҳои хурди ҳамосӣ шуруъ кард ва зина ба зина дар синфҳои шашу ҳафт асарҳои нисбатан калонҳаҷм таълим дода шаванд, то хонандагон ба салоҳиятҳо ноил гарданд. Мутаассифона, асарҳои пешниҳодшуда ва соатҳои муқаррагардида дар барнома таълимӣ бо ҳам мувофиқат надоранд. Хушбахтона, МБТ имкон медиҳад, ки муаллим вобаста ба талабот ва равиши дарс мундариҷаро иваз намояд.

Омӯзиши асари ҳамосӣ, бинобар гуфтаи мутахассисон, ду рукни асосӣ дорад: яке хониш ва дигаре таҳлил, аммо дар МБ, чӣ тавре ки дар таҳлили асарҳои лирикӣ мушоҳида намудем, чаҳор марҳала дорад. Рукни аввал  дар низоми анъанавӣ «шиносоӣ бо матн» ва дар МБ «дарки матн» аст. Ин ҳар ду як чизро мефаҳмонанд ва як мақсад доранд. Яъне дар ин марҳала хонандагон бояд бо матн ошно шаванд ва баъд аз мутолиа ва ё қироат онро дарк намоянд.

Марҳала ё худ рукни дувум дар низоми анъанавӣ таҳлили бевоситаи матн ва дар МБ баҳодиҳӣ ба матн мебошад, ки ин ҳар ду низ як мақсад доранд: матни бадеӣ бояд ҳаматарафа шарҳу таҳлил гардида, хонандагон тавонанд дар бораи матн маълумот пайдо кунанд ва ба он баҳо диҳанд. Баҳо додани хонанда  ба асар на ба маънии нақди матн аст, чунонки мунаққидон асарро нақд мекунанд, балки огоҳ шудан аз мазмуну муҳтавои ва ҳунари адиб аст. Ин гуфтаҳо ҳамон вақт амалӣ шуда метавонад, ки хонандагон бояд асарро хонда бошанд. Вақте хонандагон достонро хондаанд, кори омӯзгор низ ба маротиб осон мешавад ва дарс ҳам шавқовар мегузараду шогирдон ба салоҳиятҳои таъйиншуда ноил мегарданд. Масалан, дар синфи 6 тибқи барнома таълими «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша» аз достони «Лайлию

Маҷнун» ва достони «Хайру Шар» аз «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ пешниҳод шудааст. Матни ин ҳикоятҳо дар китоби дарсӣ оварда шудааст, пеш аз оғози таълими ин мавзуъ омӯзгор бояд аз хонандагон талаб намояд, ки дар хона мустақилона ин ҳикоятҳоро мутолиа намоянд. Мазмуни ин ду қисса ҳатман завқи хонандагонро бедор мекунад. Саволу ҷавоби муаллим бо хонандагон пеш аз таҳлили қисса онҳоро барои дарки асар омода месозад.

МБТ бо ин ду марҳала ва ё худ ду рукни таҳлили асари бадеӣ, ки методистон дар низоми суннатӣ муайян кардаанд, маҳдуд намегардад. Марҳалаи сеюм: тағйири матн ва чаҳорум: таҳияи матни худ салоҳияти хонандагонро ҳангоми дар амал татбиқ намудани дониши андӯхтаашон таъмин менамояд. Дар курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-9) ин марҳилаҳо, чунонки ҳангоми баррасӣ ашъори ғиноӣ мушоҳида кардем, талаботи бештар касб мекунанд, матнҳои нисбатан калонтар ва ҳатто баъзан матни комили асарҳои ҳамосӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Барои он ки таълими асарҳои ҳамосӣ дурусту саҳеҳ баён шаванд, ин масъала ҳам дар курси хониши адабӣ ва ҳам дар курси таърихи адабиёт дар асоси озмоишҳои таълимие, ки гузаронидем, натоиҷи онҳоро меоварем.

Тавре ки зикр намудем, дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) хонандагон бо матни бадеӣ сарукор доранд ва ҳангоми таълими асарҳои ҳамосӣ, монанди достонҳои «Лайлию Маҷнун» танҳо порае аз ин достонҳо таълим дода мешаванд, зеро синну соли хонандагони ин синфҳо имкон намедиҳанд, ки асарҳои калонҳаҷмро азхуд кунанд. Масалан, дар барномаи синфи шаш таълими ҳикояти «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша» аз достони «Лайлию Маҷнун» ва достони «Хайру Шар» аз маснавии «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ пешниҳод шудааст. Ҳам ҳикояти «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша» ва ҳам достони «Хайру Шар» сюжети мустақил доранд, ки метавон онҳоро новобаста аз достонҳои «Лайлию Маҷнун»-у «Ҳафт пайкар» таълим дод. Ба тариқи намуна мо ҳикояти «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша»,

ки Низомии Ганҷавӣ дар достони «Лайлию Маҷнун» овардааст, вобаста ба талаботи МБТ бо такя ба озмоише, ки гузаронидем, таҳлил менамоем.

Таҷриба дар мактабҳои озмоишӣ нишон медиҳанд, ки достонҳои нисбатан кӯтоҳи ҳамосӣ, монанди ҳикояти манзуми «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша» агар вобаста ба талаботи МБ таълим дода шаванд, хонандагони синфи 6 онро хеле осон азхуд мекунанд. Дар барнома барои таълими ҳикояҳо аз «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ 6-соат вақт ҷудо шудааст. Гарчанде таълими шарҳи ҳоли адибон аз масъалаи баҳси курси хониши адабӣ берун аст, вале муаллифони китоби дарсӣ маълумоти кӯтоҳе дар ҳаҷми як саҳифа дар бораи тарҷумаи ҳоли шоири бузург овардаанд.

Пеш аз таълими ин ҳикоят супориш дода шуд, то хонандагон матни комили ҳикоятро аз китоби дарсӣ дар хона мустақилона хонанд. Воқеан, сюжети ҳикоят диққати хонандагонро ба худ ҷалб намуд ва онҳоро зери таъсири худ қарор дод, ки аксар дар бораи он ҳарф мезаданд. Аз он ҷо ки хонандагон ҳикоятро мутолиа кардаанд, дарсро бо суолу ҷавоб оғоз намудем. Дар дарси озмоишӣ доир ба ин ҳикоят чунин саволҳо пешниҳод шуданд:

1. Оё ҳикоят ба шумо писанд омад?
2. Оё ҳайвонҳо ҳам меҳрубониро эҳсос мекунанд?
3. Ин ҳикоят афсона аст ва ё дар зиндагӣ чунин воқеа рӯй медиҳад?
4. Кадом қисмати ҳикоят шуморо ба риққат овард?

Хонандаҳое, ки матни ҳикоятро хондаанд, ҳатман кӯшиши ҷавоб гуфтан мекунад. Чунин тарзи саволгузорӣ хонандагонро водор мекунад, ки дар бораи ҳикояти хондаашон андеша кунанд ва бардошташонро аз ҳикоят нақл кунанд. Ҷавоби суолҳо муайян намуд, ки хонандае, ки ҳикоятро хонадааст, ҳатман аз сужети он сахт муаассир асту мехоҳад бардошташро нақл кунад. Мутаассир кадани хонанда аз мутолиа ва ӯро ба андеша водор сохтану ба дарки матн омода намудан аз марҳалаи аввали МБ аст, ки дар онҳо салоҳияти фикр кардану мустақилона баён кардани фикрро ташаккул медиҳад.

Пеш аз он ки ба хонандагон супориш додан, ки ҳикоятро хонанд, худ доир ба ин мавзуъ нақша тартиб додем ва дар нақша дарҷ намудем, ки хонандагон чиро бояд донанд, азхуд кунанд, фаҳманд ва дар амал татбиқ намоянд, то дар оянда онҳоро ба кор оянд. Ба таъбири дигар, омӯзгор бояд муайян кунад, ки дар омӯзиши ин ҳикоят кадом салоҳиятҳоро дар хонандагон инкишоф додан мумкин аст?

Ба тариқи намуна ташаккули салоҳиятҳо аз мавзуи ҳикояти «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша» чунин ба нақша гирифта шуд:

| **Мавзуъ: Ҳикояти «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша»** | | |
|---|---|---|
| **Табақамандии масъалаҳо** | **Салоҳияти адабӣ** | **Зарурат** |
| Муҳтавои ҳикояти “Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша” | Салоҳияти баёни сужети ҳикоят, риояи тартиби воқеаҳо ҳангоми нақл; салоҳияти муқоисаи ҳодиса ва тафсири таъсири онҳо ба одамон. | Таҳлили ҳодисаҳо ва рафтори одамон, муқоисаи некую бадӣ, ташхиси рафтори нек ва амали бади инсонҳо. |
| Таҳлили образҳои асосии ҳикоят | Салоҳияти таҳлили образҳои бадеӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳақиқати зиндагӣ; Салоҳияти баҳодиҳӣ ба амалу кирдори одамҳо бо такя ба асари бадеӣ. | Таҳлили амалу рафтори худ дар ҷомеа ва таҷриба гирифтан аз асари бадеӣ дар муқоиса ба зиндагии худ, бардошт ва хулосабарорӣ; муайян кардани мавқеи худ дар зиндагӣ бо ҷомеа. |
| Ғояи асосии ҳикоят, мақсади шоир аз ин ҳикоят | Салоҳияти таъйини ғояи асосии асари бадеӣ; бошуурона истифода намудани калимаҳои хосси адабиёти классикӣ ва овардани порчаҳои шеърӣ ҳангоми баёни фикр; Салоҳияти корбурди зарбулмасалу мақол дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; Салоҳияти бо далел собит кардани андешаи худ доир ба масъалаҳои гуногун | Ҳангоми баёни андеша дар ҷашнҳо, конференсияҳо, мубоҳисаҳо ва ғайра. Ташаккули фикрронии мантиқӣ; Ташаккули мустақилият ва худбоварӣ дар шинохт ва арзишдоварӣ ба ҳодисаҳои зиндагӣ |
| Забону услуби ҳикоят ва ҳунари шоир | Салоҳияти шарҳу тафсири асари бадеӣ; Салоҳияти дарк ва | Муқоисаву таҳлил ва доварӣ ба ҳодисаҳо дар зиндагӣ, корбурди сухани |

| | | |
|---|---|---|
| | баҳодиҳӣ ба ҳикоят ва таъйини ҳунари суханвар. | боҳикмат ва бамавқеъ истифода кардани онҳо дар сухарониҳо ва ҳангоми муошират бо одамон |

Медодист Қутбиддин Мухторӣ салоҳиятҳоро дар дарси адабиёт ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: Салоҳиятҳои калидӣ, салоҳиятҳои адабии коммуникативӣ (байнифаннӣ) ва салоҳиятҳои адабӣ (фаннӣ). Ҳамчунин тавзеҳ медиҳад, ки “салоҳиятҳои нишондодашударо танҳо дар ин дарсҳо не, балки дар силсилаи дарсҳои минбаъда, синфҳои 10-11, ки асосашон ҳамин қолаб, ҳаёт ва фаъолият, мероси адабӣ, мавзуъ ва мундариҷаи асар, кирдори қаҳрамонҳои мусбату манфӣ, омӯзиши жанрҳо ташкил медиҳанд, ташаккул дода мешаванд” [160, с. 59]. Ин нукта возеҳ аст, ки ташаккули салоҳиятҳои номбурда дар курси хониши эзоҳӣ ва адабӣ замина пайдо мекунанд ва дар курси таърихи адабиёт, дар синфҳои 8-11 оҳиста-оҳиста такомул меёбанд. Аз ин сабаб, омӯзгор бояд заминаи ташаккулёбии салоҳиятҳоро дар курси хониши адабӣ, дар ибтидо, яъне дар синфи 5 оғоз намояд. Курси хониши адабӣ замина муҳайё мекунад, то салоҳиятҳо дар курси таърихи адабиёт пурраву мукаммал гарданд. Барои ташаккулу такомули салоҳиятҳо бояд чаҳор марҳалаи МБТ-ро дар раванди дарс иҷро намуд.

Марҳалаи аввал ҳангоми таълими ҳикояти “Подшоҳи золим ва ҷавони саховатманд дарки матн аст, ки хонандагон мустақилона онро мутолиа карданд. Хонандагон аз сюжети ҳикоят огоҳанд ва онро метавонанд шифоҳӣ ва хаттӣ баён кунанд, вале яқин аст, ки на ҳама калимаву иборахо ва таъбироти шоиронаро, ки дар ин ҳикояти манзум ба кор рафтааст, шарҳ дода метавонанд. Огоҳӣ аз мазмуни ҳикоят як тарафи масъала аст, хонанда бояд ҳикоятро дарк кунад, ба он баҳо диҳад ва натиҷагирӣ карда тавонад. Дар “Куллиёт”-и Низомии Ганҷавӣ ин ҳикоят аз 48 байт иборат аст, муаллифони китоби дарсии синфи шаш 43 байти онро овардаанд, ки мазмуни ҳикоят пурра баён шудааст. Яке аз талаботи МБТ он аст, ки омӯзгор бояд ба китоби дарсӣ маҳдуд нагардад

ва ҳикоятро аз сарчашмаи асл бихонад, то мақсади шоир аз ин ҳикоят ба дурустӣ равшан гардад.

Дар синф бо иштироки шогирдон бори дигар қироати матни ҳикоятро ташкил намудем. Озмоиш нишон дод, ки агар як бори дигар матн дар синф аз ҷониби хонандагони фаъол ба таври комил қироат гардад, самараи хуб дода метавонад. Баъд аз он метавон матнро ба қисматҳо ҷудо карда, таҳлил намуд. Ин амал имкон медиҳад,ки ҳикоят ҳаматарафа ҳазм гардад:

**Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша**

Дар қисса шунидаам, ки боре
Будаст ба Марв тоҷдоре.
Дар силсила доштӣ саге чанд,
Девонавашу чу дев дар банд.
Ҳар як ба салобати гурозе,
Бурда сари уштуре ба гозе.
Шаҳ чун шудӣ аз касе бар озор,
Додеш бад-он сагони хунхор.
Ҳар кас, ки зи шоҳ беамон буд,
Овардану хӯрданаш ҳамон буд. [85,45]

Баъд аз қироати матн ва ошноӣ бо он, шарти нахустини таҳлили матни ҳамосӣ дар низоми анъанавӣ кор бо луғат аст ва дар МБ баҳо додан ба матн. Баҳодиҳӣ ба матн бе донистани маънои калимаҳои матн ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар қадами аввал бояд калимаҳои душвори матни боло шарҳ дода шаванд: Хонандагон худ аз луғати электронӣ ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” калимаҳои душворро дарёфтанд **Тоҷдор**: касе, ки тоҷ дорад, киноя аз подшоҳ, **силсила**: занҷири оҳанин, **салобат**: андом, шакли зоҳирӣ, **гуроз**: хуки ваҳшӣ, **гоз:** газидан, яъне бо як даҳон андохтан сари уштур меканад.

Ин калимаҳо баъд аз хониши ифоданоки банди дар боло овардашуда ба тарзи шифоҳӣ шарҳ дода шуд ва баъд аз ҷамъбасти ин банд ё худ қисмати ҳикоят хонандагон дар дафтари луғаташон сабт

карданд. Тибқи нақша дар баробари риоя намудани тарзи муаассиру ифоданоки хониш бояд диққати хонандагонро ба маънии байтҳои алоҳида ва тарзи ифодаи маънии хосси онҳо ҷалб намуд. Озмоиш нишон дод, ки баъд аз шарҳ ёфтани калимаҳои ноошно ҳар хонанда метавонад мазмуни ин қисмати ҳикоятро нақл кунад: Дар шаҳри Марв подшоҳе чанд саги девмонанд доштааст, ки онҳоро бо занҷири оҳанин дар банд нигоҳ медоштааст. Ҳар яки аз ин сагҳо монади хуки ваҳшӣ бо як даҳон андохтанд сари уштуреро меканданд. Агар шоҳ бар касе хашм гирад, он бечора хӯроки ин сагони ваҳшӣ мегардид.

Баҳодиҳӣ ба матн (марҳалаи дуюм) ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки хонандагон ба ҳусну қубҳи асар огоҳ шаванд. Осори шоирони классик ҳеҷ қубҳе надорад, вале ба ҳусни зебоии асари бадеӣ пай бурдан худ як фазилат аст. Тибқи нақшаи мураттабнамуда таҳлили образҳои ҳикоят ба марҳалаи дуюм, яъне баҳодиҳӣ ба матн шомил мешавад. Дар асоси ҳамин қисмати муқаддимавии ҳикоят барои ташаккули салоҳияти баҳодиҳии хонандагон омӯзгор метавонад баҳс ташкил намояд ва ин баҳс бо воситаи саволу ҷавоб сурат мегирад. Баҳсро бо чунин савол оғоз кардем: - Чаро Низомӣ шаҳри Марвро ном мебарад, на Самарқанду Бухороро, ки шаҳрҳои машҳур буданд ва ё Ганҷа, ки зодгоҳи худи шоир аст?

Хонандагони синфи 6 гумон аст, ки аз таърихи шаҳри Марв, ки дар гузашта, алалхусус дар замони зиндагии Низомӣ яке аз марказҳои тамаддуни тоҷикон буд, огоҳ бошанд. Аз ин сабаб худ доир ба ин масъала суҳбат кардем ва ба ин васила хостем ҳисси ифтихори миллиро дар замири хонандагон бедор созем, то онҳоро бо таърихи тамаддуни миллат ошно гарданд. Ҳамчунин корбурди санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла санъати ташбеҳ, ки хонандагон онро медонанд, агар равшан шавад, як амалӣ баҳодиҳӣ ба матн иҷро мегардад.

Буд аз нудамои шаҳ ҷавоне,
Дар ҳар ҳунаре тамомдоне.
Тарсид, ки шоҳи ошносӯз

Бегона шавад бад-ӯ яке рӯз.
Оҳуи варо ба саг намояд,
Дар неши сагонаш озмояд.
Аз бими сагон бирафт пешӣ,
Бо сагбонон гирифт хешӣ.
Ҳар рӯз шудию гӯсфанде,
Дар матраҳи он сагон фикандӣ.
Чандон бинавохташон бад-он сон,
К-он душворӣ бад-ӯ шуд осон.
Аз миннати даст зери пояш,
Гаштанд сагон мутеи рояш. [85,45]

Аз он сабаб, ки ҳикоятро ба қисматҳо ҷудо намуда, таҳлил менамоем, ҳар қисмат бо марҳалаи нахустини МБ, яъне дарки матн оғоз мешавад. Ин қисмати боло низ саравал аз тарафи хонандае қироат гардид ва баъд бо ҳамроҳи хонандагон ба шарҳи калимоти душвор машғул шудем: Аз ин банд чунин калимаҳоро хонандагон шарҳ доданд: **Нудамо**: надимон, ҳамнишин, ҳамсуҳбат, махсусан ҳамнишини амирону шоҳон. Яъне ҷавон яке аз ҳамсуҳбатони шоҳ буд, **тамомдон**: ҳамадон, зираку оқил, донишманд, **шоҳи ошносӯз:** подшоҳе, ки ба дӯст, ошно ва ҳамнишини худаш ҳам раҳм надорад, агар хашм гирад, мекушад, **матраҳ**: ҷойи афкандани чизе, маҳалли андохтан, ин ҷо сагкоса, ҷойи хӯрокхӯрии сагон дар назар аст, **навохтан:** навозиш, меҳрубонӣ кардан, **рой**: фикр, андеша, ин ҷо ба маънии ҳукм, фармон ба кор рафтааст, яъне сагон комилан ба фармони ҷавон итоат мекарданд. Дар ин қисмат байтест, ки хеле шоирона суруда шудааст, диққати шогирдонро ба он ҷалб намудем, то зебоии онро дарк кунанд:

Оҳуӣ варо ба саг намояд,
Дар неши сагонаш озмояд.

Аз хонандагон маънии байт пурсида шуд, мутаассифона, касе ҷавоби дуруст надод. Хонандагон ҳанӯз дар синфи 5 бо санъати истиора ошно шудаанд, шояд фаромӯш кардаанд, хотиррасон кардани таърифи

санъати истиора ба фоида кор аст. Дар санъати истиора як калима ба ҷойи калимаи дигар меояд ва байни истиорашавандаю истиоракунанда бояд монандие вуҷуд дошта бошад. Тавзеҳ дода шуд, ки оҳу дар байти боло истиора аз ҷисм, тани ҷавон аст. Барои он ки санъати истиора ба дурустӣ дар хотири шогирдон нақш бандад, перомуни ҳамин байт баҳс ташкил кардем. Ташкили баҳсро бо саволи зерин оғоз намудем:

Чаро дар ин байт оҳу истиора аз ҷисм, тани ҷавон шудааст? Чӣ монандие байни оҳу ва ҷисми ҷавон аст?

Воқеан, ин ҷо истиораи пӯшида асту дарки он барои хонандагони синфи шаш душворӣ мекунад. Хонандагон натавонистанд ҷавоб гӯяд, худ тавзеҳ додем: Оҳу, нахчир аз ҳайвонотест, ки барои гӯшташ ӯро шикор мекунанд ва дар гузашта шоҳони амирон сагҳои шикорӣ доштанд. Вақте сайд, алалхусус оҳуро захмӣ мекарданду вай мегурехт, сагони шикорӣ сайди захмхӯрдаро думболагирӣ мекарданду ба назди соҳибашон меоварданд. Сабаби истиора шудани оҳу ба ҷисму тани ҷавон аз ин ҷост.

Баёни мазмуни ин қисмати ҳикоят баъд аз равшан шудани калимоту таъбироти душвор аз ҷониби хонандагон сурат гирифт: Аз надимону ҳамнишинони шоҳ ҷавони зираку оқил ва дурандеше буд ва аз шоҳ бим дошт, ки мумкин аст рӯзе ба ӯ ҳам хашмгин шаваду ҷисми ӯро хӯроки сагони ваҳшияш кунад. Барои халосӣ аз эҳтимолияти хӯроки сагҳо шудан назди сагбонҳо рафту бо онҳо унс гирифт. Ҳар рӯз гӯсфандеро худ ба пеши сагон меандохт, то онҳо ром шаванду ба вай зарар нарасонанд. Аз ин эҳсони ҷавон сагҳои ваҳшии шоҳ чунон ром шуданд, ки ба тамоми амру фармони ӯ итоат мекарданд.

Рӯзе ба тариқи хашмнокӣ,
Шаҳ дид дар он ҷавони хокӣ.
Фармуд ба сагдилони даргоҳ
То пеши сагон барандаш аз роҳ.
В-он сагманишон сагӣ намуданд,
Чун саг ба табаррукаш рабуданд.

Бастанду бад-он сагон-ш доданд,
Худ дур шуданду истоданд.
В-он шерсагони оҳанчанг,
Карданд нахуст бар вай оҳанг.
Чун мунъими худ шинохтандаш,
Дум лобакунон навохтандаш.
Гирдаш ҳама дастбанд бастанд,
Сар бар сари дастҳо нишастанд.
Буданд ба ӯ чу доя дилсӯз,
То рафт бад-ин яке шаборӯз. [85,46]

Хонандагон аз воқеаи ҳикоят ба риққат омада, таваҷҷуҳашон ба идомаи ҳикоят бештар гардид. Озмоиш нишон дод, ки барои ҷалби диққати хонандагон қироати муассири матн низ роли муҳим мебозад. Қироати матни боло чунон сурат гирифт, ки ҳама гӯшу ҳуш шуданд. яъне матн бояд муассир қироат гардад, зеро ҷойи хеле ҳассоси ҳикоят дар қисмати болост. Хонандагон, ки аз сюжети ҳикоят огоҳанд, таваҷҷуҳи бештар ба матн мекунанд ва калимоте, ки нафаҳмидаанд, дар ҷустӯҷӯйи маънои он мешаванд. Дар баробари калимоти душворфаҳм иборaҳо ва таъбироте дар матни ҳикоят ҳастанд, ки ба маънои маҷозӣ ба кор рафтаанд ва дар китоби луғату фарҳангҳои маъмулӣ шарҳи онҳо наомадааст. Барои ин гуна таъбирот фарҳангҳои махсусе, монанди “Фарҳанги киноёт” ва “Фарҳангномаи шеърӣ” ҳастанд, ки бояд дар раванди дарс истифода шаванд. Мутааассифона, ба чунин фарҳанг дар синф мавҷудщ набуд. Калимоту ибороти душвор, ки бо истифода аз дастурҳои таълимӣ шарҳ дода шуданд: **Сангдилони даргоҳ**: мурод хидматгорони дарбори шоҳ, ки ҳеҷ раҳму шафқат надоранд ва фармони шоҳро бечуну чаро иҷро мекунанд, аз ин рӯ, шоир онҳоро сангдил номидааст. **Сагманиш:** сагтабиат, сагхислат, киноя аз хитмадгорони дарбори шоҳ; **сагӣ намуданд:** монанди саг рафтор кардан; **табаррук**: ҳадя, туҳфа, яъне туҳфа барои сагон; **мунъим**: неъматдиҳанда, он ки

рисқу неъмат медиҳад, мурод ҳамон ҷавон, ки ба сагон гӯшти гӯсфанд дода буд.

Мушаххас намудани калимоти қофия, радиф ва санъатҳои бадеӣ низ бояд пеш аз баёни маънии ҳар қисмати ҳикоят сурат гирад. Хонадагон ҳанӯз аз синфи 5 бо қофия радиф ошноянд ва қофиябандии ин ҳикоят, ки ба шакли аа, бб, вв ва ғайра (қофиябандии маснавӣ) сурат гирифтааст, бояд байт ба байт аз тарафи шогирдон таъйин шавад. Масалан, хонандагон дар қисмати болои ҳикоят, ки **хашмнокӣ, хокӣ** (байти аввал), **даргоҳ, роҳ** (байти дувум) ва ғайра калимаҳои қофия мебошанд, бе душворӣ муайян намуданд. Мазмуни банди болои низ аз ҷониби хонандагон нақл карда шуд: "Рӯзе шоҳ ба он ҷавон хашм гирифт ва фармуд, ки ӯро пеши сагон партоянд, хидматгорони дарбор, ки хислати сагона доштанд, ба бегуноҳии ҷавон раҳм накарданду ӯро дастбаста пеши сагони ваҳшӣ партофтанд. Он сагҳои шермонади оҳанинчанг нахуст майли пора кардани ҷавон карданд, аммо дӯсту мунъими худро шинохтанду дум ҷунбонданду ором шуданд. Сагҳои ваҳшӣ фӯкашон рӯйи даст дар гирди ҷавон ҳалқа заданду ӯро чун доя дилсузӣ карданд, то як шабонарӯз гузашт". Дарси аввал бо баррасии қисме аз ҳикоят ба поён расид. Хонандагон вазифадор шуданд, ки дар хона бори дигар қисмати боқимондаи ҳикоятро мехонанд ва калимаву ибораҳои душворашро дар дафтари луғат менависанду шарҳ медиҳанд.

Дарси дуюм бо баррасии идомаи ҳикоят оғоз шуд:

Чун рӯзи сапед рӯй бинмуд,
Сайфури сиёҳ шуд зарандуд.
Шуд шоҳ зи кори худ пушаймон,
Ғамгин шуду гуфт бо надимон,
К-он оҳуи бегуноҳро дӯш,
Додам ба саг интихоби заргӯш.
Бинед, ки он сагон чӣ карданд,
Андоми варо чӣ гуна х(в)арданд?
Сагбон чу аз ин сухан шуд огоҳ,

Омад бари шоҳу гуфт, к-эй шоҳ,
Ин шахс на одамӣ, фариштаст,
К-Эзад зи кароматаш сириштаст.
Бархезу биё , дар он нур,
То сунъи Худой бинӣ аз дур.
Ӯ дар даҳани сагон нишаста,
Дандони сагон ба мухр баста.
З-он гургсагони аждаҳорӯй,
Н-озурда бар ӯ яке сари мӯй.
Шаҳ карда шитоб, то шитобанд,
Он гумшударо магар биёбанд. [85,46]

Ин қисмат низ монанди қисматҳои аввал аз тарафи хонандагон қироат шуд, аммо дар шарҳи калимаву иборахо душворӣ кашиданд. Калимаҳо ва таркибҳои душворро бо ҳамроҳии хонандагон чунин шарҳ дода шуданд: **Сайфури сиёҳ**: киноя аз шаби сахт торик; **зарандуд**: тиллоранг, ишора ба тулӯи офтоб, ки нурҳои он монанди тилло зардранганд; **оҳуи бегунох**: киноя аз ҷавон; **Эзад:** Худованд; **сунъи Худой**: офариниши Худованд. Вақти таркибҳои душвор шарҳ шуданд, хонандагон мазмуни қисмати болоро чунин байн намуданд: “Вақте рӯз шуду шаби торик аз нурҳои офтоб зарандуд гардид, шоҳ аз кардаи худ пушаймон шуд ва ғамгин гашту бо надимонаш гуфт, ки бираведу бубинед, ки ҷавони бегуноҳро, ки дирӯз ба саг додам, чӣ  кор карданду ҷисмашро сагҳо чӣ тавр хӯрданд? Сагбон вақте аз фармони шоҳ огоҳ шуд, назди шоҳ омада гуфт, ки эй шоҳ, ин шахс одамӣ нест, балки фариштаест, ки Худованд ба қудраташ ӯро ба шакли одамӣ офаридааст. Хезу биёву қудрати Парвардгорро бубин, ки ҷавон дар пеши даҳони сагони гургмонанди аждаҳокирдор асту гӯё даҳони ин сагони хунхор муҳр зада шудаанд, ки як сари мӯйе ҳам ӯро озор надодаанд. Шоҳ шитобон аз ҷо бархост ва фармон дод, то ҳарчӣ зудтар ҷавонро аз пеши сагон биоваранд”.

Бурданд мувакилони роҳаш,

Аз силки сагон ба садри шоҳаш.
Шаҳ монд шигифт, к-он ҷавонмард
Чун буд, к-аз он сагон наёзард?
Гирён – гирён ба пой бархост,
Сад узр ба оби чашм аз ӯ хост.
Гуфто, ки сабаб чӣ буд, бинмой,
К-ин як нафаси ту монд барҷой?
Гуфто:– «Сабаб он, ки пеш аз ин банд
Додам ба сагон наволае чанд.
Эшон ба наволае, ки х(в)арданд,
Бо ман лаби худ ба муҳр карданд.
Даҳ сол ғуломии ту кардам,
Ин буд баре, ки аз ту х(в)ардам.
Додӣ ба сагонам аз як озор
В-ин буд, ки набуд саг ошнохор.
Саг дӯст шуду ту ошно на,
Сагро ҳақи ҳурмату туро на.
Саг сулҳ кунад ба устухоне,
Нокас накунад вафо ба ҷоне!»
Чун дид шаҳ он шигифткорӣ,
К-аз мардумияст растагорӣ,
Ҳушёр шуд аз хумори мастӣ,
Бигзошт сагию сагпарастӣ.
Мақсудам аз ин ҳикоят он аст,
К-эҳсону диҳиш ҳисори ҷон аст. [85,47]

Озмоиши педагогӣ собит намуд, ки бояд қироати матн, тибқи талаботи МБ аз ҷониби чанд хонанда анҷом шавад. Ин амал аз чанд ҷиҳат самарабахш аст: Аввалан, таваҷҷуҳи ҳама хонандагон ба матн ҷалб мешавад, зеро имкон дорад, ки барои қироат яке аз онҳо интихоб шаванд. Нониян, ҳар хонанда саъй мекунад, матни ҳикоятро ӯ қироат кунад ва дигарон гӯш кунанд. Вақте хонанда масъулият дар баробари

дигарон эҳсос мекунад, кӯшиш менамояд амали ба ӯ гузошташударо беҳтар аз дигарон анҷом диҳад. Баъд аз қироати матн шарҳи калимаҳову таркибҳои душвори матн аз ҷониби хонандагон, ки дар хона мкустақилона тайёр карда буданд, пешниҳод гарда два аз ҷониби мо(омӯзгор) мукаммал гардид: **мувакккил:** ваколатдиҳанда, гуморанда, ба коре таъйинкунанда, муроди шоир хидматгорони дарбори шоҳ**; силки сагон:** ҳалқаи сагон**,** муроди шоир аз назди сагҳо, ки ҷавонро он ҷо партофта буданд; **садри шоҳ:** тахти шоҳ**; шигифт:** ҳайратангез, аҷиб**; наёзард:** наёзурд, озурда накард**; навола:** луқма, мурод пораи гӯште, ки ҷавон ба сагҳо медод; **х(в)арданд:** хӯрданд; **бар:** самар,мева; **ошнохор:** дӯстхор,яъне сагҳо ошнои худро намехӯранд; **мардумӣ:** одамгарӣ, инсоният; **растагорӣ:** наҷот, роҳи халосӣ; **хумори мастӣ:** дарди саре, ки аз шаробнӯшӣ пайдо мешавад, аммо ин ҷо киноя аз мағрури ҷоҳу салтанат будани шоҳ аст; **эҳсону диҳиш:** хайру саховат; **ҳисор:** қалъа, ҳисори ҷон, қалъаи ҷон, муҳофизатгари ҷону тан, яъне хайру саховат инсонро аз балову офат муҳофизат мекунад. Мазмуни қисмати болои ҳикоят аз ҷониби чанд хонанда баён шуд ва чунин ҷамъбаст гардид: Хидматгорон бо шунидани фармони шоҳ ҷавонро аз ҳалқаи сагҳо берун оварданду назди тахти шоҳ бурданд. Шоҳ аз ин ҳодиса ба ҳайрат афтоду бо сад узру маънӣ аз ҷавон пурсид, ки ба чӣ сабаб сагҳои хунхор туро озор надоданд? Ҷавон дар посух гуфт, ки пеш аз ин ҳодиса ман чанд навола гӯшт ба сагон дода будам ва сагҳо аз он наволаи гӯшт, ки аз дасти ман хӯрда буданд, ба ман осеб нарасонданд. Аммо ман даҳ сол ба ту хидмат кардам ва самараи хидматам ин буд, ки бо як ранҷиш маро пеши сагон хунхор афкандӣ. Саг бо он луқмае, ки додам, бо ман дӯст шуд, аммо ту ба подоши он ҳама хидмат дӯст нагаштӣ. Аз ин рӯ, саг сазовори эҳтиром аст, аммо ту, ки қадри хидмату некӣ намедонӣ, шоистаи эҳтиром нестӣ. Саг бо як устухон ба инсон дӯст мешавад, аммо ба одами нокас ҷонатро ҳам фидо кунӣ, боз хиёнат мекунад. Шоҳ аз ин ҳодисаи шигифтовар фаҳмид, ки одамгарию вафодорӣ сабаби наҷоти инсон аз ҳама балоҳо мегардад. Шоҳ аз банди ғафлат ва ғурури салтанат, ки ӯро маст

гардонда буд, ҳушёр шуд. Аз ин ва баъд сагпарастию хислати сагонаро тарк кард. Шоир дар байти охир мақсадашро аз ин ҳикоят баён мекунад ва мегӯяд, ки муродаш аз ин ҳикоят он аст, то ҳама бидонанд, ки хайру саховат монанди қалъа ҷони инсонро аз балоҳо муҳофизат мекунад.

Дар китоби дарсӣ танҳо матни ҳикоят омадааст у бас, аммо ин ҳикоят аз достони "Лайлию Маҷнун" аст, ки яке аз достонҳои "Хамса"-и Низомии Ганҷавист. Ба хонандагон тавзеҳ дода шуд, ки Низомӣ ин ҳикоятро барои тақвияти саргузашти Маҷнун ва унс гирифтани вай бо ҳайвоноти ваҳшӣ овардааст ва матн аз "Куллиёти Низомӣ пешниҳод шуд:

Маҷнун, ки бад-он дадон хуриш дод,
Кард аз паи худ ҳисоре обод.
Эшон, ки салоҳкор буданд,
Пероманн ӯ ҳисор буданд.
Гар хост в-агар нишаст, ҳолӣ
Он мавкиб аз ӯ набуд холӣ [19,192]

Калимоти душвори матни боло бо ҳамкории хонандагон чунин шарҳ дода шуд: **Дад:** ҳавоноти ваҳшӣ; **мавкиб**: гурӯҳ, ин ҷо мурод гурӯҳи ҳайвонот, ки ҳамроҳи Маҷнун мерафтанд. Ҷамъбасти ҳикоятро бо ёрии хонандагон худ анҷом додем: Ҳаким Низомӣ дар охири ҳикоят таъкид мекунад, ки саховатмандию некии инсон ҳайвоноти ваҳширо ҳам мутеъ мекунад ва онҳо аз хислати даррандагӣ раҳо мешаванду ба инсон дӯст мешаванд. Маҷнун дар биёбон бо ҳайвонот унс гирифта буд ва бо онҳо меҳрубонӣ мекарду хӯрокашон медод. Аз ин сабаб, ҳама ҳайвонҳо ба ӯ мутеъ шуда буданду ӯро аз ҳама хатарҳо муҳофизат мекарданд.

Марҳалаи сеюм таҳияи матни худ аст. Дар ин марҳала доир ба мазмуни ҳикоят, қаҳрамон ва персанажҳои он баҳс ташкил шуд. Хонандагон, ҳар якеро аз диди худ образу персанажҳоро таҳлил карданд, баъзе монанд ба ин ҳикоят ҳикояти дигар нақл карданд, ки натиҷаи онро мо дар фасли сеюми боби якум, ҳангоми барраси таълими интерактивӣ ва нақши технологияи таълим дар ташаккули салоҳиятҳо бо ҷадвал

нишон додаем (фасли сеюми боби якум). Озмоиш, ки тариқи лоиҳасозӣ ба роҳ монад шуда буд, нишон дод, ки ташаккули салоҳиятҳо илова ба иштироки фаъоли хонандагон ба фаъолияти муаллим низ вобаста аст, ки баҳсро чӣ гуна ташкил мекунад. Ҳар қадар шогирдон дар баёни андешаи худ мустақил бошанд, салоҳиятҳо дар онҳо бештар такомул меёбад.

Натиҷагирӣ аз достон ба салоҳияти эҷодкории хонандагон замина муҳайё мекунад. Ҳар як хонанда мустақилона ба ҳар қисмати ҳикоят унвон гузоштааст. Ин унвонҳои гузоштаи хонандагон дар гурӯҳҳо, ки ҷудо шуда буданд, муҳокима шуда, ба ҳар қисмат як унвон муқаррар шудааст. Ҳар гурӯҳ унвонҳои гузоштаи худро ба қисматҳои ҳикоят пешниҳод карданд. Унвонҳо пешниҳод кардаи ҳар ду гурӯҳ баррасӣ шуда, чунин унвонҳо интихоб гардад:

1. Подшоҳи сагпараст ва сагони хунхори ӯ;
2. Надими саховатпешаи подшоҳи сагпараст;
3. Хашми шоҳ ба надими ҷавон ва афкандани ӯ назди сагони хунхор;
4. Надими ҷавони саховатпеша ва сагони хунхор;
5. Узрхоҳии шоҳ аз надими ҷавон;
6. Хайру саховат сабаби раҳоӣ аз балоҳо.

Унвонҳои пешниҳодшуда ба матни ҳикоят дараҷаи малакаю маҳорат ва салоҳияти хонандагонро муайян менамоянд. Дар марҳилдаи ҷаҳорум супориш шуд, ки хонандагон бо такя ба матни ҳикоят ҳикояти худро ба таври хаттӣ пешниҳод кунанд. Иҷрои марҳалаи чаҳорум ва баррасии кори хатии хонандагон салоҳияти эҷодкории онҳоро муайян намуд. Барои иҷрои марҳалаи чаҳорум, яъне таҳияи матни худ, дар синф вақт нарасид, хонандагон дар хона иҷро карданд. Дар дарси дигар, пеш аз оғози дарси нав натиҷаи кори хонандагон муҳокима шуда, баҳои он ба саъми хонандагон расонда шуд.

Озмоиши таълими ҳикояти «Подшоҳи золим ва ҷавони саховатпеша»-ро нишон дод, ки агар омӯзгор достонҳои манзумро вобаста ба талаботи МБТ, ки усули таълими интерактивӣ ҷавҳари онро

ташкил медиҳад, таълим диҳад, хонандагон на танҳо мазмуну муҳтавои достонҳоро аз худ мекунанду салоҳиятҳои коммуникативӣ, иҷтимоишавӣ, кор бо маълумот, луғатсозӣ, донишавндӯзӣ, маърифатӣ-ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва ғайра дар онҳо ташаккул меёбад, балки салоҳиятҳои ба даст овардаашонро дар амал низ хуб татбиқ карда метавонанд. Таълими ҳамин достонро дар синфи назоратӣ мушоҳида намудем. Дар синфи назоратӣ бештар омӯзгор фаъол буд, мазмуни достонро нақл намуд, баъзе байтҳоро таҳлил намуд. Дар синфи нозоратӣ хонандагон танҳо шунаванда буданд, аз мазмуни достон мутаассир шуданд, аммо дар ҷавоб додан ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ душворӣ мекашиданд. Дар нақли муаллим ва ҷавобҳои хонандагон танҳо мазмуну муҳтавои ҳикоят равшан шуд, аммо ҷанбаҳои дигар ҳикоят пинҳон монд.

Дар барномаи синфи 6 аз маснавии «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ достони «Хайру Шар» пешниҳод шудааст, ки хеле омӯзанда аст. Ин достонро Мирзоҳабиб Аҳмадов дар китоби «Таълими адабиёти тоҷик» [11,44] ва Н. Раҳматҷорнов, Х. Раҳимов дар «Дастури методӣ оид ба таълими китоби дарсии «Адабиёти Ватан» барои синфи VII» таҳлил намуда, шеваи таълими онро дар асоси низоми анъанавӣ пешниҳод кардаанд [72,32]. Мо ин ҷо таълими ин достонро вобаста ба талаботи МБ баррасӣ мекунем.

Достони «Хайру Шар» аз маснавии «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ аз ҷумлаи достонҳоест, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошта, хонандагонро дар руҳияи инсондӯстӣ тарбият намуда, ахлоқи ҳамидаро дар онҳо ташаккул медиҳад. Ин достон ба синну соли хонандагони синфи 6 мувофиқ буда, агар дуруст таълим дода шавад, дар ҳаёти минбаъдаи насли ҷавон муаассир буда метавонад.

Достони «Хайру Шар»-ро низ бо супориши муаллим хонандагон бояд дар хона мустақилона хонда бошанд ва оғози дарс бо қироати ифоданоки матн шуруъ мешавад. Ҳаҷми достон нисбатан калон аст, бояд соати бештар ҷудо карда шавад. Дар барномаи ҷорӣ (2007) барои

таълими се достони Низомӣ 6-соат ҷудо шудааст, дар барномаи кӯҳна мутахассисон, ки шеваи омӯзиши ин достонро баррасӣ кардаанд, монанди Х. Раҳимов барои таълими он 4-соатро салоҳ донистаанд. Воқеан, дар чаҳор соат омӯзгор метавонад ин достонро ҳаматарафа таълим диҳад.

Аз он сабаб, ки хонандагон достонро мустақилона хондаанду аз мавзую мундариҷаи он бохабаранд, барои омодагии онҳо дарсро бо чунин саволҳо оғоз бахшидан самараи хуб дода метавонад:

1. Оё достон ба шумо маъқул шуд?
2. Кадом қаҳрамони достон ба шумо бештар маъқул шуд?
3. Чаро номи яке Хайр асту дигар Шар?
4. Оё номи образҳои асосии достон ба хислаташон мувофиқ аст?
5. Барои чӣ Хайр Шарро ҷазо надоду бахшид?
6. Барои чӣ Курди пир Шарро кушт? Оё рафтораш дуруст буд?
7. Оё некию бадӣ подош доранд? ва момнанди инҳо.

Хонандагон, ки достонро хондаанд, ба ин суолҳо бошавқ ҷавоб медиҳанд ва бо такя ба мазмуни достон фикру андешаҳои худро баён мекунанд. Ин ҳама имкон медиҳад, ки хонандагон дар раванди дарс фаъолона ширкат кунанд, ки аз талаботи муҳимми МБТ аст. Дар баробари хонандагон омӯзгор низ бояд пеш аз дарс нақшае мураттаб намояд, ки дар омӯзиши достони «Хайру Шар» хонандагон ба кадом салоҳиятҳо даст меёбанд:

| **Мавзуъ: Достони «Хайру Шар»** | | |
|---|---|---|
| **Табақамандии мавзуъҳо** | **Салоҳияти адабӣ** | **Зарурат** |
| Муҳтавои достони “Хайру Шар” | Салоҳияти баёни сужети достон, риояи тартиби воқеаҳо ҳангоми нақл; салоҳияти муқоисаи ҳодиса ва тафсири таъсири онҳо ба одамон; салоҳияти ташхиси амали нек аз рафтори бад | Таҳлили ҳодисаҳо ва рафтори одамон, муқоисаи некую бадӣ, ташхиси рафтори нек ва амали бади инсонҳо. Донистани он ки ҳар амалеро подошест: неки кардӣ некӣ мебинӣ, бадӣ кардаӣ, бадӣ хоҳӣ дид. |
| Таҳлили образҳои асосии | Салоҳияти таҳлили | Таҳлили амалу рафтори |

| | | |
|---|---|---|
| ҳикоят | образҳои бадеӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳақиқати зиндагӣ; Салоҳияти баҳодиҳӣ ба амалу кирдори одамҳо бо такя ба асари бадеӣ. | худ дар ҷомеа ва таҷриба гирифтан аз асари бадеӣ дар муқоиса ба зиндагии худ, бардошт ва хулосабарорӣ; муайян кардани мавқеи худ дар зиндагӣ бо ҷомеа. |
| Ғояи асосии достон, мақсади шоир аз ин достон | Салоҳияти таъйини ғояи асосии асари бадеӣ; бошуурона истифода намудани калимаҳои хоси адабиёти классикӣ ва овардани порчаҳои шеърӣ ҳангоми баёни фикр; Салоҳияти корбурди зарбулмасалу мақол дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; Салоҳияти бо далел собит кардани андешаи худ доир ба масъалаҳои гуногун | Ҳангоми баёни андеша дар ҷашнҳо, конференсияҳо, мубоҳисаҳо ва ғайра Ташаккули фикрронии мантиқӣ; Ташаккули мустақилият ва худбоварӣ дар шинохт ва арзишдоварӣ ба ҳодисаҳои зиндагӣ |
| Забону услуби достон ва ҳунари шоир | Салоҳияти шарҳу тафсири асари бадеӣ; Салоҳияти дарк ва баҳодиҳӣ ба ҳикоят ва таъйини ҳунари суханвар. | Муқоисаву таҳлил ва доварӣ ба ҳодисаҳо дар зиндагӣ, корбурди сухани боҳикмат ва бамавқеъ истифода кардани онҳо дар сухаронихо ва ҳангоми муошират бо одамон |

Меҳвари асосии достон маҳкуми бадӣ ва ситоиши некист. Омӯзгор раванди дарсро чунин пиёда месозад, ки шогирдони салоҳияти на танҳо ташхиси некую бадиро ноил гарданд, инчунин салоҳият дар зиндагӣ истифодаи кардани онро дар замиру руҳу ҷонашон ҷо диҳанд, то дар ҳаёти хеш муваффақ гарданд. Дар баробари шарҳи калимоту таъбироти душвор дар достон тасвироти олие дар байтҳо мавҷуданд, ки кушодани онҳо дар раванди дарс салоҳиятҳои адабиро дар хонандагон ташаккул медиҳад. Достони «Хайру Шар» ҳаҷман калон аст ва наметавон онро дар як соат таълим дод. Аз ин рӯ, достонро ба қисматҳо ҷудо карда ва ҳар қисматро вобаста ба муҳтавои он унвон мегузорем.

Бояд зикр кард, ки ин достони «Хайру Шар» дар маснавии «Ҳафт пайкар» бо номи «афсона» омадааст. Хонандагон ҳанӯз дар синфи 5 доир ба афсона ва чӣ гунагии он маълумот гирифтаанд. Зикри ин нукта, ки афсонаҳо бо суханони «Буд набуд…», «Гӯш кунед, эй дӯстон…» оғоз мешавад, аз аҳамият холӣ нест. Мураттибони китоби дарсӣ танҳо ба матни достон маҳдуд нашуда, байтеро пеш аз он меоваранд, ки ҳамин хусусияти афсонаро таъкид мекунад. Дар «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ин афсонаро барои Баҳроми Гӯр духтари подшоҳи иқлими шашум – шоҳдухтари Чин нақл мекунад:

Бонуи Чин аз чеҳра чин бикшод,

В-аз рутаб ҷӯйи ангубин бикшод [85,48]

Ҳамин байти боло, ки достонро оғоз бахшидааст, таҳлили он хонандагонро ба чандин салоҳият ноил мегардонад: аввалан, салоҳияти баҳо додан ба матни бадеӣ; сонияи, салоҳияти ташхиси ҳунари шоир ва салоҳияти шинохти зебоӣ ва монанди онҳо. Аз он ҷо, ки хонандагон аз муҳтавои маснавии «Ҳафт пайкар» огоҳ нестанд, омӯзгор дар бораи он худ маълумоти муқаддимавӣ медиҳад ва пайванди достони «Хайру Шар»-ро бо асли маснавии мазкур баён мекунад.

Байти боло хеле ҳунармандона суруда шуда, қариб тамоми калимаву ибораҳо истиоравиянд. Хонандагон бо санъати бадеии истиора ошноянд, гиреҳро омӯзгор мекушояд ва маънои истиоравии калимаҳоро шогирдон меёбанд: **Бонуи Чин**: киноя аз шоҳдухтари Чин (мамлакати Хитой) аст; **чин:** гиреҳ, оҷинги (ожанг) пешонӣ. Чин (Хитой) ва чин(гиреҳи пешонӣ) санъати таҷнис ҳастанд. Агар ин санъат қаблан омӯхта нашуда бошад, муаллим бояд шарҳ диҳад: Калимаҳое, ки як хел навишта шуда, аммо маънои гуногун доранд, санъати таҷнис ё худ ҷинос меноманд. **Рутаб:** хурмо, истиора аз лаб; **ангубин**: асал, истиора аз сухан; **ҷӯйи ангубин**: истиора аз суханони бонуи Чин, ки достони «Хайру Шар»-ро нақл мекунад. Баҳроми Гӯр рӯзи панҷшанбе ба гунбади сандалӣ нишаст ва аз шоҳдухтари иқлими шашум (шоҳдухтари мамлакати Чин) хост, ки бо нақли афсонае, хотири ӯро шод карданад ва мазмуни байти

боло: «Шоҳдухтари мамлакати Чин чеҳраашро кушода карду ва лабони ширинаш афсонаи ширинро ба нақл кардан шуруъ кард».

Қисмати аввалро, ки шояд як соати дарсро фаро гирад, чунин унвон кардан мумкин аст:

**Дӯстро дар сафар мешиносанд**

Гуфт:– «Вақте зи шаҳри худ ду ҷавон
Сӯи шаҳре дигар шуданд равон.
Ҳар яке дар ҷуволгӯшаи хеш
Карда тартиби роҳтӯшаи хеш.
Номи ин Хайру номи он Шар буд,
Феъли ҳар як ба ном дарх(в)ар буд… [85,48]

Қироати матн навбат ба навбат, аз тарафи ду-се нафар хонандагон сурат гирад, беҳтар аст. Дар марҳалаҳои якуму дуюм ба қироати матн ба шарҳи калимоти душвор, тасвирҳои шоирона, ки шоир бо истифодаи санъатҳои бадеӣ офаридааст дигар зебоиҳои каломи шоир бахшида мешавад. Хонандагон бояд бо истифода аз китобҳои луғату фарҳангҳо калима ва ибораҳои душворро маънӣ кунанд ва дар ин кор муаллим раҳнамои онҳост: **ҷуволгӯша:** кулбор; **дарх(в)ар**: дархӯр, мувофиқ; **медуруд:** медаравид, дарав мекард; **бум**: замин; **самум**: шамоли гармсери сӯзон, боди бисёр гарму сӯзон ва зарарнок, ки бештар дар биёбонҳои регзори беобу алаф воқеъ мешавад; **харита**: халта; **ниҳуфт**: пинҳон дошт; **хайру шар**: неку бад; **ҳадис:** сухан; **гавҳари бад**: маҷозан бадтинат, киноя аз Шар; **х(в)ад**: худ; **обгина:** зарфи обгирӣ: **раҳиқи райҳонӣ**: майи софи хушбӯй; лоба: зорӣ; **оби дандон аз ҷигар мекард**: хуни ҷигар мехӯрд; **бозмонд аз кушодагӣ назараш**: аз шиддати ташнагӣ пеши чашмонаш хира шуданд; **лаъли обдор**: гавҳари қимматбаҳо, алмоси асил; **реги обдор**: киноя аз Шар, ки бо худ об дошт; **оташамро бикуш ба лахте об**: яъне аз ташнагӣ дарунам оташ гирифт, қатрае об деҳу ташнагиамро бишкан, ки мемирам; **зулоли чу нӯш**: истиора  аз об, ки барои ташна аз асал ҳам ширинтар аст; **гавҳар**: киноя аз ҷону тан; **оби ман**: обрӯи ман**; муқомирӣ**: қиморбозӣ, ҳариф дар қиморбозӣ; **басар**: бинои, қувваи босира; **хира**

**мондан**: ҳайрон мондан; **обе х(в)аш**: оби хуш; **шигифт**: худдорӣ кардан; **дашна**: ханҷар; **зан**: гумон, пиндор; **наргис**: истиора аз чашм; **чароғ:** истиора аз нури чашм; **кард ҳиммати роҳ**: ба роҳи худ рафт.

Баъд аз шарҳи калимоту ибораҳо ва таъбироти душвор, пеш аз баёни мазмуни матн бояд абёте, ки тасвирҳои шоирона доранд, диққат хонандагонро ҷалб кард. Масалан, дар матни боло чанд байт ҳастанд, ки тасвирҳои олиии шоирона доранд. Омӯзгор бояд бо иштироки фаъоли шогирдон ин тасвирҳои шоиронаро шарҳу тавзеҳ диҳад. Масалан, байти зер:

Номи ин Хайру номи он Шар буд,
Феъли ҳар як ба ном дарх(в)ар буд.

Шоири бузург вобаста ба рафтору кирдори қаҳрамонҳояш номи онҳоро интихоб кардааст ва мегӯяд, ки «Номи ин Хайр буду номи дигар Шар ва рафтори кирдорашон мувофиқи номашон буд». Ва ё байти дигар:

Гарчи дар тобу ташнагӣ месӯхт,
Лаб ба дандон зи лоба бармедӯхт.

Шоир мегӯяд, ки Хайр гарчанде аз тоби гармию ташнагӣ азоб мекашид, вале дандон ба дондон монда сабр мекарду аз Шар зорию илтиҷо намекард, ки об диҳад. Дар идомаи ҳамин байт:

Ташна дар оби ӯ назар мекард,
Оби дандоне аз ҷигар мех(в)ард,
То ба ҳадде, ки хушк шуд ҷигараш,
Бозмонд аз кушодагӣ назараш.

Хайр бо лаби ташна ба кӯзаи оби Шар нигаҳ мекарду хуни ҷигар мехӯрд ва аз ташнагӣ ҷигараш хушк шуда, пеши чашмонаш хира шуда буданд. Ҳамчунин байтҳое ҳастанд, ки санъатҳои бадеии омӯхтаи хонандагони синфи 6 ба кор рафтааст, монанди ташбеҳу истиора:

Наргисеро ба теғ гулгун кард,
Гавҳареро зи тоҷ берун кард.

Дар байти боло наргис – истиора аз чашм аст, гулгун кардан – хунолуд кардан аст. Дар мисраи дуюм шоир амали хабисонаи Шарро,ки гавҳараки чашми Хайрро аз косахонаи чашмаш берун кард, ба гавҳар, алмосе монанд кардааст, ки аз тоҷ берун мекунанд. Аслан, тоҷи подшоҳонро бо гавҳару алмос оро медоданд ва агар гавҳар, алмосро аз тоҷ берун кунӣ, қиммати тоҷ аз байн меравад. Шоир мегӯяд: Шар бо теғ гавҳараки чашми Хайрро аз косахонааш берун овард, ки дар натиҷа чашми ӯ пурхун шуд. Ҳамин як сухани одӣ чӣ тавр зебо ва шоирона баён шудааст. Омӯзгор бояд калиди шинохти ин зебоиҳои шеърро ба хонандагон диҳад ва онҳоро ба дарки зебоӣ раҳнамун созад, то салоҳияти шинохти зебоии калома манзум дар онҳо ташаккул ёбад.

Баъд аз шунидани андешаҳои хонандагон дар бораи матн омӯзгор метавонад мазмуни матнро чунин баён кунад: «Шоҳдухтари Чин бо чеҳраи кушода ва бо суханони ширин афсонаро ба Баҳроми Гӯр нақл кард: Ду ҷавон бо ҳам азми сафар карданду аз шаҳри худ қасди шаҳри дигар рафтанӣ шуданд. Номи ин ду ҷавон яке Хайр буду дигаре Шар ва номашон баёнгари аъмолу рафторашон буд. Тӯша гирифтанду ба роҳ баромаданд. Дар асnои роҳ Хайр аз тӯшаи гирифтааш истифода мебурду Шар нигоҳ медошт. Баъд ду-се рӯз ба биёбони гамии беобу алаф расиданд. Хайр гумон мекард, ки дар роҳ об аст, аммо Шар медонист, ки дар он биёбони гарм об вуҷуд надорад. Шар машки пуробро аз Хайр пинҳон медошт. Баъд аз ҳафт рӯз дар миёни биёбони сӯзон расиданд, оби Хайр тамом шуду Шар пинҳон аз ӯ об мехӯрду чизе намегуфт. Хайр медонист, ки Шар оби пинҳонӣ дораду пинҳон аз вай мехӯрад. Ҳарчанд аз ташнагӣ ранҷ мебурд, дандон ба дандон монда сабр мекарду назди Шар аз зориву илтиҷо худдорӣ менамуд. Аз ташнагӣ ҳатто ҷигараш хушк шуду пеши чашмаш тира гашт. Хайр ду гавҳари асил дошт ва онҳоро пеши Шар гузошту ба ивазашон об талабид. Шар, ки лаънати Худо бар вай бод, гуфт, ки ту маро фиреб медиҳӣ, дар биёбон гавҳарро ба ман медиҳӣ ва чун ба шаҳр расидем, бозпас мегирӣ. Ман гавҳаре мехоҳам, ки аз ман гирифта натавонӣ. Хайр пурсид:

-Он чӣ гавҳар аст, то бар ту бидиҳам?

Шар гуфт: - Он ду гавҳари биноӣ аст. Чашмҳоятро ба ман фурӯш ва агар не, фикри обхӯрӣ макун.

Хайр гуфт: - Аз Худо шарм дор, чашми ман ба ту чӣ суд дорад? Гавҳар ва дигар чизҳоямро гиру об бидеҳ, ман ваколат менависам, ки онҳоро ба ту фурӯхтам. Чашми маро ба худам бахш, бечашм обро чӣ кунам? Шар гуфт: Ин ҳама баҳона аст, об мехоҳӣ чашмонатро бидеҳ, гавҳари ту суд надорад. Хайр ҳайрон бимонд, ки чӣ кор кунад, чун аз ташнагӣ ба мурдан расида буд, розӣ шуд, ки Шар чашмҳояшро ба ивази об биканад. Дар дил уммед дошт, ки Шар ба ӯ раҳм мекунаду чашмашро намегирад. Аммо Шар ҳеч андешаи дӯстӣ накард, теғ баркашиду чашмони Хайрро барканд ва об надоду гавҳару ҷомаи Хайрро гирифту ба роҳаш рафт. Хайр ҳам аз дида маҳрум шуд ва ҳам гавҳару ҷомаашро аз даст дод, ба ивази ин ҳама ҳатто қатраи обе ба даст наовард. Шар рафту ҳама бурд ва Хайр бедидаву бетӯша ташнаву зор дар биёбон танҳо монд.

Дарси дуюм чун қисматҳои аввал бо қироати матн шуруъ мешавад. Ин қисмати достонро вобаста ба муҳтавои он Х. Раҳимзода «Духтари мушфиқ» унвон гузоштааст, ки хеле муносиб аст:

**Духтари мушфиқ**

Буд курде зи меҳтарони бузург,
Галлае дошт дур аз офати гург...
Курдро буд духтаре баҷамол,
Луъбате туркчашму ҳиндухол.
Сарве об аз раги ҷигар х(в)арда,
Нозанине ба ноз парварда...[85,53]

Шарҳи калимот ва таъбиру ибороти ноошно марҳалаи дувуми МБ аст, ки бо иштироки фаъоли хонандагон сурат мегирад: Курд: номи қавмест, ки намояндагонаш дар Эрону Ироқ ва Сурияю Туркия зиндагӣ мекунанд, забонашон аз оилаи забонҳои эронӣ буда, бо забони тоҷикӣ аз як хонаводаанд. Меҳтар: сардор; **аз қазо**: аз тақдир, иттифоқан,

тасодуфан; Луъбат: лухтак, киноя аз ҳусну зебоии духтари курд; расан: ресмон; моҳи хиргоҳӣ: киноя аз духтари курд; хонӣ: ҳавзи об; тазаррӯъ: хоҳиш, илтимос; Вайҳак: эй, вой, дареғ; В-ин чунин зинҳор бар ту кӣ хӯрд: Чунин зулмро ба тӯ кӣ раво дид?; турфа - аҷоиб, ғалатӣ; оби ҳаёт: оби зиндагӣ; пиҳ: чарбу; сари мардумӣ: одамгарӣ, мурруват; сафро шикастан: гуруснагиро рафъ кардан; ҷазъро суфтан: сангро сӯрох кардан; судан: майда, хока кардан; рахна: маҷозан, ҷароҳат, захм; обхӯр: чашма; саръ: бемории асаб, нӯшдору: доруи шифобахш; дурд: таҳшин; тилоя: марҳам, дору; биайнеҳ: айнан; сарв: истиора аз духтари курд, ки қомати баланди зебо дорад; дурҷ: сандуқчаи ҷавоҳирот, киноя аз чашм; озода: дорои сифатҳои хуби инсонӣ; лутфрасонӣ: меҳрубонӣ, ғамхорӣ; дилбанд: он ки дил мебарад, истиора аз духтар.

Баъд аз шарҳи калимаҳои душвор хонандагон мазмуни матнро нақл мекунанд. Аз он сабаб, ки матн дароз аст, омӯзгор метавонад худ ба таври мухтасар мазмуни матнро баён мекунад: Дар он биёбоне, ки Хайри ташнаву бечашм дар ҳолати марг буд, яке аз сарварони қабилаи курдҳо хонаву манзил ва галаҳои зиёде дошт. Курд барои пайдо кардани алаф чорворо дар ҳар сӯйи биёбон мечаронд, чун алаф тамом мешуд, ҷойи дигар мерафт. Курд духтари соҳибҷамоле дошт ва иттифоқан ду рӯз баъд аз он ки Шар чашмони Хайрро канду об надода рафт, ин духтар барои об рафта буд. Вақте аз ҳавз об гирифта бармегашт, ногоҳ нолае шунид ва дид, ки ҷавоне дар хоку хун ҷӯлида нола мекунад. Духтар назди ҷавон рафту ба ҳайрат пурсид, ки кӣ ин ситамро бар ту раво дид? Хайр гуфт: Эй фариштаи осмон, агар шоҳзодаи ва ё фариштаӣ, саргузашти ман дароз аст. Ташнаам, агар об дорӣ, наҷотам деҳ вагарна аз ташнагӣ мемурам. Духтар ба Хайр об дод ва ӯ чӣ қадар ки метавонист, об нӯшиду ҷони тоза ёфт ва Худоро шукр гуфт. Духтар бо гирифтани номи Худо чашми кандаи ҷавонро ба ҷояш ниҳоду бо чарбу бубаст ва дасти ӯро гирифту роҳи хонаро пеш гирифт. Дар роҳ Хайрро ба дасти хидматгор супурд, то беозор ӯро ба манзил расонад. Духтар ба назди модараш рафту ҳодисаро нақл кард. Модараш гуфт, ки ҷаро ӯро ҳамроҳ

наовардӣ? Духтар гуфт, ки ҳоло чокар ӯро мерасонад. Модару духтар Хайрро хӯрок доданду хобонданд. Курд ба хона омад, то гуруснагиашро рафъ кунад, ҷавони хастаро диду пурсид, ки ин кисту кӣ ӯро чунин озор додаст? Моҷароро ба курд баён карданд. Курд гуфт, ки дарахти баланде ҳаст, ки агар барги ӯро кӯфта ба чашм бибандӣ, нури чашмро боз мегардонад. Ҳамчунин нишони он дарахтро баён карда, гуфт, ки барги ин дарахи ҳатто бемории саръро ҳам шифо мебахшад. Духтар чун аз падараш хосияти ин дарахтро шунид, бо илтиҷо хоҳиш кард, ки барги он дарахтро биёварад. Курд ба суроғи дарахт рафту чанд барг аз он овард ва духтараш онро кӯфту софӣ кард. Чун поку соф гардид, оби онро ба дидаи бемори ҷавон чаконду марҳам баст. Панҷ рӯз марҳам ба дидаи Хайр баста монд ва рӯзи панҷум онро кушоданд. Чашми Хайр пештара барқарор шуд. Хайр чун нийяти хайр дошт, аз дард раҳои ёфту Худоро ситоиш намуд ва аз аҳли хонаи курд миннатдорӣ кард. Занони хона, ки ӯро тандуруст диданд, шод шуданду рӯяшонро пӯшонданд. Духтари курд ба Хайр хеле меҳрубонӣ кард ва пинҳонӣ ба ӯ дил баста буд. Хайр, ҳарчанд рӯйи духтарро надида буд, вале аз меҳрубониҳову сухани ширини духтари курд ошиқи вай гашта буд.

Дар ин қисмати матни достон низ шоир тасвирҳои шоиронае дорад, ки кушодани онҳо салоҳияти зебописандии хонандагонро ташаккул медиҳад. Омӯзгор бояд ҳамон пораҳои достонро бо хонандагон дар миён гузораду таҳлил намояд. Аз ҷумла:

Соқии нӯшлаб, калиди наҷот
Додаш обе ба лутфи Оби Ҳаёт.

**Соқии нӯшлаб** истиора аз духтари курд аст ва калиди наҷот бо истиора обест, ки духтар дар айни ташнагӣ ба Хайр дода буд. Саволу ҷавоб муаллим бо хонандагон доир ба ин байт дар шинохти зебоии шеър мадад мерасонад. Омӯзгор метавонад чунин савол гузорад:

-Чаро шоир духтари курдро соқии нӯшлаб гуфтааст?

Хонандагон, ки маънии соқиро аз луғат меёбанд, тахминан чунин ҷавоб медиҳанд: Барои он кӣ обдиҳандаро соқӣ мегӯянд.

- Чаро шоир духтарро сифати нӯшлаб додаст?

Зебоӣ ва ширинсухании духтари курд боис шуда, ки шоир ӯро сифати «нӯшлаб», яъне ширинлаб бидиҳад. Хонандагон аз луғат маънии «оби ҳаёт» меёбанд ва мефаҳманд, ки оби ҳаёт чунин обест, ки агар касе нӯшад, умри ҷовидонӣ меёбад. Омӯзгор савол мегузорад:

-Чаро шоир обе, ки духтар ба Хайр дода буд, ба оби ҳаёт монанд кардааст?

Хонандагон мумкин аст чунин ҷавоб диҳанд:

- Воқеан, он обе, ки духтар ба Хайр дод, монанди оби ҳаёт ҷавони аз ташнагию бемадорӣ ба мурдан расидаро дубора зиндагӣ бахшид.

Ҳамин гуна саволу ҷавоб ва кушодани санъатҳои бадеиро омӯзгор метавонад дар бандҳои дигар достон идома диҳад. Ин суолу ҷавобҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон ҳам сюжети достонро ба дурустӣ фаҳманд ва ҳам зебоиҳои тавсирҳои шоиронаи достонро дарк кунанд. Намунаи дигар, ки омӯзгор метавонад ҳамроҳи хонандагон дар атрофии он баҳс кунанд:

Чун ду наргис кушод сарви баланд,
Дурҷи гавҳар кушода гашт зи банд.
Меҳрбонтар шуд он паризода,
Бар ҷамоли ҷавони озода.

Дар абёти боло ҳар мисраъ таъбиру истиорае дар худ дорад, ки кушодани онҳо эҳсоси зебопарастии шогирдонро равнақ медиҳанд ва онҳо ба салоҳияти ташхиси асари ҳунарӣ ноил мегарданд. Масалан, дар мисраи аввал «ду наргис» истиора аз ду чашм ва «сарви баланд» ин ҷо киноя аз Хайр аст, яъне вақте Хайр ду чашмашро кушод. «Дурҷи гавҳар» низ истиора аз чашмони Хайранд. «Паризода» истиора аз духтари курд ва «ҷавони озода» киноя аз Хайр аст. Маънии ду байти боло чунин аст: Вақте  Хайр- он ҷавони зебои қадбаланд чашмонаш, ки монанди гавҳари қимматбаҳо зебо буданд, кушод, духтари зебои курд, ки монанди парӣ зебо буд, ба ҷамоли зебои ин ҷавони боадаб ошиқ шуд.

Идомаи достони «Хайру Шар» дар дарси дигар таълим дода мешавад. Қисмати охирри достонро «Мукофоти амал» унвон мондан мумкин аст:

**Мукофоти амал**

Хайр бо курди пир ҳар саҳаре

Бастӣ аз роҳи чокарӣ камаре...

Чун аз ӯ ёфт он таносонӣ,

Ба таваллои худ азизаш кард,

Ҳокими хонумону чизаш кард.

Хайр чун шуд ба хона-дар густох… [85,58 ]

Аз он сабаб, ки матни достон хеле калон аст, муаллифони китоби дарсӣ баъзе қисматҳои онро ҳазф кардаанд. Аз ҷумла табобат кардани Хайр духтари шоҳро аз касали саръ ва духтари вазирро аз беморииии обила дар китоби дарсӣ наомадааст. Воқеан, достонро барои хонандагони синфи 6 метавон ба таври хулоса пешниҳод кард, аммо набояд ба мазмуни достон халал ворид намуд. Мо аз сарчашмаи асл, аз «Куллиёт»-и Низомии Ганҷавӣ достонро гирифтем ва бидуни он ки дар раванди сюжети достон халале ворид шавад, ҳамон қисматҳоеро берун кардем, ки ба синну соли хонандагон мувофиқ набуд. Аз ҷумла хонадор шудани Хайр бо духтари подшоҳу духтари вазир ва якбора бо  се зан зиндагӣ кардан, ки дар суннати гузашта маъмул буд, аммо мувофиқи замони мо нест. Қисмати охири достон нисбат ба қисматҳои аввал калонтар аст. Хонандагон, ки аз раванди воқеаҳои достон хеле мутаассир шудаанд, барои фаҳмидани оқибати кори Хайру Шар қисмати охирро  башавқ мутолиа мекунанд.

Ин қисматро омӯзгор низ бо қироати саҳеҳи матн ва шарҳи калимаҳову ибораҳои душвор марҳилаи аввал мегузаронад. Марҳилаи дувум, яъне баҳодиҳӣ ба матн бо баррасии тасвирҳои шоирона ва баёни мазмун хотима меёбад. Калимоту таъбироти душвор ва мазмуни матнро хонандагон худ меёбанду баён мекунанд, зеро таҷрибаи кофӣ андӯхтанд. Тибқи нақша бояд хонандагон ҳар як образи достон, монанди Хайр,

Шар, пирмарди курд ва духтари курдро ҷудогона баррасӣ кунанду баҳо диҳанд.

Натиҷагирӣ аз достон, таъйини ғояи асосии он, забон ва сабку услуби шоир, тағйири матн ва пешниҳоди матни худ ба марҳалаи сеюму чаҳорум дохил мешаванд. Шогирдон бояд дар марҳалаи чаҳорум бо такя ба достон ва андешаҳои худ эссе нависанд. Имкон дорад дар марҳалаи чаҳорум бо такя ба мушоҳидаҳои худ хонандагон достони Хайру Шарро дар замони муосир тасвир кунанд. Ин ҳама имкон медиҳад, ки хонандагон ба салоҳиятҳои дар оғози мавзуъ таъйиншуда ноил гарданд.

Хулоса таҳқиқи ҷанбаҳои назарию методӣ ва озмоиши таълими осори манзуми ҳамосӣ дар шароити МБ дар мактабҳои таҷрибавӣ нишон дод, ки дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) на достонҳои комил, балки достону ҳикоятҳои нисбатан хурд аз маснавиҳои бузургҳаҷм монанди достони «Хайру Шар» аз маснавии «Лайлию Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, ки сюжети мустақил доранд, таълим додан мувофиқи мақсад аст. Таҷриба нишон дод, ки таълими осори манзуми ҳамосӣ вобаста ба талаботи МБТ имкон медиҳад, ки хонандагон ҳам дониш андӯзанд ва ҳам дониши гирифтаашонро дар амал татбиқ намоянд.

### 3.2. Таълими осори манзуми ҳамосӣ дар курси таърихи адабиёт вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият

Курси таърихи адабиёт (синфҳои 8-11) давраи ҳалкунанда ва пурмасъулият дар МТМУ мебошад. Маҳз дар ин давра, ки давраи сеюми омӯзиши адабиёт мебошад, хонандагони мактаб осори бадеиро ба таври комил меомӯзанд. Дар баробари омӯзиши ҷанбаҳои ҳунарии каломи манзум, омӯзгор бояд ба паҳлӯҳои тарбиявии он низ диққати хонандагонро ҷалб кунад, Мувофиқи гуфтаи Х.Раҳимзода: «Омӯзгорон асосан дар кори тарбия чунин анъанаҳоро ба монади эҳтиром ба калонсолон, ҳурмати падару модар, тарбияи меҳнатдӯстӣ дар оилаҳои

тоҷик истифода мебаранд. Дар бисёр мавридҳо ин корро омӯзгорони адабиёти тоҷик зимни омӯзиши эҷодиёти намояндагони адабиёти классикии форсу тоҷик, ба монанди  Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Хисрав ва дигарон анҷом медиҳанд» [72,73]. Бояд зикр кард, ки омӯзиши асарҳои ҳамосӣ дар барномаи мактаб нақши асосӣ дорад ва анқариб ними асрҳои пешниҳодшуда дар барнома ба ҷинси ҳамосӣ тааллуқ доранд. Асарҳои манзуми ҳамосӣ низ дар барнома ҷойгоҳи махсус доранд, ки аз синфи панҷум то ёздаҳум идома меёбад. Дар курси таърихи адабиёт таълими осори манзуми ҳамосӣ аз синфи 8 шурӯъ мешавад. «Корномаи Ардашери Бобакон»-у «Ёдгори Зарирон»-и адабиёти аҳди бостон низ дар асл манзум буда, ки нусхаи асли онҳо аз байн рафтааст. Дар қисмати адабиёти классикӣ достонҳои интихобшуда аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Гаршоспнома»-и Асадии Тӯсӣ, достонҳои «Хамса»-и Низомӣ, «Дувалронӣ ва Хизрхон»-и Амир Хусрав, «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ғайра аз ҷумлаи осори манзуми ҳамосист, ки дар барнома пешниҳод шудаанд. Аз адабиёти давраи нав «Ғалабаи Таня»-и Аблқосим Лоҳутӣ, «Ҳасани аробакаш» ва «Писари Ватан»-и М. Турсунзода, «Ливои зафар», «Панҷи ноором», «Қишлоқи тиллоӣ», «Ленин дар Помир» ва «Исёни хирад»-и М. Миршакар, «Суруши Сталинград»-и М. Қаноат аз ҷумлаи осори манзуми ҳамосианд, ки таълими онҳо дар барномаи мактаб пешниҳод шудааст. Ин ҷо ба тариқи намуна «Достони Рустаму Суҳроб»-ро дар асоси  озмоиши дар синфи 8 Литсейи «Раҳнамо» вобаста ба талаботи МБТ  гузаронида ва таҳқиқе, ки дар мавриди усули таълими осори манзуми ҳамосӣ дар курси таърихи адабиёт анҷом додем, натиҷаи онро меоварем.

Мураттибони барнома барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ дар синфи 8 ҳашт соат муқаррар кардаанд. Аз ҷумла дар мавриди таҳлили «Достони Рустаму Сӯҳроб» навиштаанд: «Таҳлили «Достони Рустаму Сӯҳроб», мазмуни достон: оғози достон, ҷавонии Суҳроб, ҷангномаи Суҳроб, марги Суҳроб ва сӯги мотами ӯ, ғоя ва

мақсади эҷодии Фирдавсӣ дар ин достон»[16,41]. Таҷриба нишон дод, ки ҳангоми таълими «Достони Рустаму Сӯҳроб» вобаста ба талаботи МБ дар курси таърихи адабиёт бояд омӯзгор чанд масъаларо зери назар дошта бошад: аввалан, хонандагонро бояд пешакӣ огоҳ созад, ки матни достонро мустақилона бихонанд. Сониян, филми «Рустаму Сӯҳроб»-ро тамошо кунанд. Худи омӯзгор метавонад тамошои филми мазкурро дар мактаб ташкил кунад. Ҳамчунин, қаблан бояд муайян намояд, ки дар ин дарс кадом салоҳиятҳоро ташаккул дода мумкин аст. Ташаккукли салоҳиятҳо доир ба мавзуи «Достони Рустаму Сӯҳроб» ба тариқи зер ба нақша гирифта шуд:

| **Мавзуъ: “Достони Рустаму Сӯҳроб”** | | |
|---|---|---|
| **Табақамандии мавзуъҳо** | **Салоҳияти адабӣ** | **Зарурат** |
| Муҳтавои “Достони Рустаму Суҳроб” | Салоҳияти баёни сужети достон, риояи тартиби воқеаҳо ҳангоми нақл; салоҳияти муқоисаи ҳодиса ва тафсири таъсири онҳо ба одамон; салоҳияти ташхиси амали нек аз рафтори бад. | Таҳлили ҳодисаҳо ва рафтори одамон, муқоисаи некую бадӣ, ташхиси рафтори нек ва амали бади инсонҳо. Донистани он ки ҳар амалеро подошест: неки кардӣ некӣ мебинӣ, бадӣ кардаӣ, бадӣ хоҳӣ дид. |
| Таҳлили образҳои асосии достон | Салоҳияти таҳлили образҳои бадеӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳақиқати зиндагӣ; Салоҳияти баҳодиҳӣ ба амалу кирдори одамҳо бо такя ба асари бадеӣ. | Таҳлили амалу рафтори худ дар ҷомеа ва таҷриба гирифтан аз асари бадеӣ дар муқоиса ба зиндагии худ, бардошт ва хулосабарорӣ; муайян кардани мавқеи худ дар зиндагӣ бо ҷомеа. |
| Ғояи асосии достон, мақсади шоир аз ин достон | Салоҳияти таъйини ғояи асосии асари бадеӣ; бошуурона истифода намудани калимаҳои хоси адабиёти классикӣ ва овардани шоҳидҳои шеърӣ ҳангоми баёни фикр; Салоҳияти корбурди зарбулмасалу мақол дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ; | Ҳангоми баёни андеша дар ҷашнҳо, конференсияҳо, мубоҳисаҳо ва ғайра Ташаккули фикрронии мантиқӣ; Ташаккули мустақилият ва худбоварӣ дар шинохт ва арзишдоварӣ ба ҳодисаҳои зиндагӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | Салоҳияти бо далел собит кардани андешаи худ доир ба масъалаҳои гуногун | |
| Забону услуби достон | Салоҳияти шарҳу тафсири асари бадеӣ;<br>Салоҳияти дарк ва баҳодиҳӣ ба достон ва таъйини ҳунари суханвар. | Муқоисаву таҳлил ва доварӣ ба ҳодисаҳо дар зиндагӣ, корбурди сухани боҳикмат ва бамавқеъ истифода кардани онҳо дар сухарониҳо ва ҳангоми муоширát бо одамон |
| Тасвирҳои шоирона ва таъйини ҳунари шоир | Салоҳияти баҳодиҳӣ ба асари бадеӣ, салоҳияти дарки ҳунари шоирӣ; ташхиси зебоии сухан ва зебоии ҳунари шоирона | Муқоисаи неку бад дар зиндагӣ; ташхиси ҳунари олӣ аз сухани маъмулии манзум; дарки ҳунар ва зебоӣ ва корбасти он дар зиндагӣ |

Пеш аз оғози дарс бо назардошти он ки хонандагон бо мазмуну мундариҷаи “Достони Рустаму Сӯҳроб” огоҳанд, дарсро бо чунин саволҳо оғоз намудем:

1. Кадом достони “Шоҳнома”-ро дар синфи поёнӣ хонда будед?

2. Шумо “Достони Рустаму Сӯҳроб”-ро хондед ва филми “Рустаму Сухроб”-ро тамошо кардед, чӣ фарқ байни достон ва филм аст?

2.Кадом қисмати достон ба шумо писанд омад?

3. Чаро Ковусу Афросиёб кӯшиш карданд, ки падару писар якдигарро нашиносанд?

4. Оё имкон дошт, ки падару писар якдигарро бишносанд, пеш аз он ки ҷанг кунанд?

5.Оё рафтори Гурдофаридро меписандед?

6. Чаро Гурдофарид Сӯҳробро фиреб дод?

Озмоиш нишон дод, ки ин саволҳо хонандагонро аз шунаванда ба гӯянда табдил медиҳанд ва иштироки фаъоли онҳоро дар дарс таъмин менамоянд. Ҳар як хонанда, ки достонро хондаасту филмро тамошо кардааст, саъй менамояд ба саволҳо ҷавоб гӯяд ва андешаи худро баён созад, ки яке аз талаботи МБТ аст. Таҷриба нишон дод, ки омӯзгор

набояд ба нақли достон маҳдуд гардад, бояд достон дар синф ба таври комил таҳлил гардад. Дар синфи назоратӣ мушоҳида намудем, ки омӯзгор бо такя ба “Достонҳои “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ”, ки Сотим Улуғзода ба наср гардонидаанд, мазмуни достонро нақл карду бо он қонеъ шуд. Ин китобро низ омӯзгор метавонад барои хондан тавсия диҳад, аммо дар синф достон аз сарчашмаи асл, аз “Шоҳнома” бояд таълим дода шавад. “Достони Рустаму Сӯҳроб”-ро профессор Ш.Р. Исрофилниё ҳамроҳ бо “Дебоча”-и “Шоҳнома” шарҳ дода, ки истифодаи он мувофиқи мақсад аст, зеро маҳз барои хонандагони МТМУ таълиф шудааст. Ҳамчунин дар ин китоб маълумоти арзишманде дар бораи Фирдавсию “Шоҳнома”-и ӯ дода шудааст, ки омӯзгор метавонад онро дар суҳбати муқаддимавӣ барои хонандагон баён кунад. Аз 8 соате, ки дар барнома барои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абулқосим Фирдавсӣ тавсия шудааст, 3 соати онро барои таълими “Достони Рустаму Суҳроб” ҷудо кардан мувофиқи мақсад аст. Дар дарси аввал матни “Оғози достон” то “Гуфтор андар нома навиштани Гаждаҳам ба наздики Ковус” таълим дода шуд.

Марҳалаи аввал бо қироати матни достон шуруъ шуд. Роҳи беҳтари қироат ва таҳлили достон вобаста ба қисматҳост, ки шоир ба ҳар яки онҳо унвон гузоштааст. Яъне ҳар як фасли достон бояд ҷудогона қироат ва шарҳ ёбад. Пеш аз “Оғози достон” Абулқосим Фирдавӣ ҳашт байт дар мавриди ғоя ва муҳтавои асосии “Достони Рустаму Сӯҳроб” меоварад, ки муҳаққиқон онро санъати бароати истиҳлол номидаанд, зеро шоири бузург дар ин абёт ба ғоя ва муҳтавои достонро ба таври муъҷазу ихчам ишора мекунад. Абдунабӣ Satторзода дар китоби “Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ дар бораи ин санъати бадеӣ менависад: «Бароати истиҳлол дар луғат аз наздикон даргузаштан ба фазлу фасоҳат ба ҷуз он; дидани моҳи нав ва навиди пайдо шудани он буда, дар истилоҳ он аст, ки аз муносибати ибтидои сухан бо мақсади гӯянда дарак медиҳад»[76, 148]. Матни комили достон ҳатмам бояд дастраси хонандагон бошад. Мо аз овардани матни достон ин ҷо сарфи

назар мекунем. Аз ҳар фасли достон ҳамон байтҳоеро меоварем, ки бояд омӯзгор бо иштироки фаъоли хонандагон перомуни он баҳс ороyад. Масалан, дар қадами аввал аз он ҳашт байт эпиграфи достон абёти зеринро таҳлил намудем:

Агар тундбоде барояд зи кунҷ,
Ба хок афканад норасида турунҷ.
Ситамкора хонемаш, ар додгар?!
Ҳунарманд гӯемаш, ар беҳунар?!
Агар марг дод аст, бедод чист?!
Зи дод ин ҳама бонгу фарёд чист?!
Аз ин роз ҷони ту огоҳ нест!
Бад-ин парда-андар туро роҳ нест! [31,23]

Дар абёти боло қариб аксари калимаҳои калидӣ маънои амиқе доранд ва шоир бо воситаи онҳо ба муҳтавои достон ишора мекунад. Тибқи талаботи МБТ хонандагон бояд бо роҳнамоии муаллим калима ва таркиботи душвори матнро маъни дод кунанд. Китоби «Шарҳи «Дебоча» ва Достони Рӯстаму Сӯҳроб» дар дасти хонандагон мавҷуд ааст, ки корро хеле осон кард, зеро дар он тамоми калимаву ибораҳо душвор шарҳ шудаанд. Аммо дар ин китоб шарҳи калимаҳо мухтасаранд, омӯзгор бояд бо такя ба ин китоб ҳар яки ин калимоти калидиро шарҳу тавзеҳи бештар диҳад: **«Тундбод:** дар луғат ба маънии тӯфон, гирдбод аст, аммо ин ҷо киноя аз ҳодисаи бад, марги ногаҳонӣ мебошад ва ба марги фоҷеангези Суҳроб ишора мешавад. **Турунҷ**: дар луғат мевае аз ҷинси лиму, афлесун, ки бисёр хушбӯ ва обдор аст, норасида турунҷ: турунҷи нопухта, хом дар назар аст, аммо дар ин байт киноя аз ҷавони ноболиғ, ба балоғат нарасида мебошад. Мақсади шоири бузург аз «норасида турунҷ» Суҳроб аст, ки дар айни ҷавонӣ аз дасти падар кушта мешавад. **Ситамкора**: ситамкунанда, мардумозор. **Додгар**: одил, адолатпеша. **Дод**: адолат, адл. **Бонг:** садои баланд, фарёд. **Роз:** сир, матлаби пӯшида, ин ҷо мурод асрори илоҳӣ, рози марг аст. **Ҷон**: руҳ, дар ин ҷо ба маънии нафси инсонӣ аст. **Парда:** ҳиҷоб**,** ин ҷо рози ниҳон ва асрори марг дар назар аст»[31, 22].

Хонандагони синфи 8 таҷрибаи кор бо луғатро ҳанӯз аз синфҳои поёнӣ омӯхта буданд, бояд маънии калимаҳои душвори матнро пайдо кунанд. Илова бар ин, тибқи талаботи МБ, хонандагон дар курси таърихи адабиёт танҳо ба китоби дарсӣ маҳдуд нашуда, истифода аз сарчашмаҳо, китобҳои таълимию дастурӣ, луғату фарҳангҳо, сайтҳои интернетӣ ва ғайраро бояд донанд. Омӯзгор бояд пеш аз дарс ин ҳама маводи таълимӣ ва аёниятҳоро омода созад. Достонҳои манзуми ҳамосиро на байт ба байт, балки порчаҳои алоҳидаро вобаста ба рафти воқеа шарҳ медиҳанд. Дар шарҳи маънии абёти боло низ бояд хонандагон фаъол бошанд. Омӯзгор баъд аз шарҳи калимаҳову таъбироти душвор аввал, андешаҳои хонандагонро мешунавад ва баъд аз он ҷамъбаст мекунад.

Қисмати «Оғози достон» аз 22 байт иборат аст, ки яке аз хонандагон онро қироат кард. Дар ин қисмат калимаҳои калидие ҳастанд, ки хонандагон бо истифодаи луғату фарҳангҳо онҳоро маънидод мекунанд ва омӯзгор бояд ҳар як калимаҳои калидиро шарҳу эзоҳи бештаре диҳад. Масалан, баъд аз қироати матн ин калимаҳо ҳатман бояд шарҳу тавзеҳ ёбанд, зеро бе донистани маънии онҳо ба мақсади шоирро фаҳмидан аз имкон берун аст. Дар китоби Ш.Р. Исрофилниё «Шарҳи «Дебоча»-и «Шоҳнома» ва «Достони Рустаму Сӯҳроб» калимаҳои душвор ба таври фаҳмо баён шудаанд. Хонандагон бояд аз ин китоб истифода баранд, аммо набояд ба он маҳдуд шаванд. Барои он ки хонандагон матни достонро ба дурустӣ ва ҳаматарафа фаҳманд, ин калимаҳо шарҳи бештар талаб мекунанд: **Деҳқон:** аслан деҳгон аст, яъне, соҳиби деҳа, раиси деҳа; дар даврони Фирдавсӣ, ки ӯ низ деҳқоннажод буд, асилзодагони эронинажодро деҳқон мегуфтанд, дар «Шоҳнома» деҳқон ба маънии доно ва ровии таърихи Эрони бостон аст. Фирдавсӣ аз гуфтаҳои деҳқонони сухангӯ-ровиёни достонҳои куҳан асари безаволи хешро офаридааст, аммо ин ҷо мурод аз «гуфтори деҳқон» «Шоҳнома»-и Абумансурӣ дар назар аст [32, 25]. **Бостон:** қадим, кӯҳна, гузаштаи дур. Дар адабиётшиносӣ адабиёти даврони қадимро «Адабиёти бостон» мегӯянд, маслан, адабиёти пешазисломии мо бо номи «Адабиёти бостон» ёд шудааст. 3. **Мӯбад:** рӯҳонии зардуштӣ, ки шахсони донишманд буданд ва корҳои динию таълиму тадрис ба дӯши онҳо буд. Аз таърихи гузаштаи Эрони Бостон огоҳ

буданд ва дар дарбори шоҳони пеш аз ислом мақоми баланд доштанд, вазир ва мушовири шоҳ буданд. «Шоҳнома»-и Абумансурӣ аз рӯйи нақли ин мӯбадон навишта шудааст[31, 26]. **Нахчир:** шикор кардан, ҳайвони шикоршаванда, монанди оҳу, гавазн, шикоргоҳ, сози нахчир кардан, оҳанг, майли шикор кардан. Дар «Шоҳнома» тасвири шикори паҳлавонону шоҳон, алалхусус шикор кардани Рустам борҳо бо тарзҳои мухталиф тасвир шудааст. 5.**Таркаш**: тирдон. Ин ҷо тирдони камон дар назар аст, ки тахминан як метр дарозӣ дораду дар нӯгаш пайкон мегузоранд. **Гӯр:** хари ваҳшии биёбонӣ, гӯрхар, ки дар қадим онро шикор карда мехӯрданд. Рустам дар «Шоҳнома» бештар гӯр шикор мекунад. Шоҳи чаҳоруми Сосонӣ Баҳром писари Яздигурд, ки шикори гӯрро дӯст медошт, дар таърих бо номи «Баҳроми Гӯр» шуҳрат дорад. **Гурз**: амуди оҳанин, кӯпол, як навъ олоти ҷангии дастадори саркулӯла, ки монанди мехча барҷастагиҳо дорад. Дар «Шоҳнома» омада, ки гурзи Рустам аз бобояш Соми Наримон аст, ки падараш Золи Зар ба ӯ дода буд. **Каманд**: арғамчин, таноб, ки барои гирифтани сайд ва ё душман ба кор бурда мешавад. Дар «Достони Рустаму Суҳроб» каманд дар ҷанги Гурдофарид бо Суҳроб истифода шудааст. **Пилтан**: тануманд, оне, ки танаш монанди пил аст. Дар «Шоҳнома» «Пилтан» аслан лақаби Рустам аст, вале баъзан дигар паҳлавонон, монанди Исфандиёрро шоир бо лақаби Пилтан ёд кардааст. **Бобзан**: сих, сихи кабоб. **Насахт**: вазн надошт, аз масдари сахтан: вазн доштан аст. «Устод Рӯдакӣ низ ин вожаро ба кор бурдааст: Ҳамехариду ҳаме сахт бешумор дирам...». Яъне, наррагӯр, ки ба он дарахт кашида шуда буд, дар дасти ӯ вазни як пари мурғро ҳам надошт» [31, 25]. **Бора:** асп ва дигар ҳайвон, ки савор мешаванду бор мебаранд. **Борагӣ:** саворӣ. **Тираравон:** сиёҳдил, ин ҷо ба маънии хиҷил, шармсор, шарманда ба кор рафтааст. **Тарг:** кулоҳи ҷангӣ. **Бабри баён:** либоси ҷангии Рустам, ки аз пӯсти бабр сохта шудааст. **Гурд:** паҳлавон, далер. **Якборагӣ:** ба куллӣ, тамоман [31,25].

Пас аз шарҳи калимаҳои душвор хонандагон ба таҳлили сужети достон мегузаранд, ки марҳалаи дуюми МБТ аст. Таълими сужети достон дар МБТ талаботи ба худ хос дорад. Аз ҷумла, бояд хонандагон дар нақли сужети достон фаъол бошанд. Омӯзгор бояд раҳнамову довар бошад ва вақте ки хонандагон ба иштибоҳ роҳ медиҳанд, дахолат мекунад. Тибқи нақшаи ташаккули салоҳиятҳо, дар баёни сужети достон пайдарҳамӣ, алоқамандии

воқеаву ҳодисаҳо, баёни мантиқӣ ва муассирии хониш бояд риоят шавад. Сухани нақлкунандаи сужети достон бояд кӯтоҳу саҳеҳ ва пуртаъсир бошад, то шавқи шунавандагонро барои донистани он бедор созад. Дар низоми анъанавӣ нақли сужети достон бо истифода аз методи суҳбат шеваи санҷидашуда ва писандидаву самаранок шуморида мешавад. Дар усули суҳбат фаъолияти хонандагон бештар мегардад ва ҳар хонанда саъй мекунад, ки дар раванди баёни мазмуни достон бештар саҳм гузорад. Методи суҳбат ва ҳамчун ин усули саволу ҷавоб ҳамон вақт натиҷа медиҳанд, ки хонандагон достонро пурра хонда бошанд.

Чӣ хеле ки мушоҳида мешавад, дар МБТ ҳар як байти достон дар мадди назар аст ва дар шарҳи калимоту таъбирот ва маънии байт хонандагон фаъолона ширкат меварзанд. Аз ин рӯ дар МБ истифода методи суҳбат ва саволу ҷавоб ҳангоми баёни сюжети достон самараи беҳтар дода метавонад. Таъсири ҷанбаи тарбиявии достон зиёдтар шуда, дар ниҳоди онҳо ҷуръатнокии ахлоқӣ ва далерию ҷасурӣ инкишоф меёбад. Дар баробари ин, бисёр муҳим аст, ки хонандагон на танҳо дар ин ё он лаҳзаи муайян, балки дар оянда низ дар интихоби дурусти рафторҳои ахлоқӣ ҷуръатнокӣ содир карда тавонанд. Махсусан, “дар натиҷаи ягонагии тарафайни ин қисматҳо мактаббачагон рафторҳои намунавии ахлоқро аз худ намуда, дар ниҳоди онҳо талаботи тибқи ҳамин гуна намунаҳо рафтор намудан ба вуҷуд меояд” [Ф.Гулмадов]. Яке аз талаботи МБТ ташаккул додани салоҳияти мустақилона баён кардани андеша ва инкишофи нутқи хонандагон аст. Методи суҳбат ва саволу ҷавоб дар ин масъала нақши муҳим дошта метавонад. Мутахассисон бар он андешаанд, ки дар раванди дарс хонандагон бояд бештар дар мавзуъҳои гуногун суҳбат кунанд, баҳс ороянд, саволу ҷавоб намоянд ва ин ё он масъаларо мустақилона ҳал намоянд. Нақли мазмуни достон барои ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ воситаи хеле муҳим

буда метавонад. Омӯзгор бояд назорат кунад, ки шогирдон ба забони адабӣ сухан кунанд.

Дар асоси матни «Оғози достон» аз «Достони Рустаму Сӯҳроб» қаблан чанд савол омода намудем, ки фарогири мавзуъ бошад, то фаҳмиши хонандагонро, ки достонро мустақилона омӯхтанд, пурраву комил гардонад. Яъне саволҳо ҳамон масъалаҳоеро дар бар гиранд, ки аз назари хонандагон дур мондааст. Аз ҷумла, доир ба фасли «Оғози достон» чунин саволҳоро пеш гузоштем:

1. Дар бораи Абулқосим Фирдавсӣ ва «Шоҳнома» чӣ медонед?

2. Оё «Достони Рустаму Сухроб»-ро хондаед?

3. Дар замони Фирдавсӣ киро деҳқон мегуфтанд, деҳқонҳо киҳо буданд ва чӣ нақше дар тамаддуни гузаштаи мо доштанд?

4. Мубадон киҳо буданд ва чӣ вазифа доштанд?

5. Чаро шоир мегӯяд, ки достонро аз деҳқону мубад шунидааст?

6. Силоҳҳои ҷангӣ ва шикорие, ки Рустам бо худ дорад, номбар кунед ва шарҳ диҳед, ки барои кадом амали ҷангӣ ва шикорӣ ба кор мераванд:

7. Оё калимаҳои нахчир ва нахчиргоҳ имрӯз ҳам дар забони тоҷикӣ ба кор мераванд?

8. Чаро Рустам барои ёфтани рахш сӯйи Самангон рафт?

9. Шаҳри Самангон дар куҷо ҷойгир аст?

10. Рустам аз чӣ дар андеша буд?

11. Муколамаи Рустамро бо худаш шарҳ диҳед.

Ҷавоби ин саволҳо сужети матни «Оғози достон»-ро равшан мекунанд ва зарурат намод, ки мо ин ҷо бори дигар сужетро такрор кунем. Нақли сужети матн аз тарафи хонандагон беҳтар аст. Барои дарки дурусти матн ва ташаккул додани салоҳиятҳо порчаҳоеро аз матн мавриди баҳс қарор додем, ки дар онҳо тасвирҳои шоирона хеле равшан омадаанд. Масалан, аз матни «Оғози достон» байтҳои зерро интихоб намудем:

Ба тиру камону ба гурзу каманд
Бияфканд бар дашт нахчир чанд. [31,24]

Хонандагон калимаҳои душвори байтро дар ибтидо шарҳ доданд ва маънии байт барои онҳо равшан аст, аммо бори дигар баёни маънии байт аз ҷониби хонандагон ба фоида кор аст. Омӯзгор бояд диққати хонандагонро ба зебоии байт, ки бо воситаи санъати лаффу нашр тасвир шудааст, ҷалб созад. Таълими санъатҳои бадеӣ ҳангоми таҳлили байтҳо мувофиқи мақсад аст ва хонандагон бо ин роҳ санъатҳои бадеиро хубтар дарк мекунанд. Ба таври хулоса санъати лаффу нашрро ба хонандагон фаҳмондем: «Лаффу нашр дар луғат ба маънии ҷамъ кардану паҳн намудан аст, аммо дар истилоҳи адабиётшиносӣ номи санъати маънавиест, ки шоир дар як мисраъ ё байте ду-се чизро зикр мекунад дар мисраъ ё байти дуюм он ашёро батартиб шарҳу тавзеҳ медиҳад. Гоҳе баръакс ҳам мешавад, яъне, дар мисраъ ё байти якум чанд сифат ё амал номбар шуда, дар мисраъ ё байти дуюм соҳиби ин сифат ё амалиёт зикр мешаванд» [76, 214]. Дар байти боло силоҳи ҷангии Рустам: тир, камон, гурз ва каманд чида шуда омадаанд ва дар мисраи дувум амали бо онҳо анҷомшуда баён шудааст. Яъне, Рустам бо тиру камону гурзу каманд чандин сайд афканду шикор кард. Чунин санъатро лаффу нашр мегӯянд.

Ҳамин тариқ ба таҳлили фасли дигар «Гуфтор андар омадани Рустам ба шаҳри Самангон» мегузарем. Ин фасл аз 24 байт иборат аст, баъд аз қироати саҳеҳ ва ифоданоки матн хонандагон ба шарҳи калимаҳои душвор машғул шуданд. Дар ин фасли достон калимаву ибораҳои зер бо такя ба китоби «Шарҳи «Дебоча»-и «Шоҳнома ва «Достони Руставму Сӯҳроб» шарҳу тафсир шуд: «**Гави тоҷбахш**: паҳлавоне, ки нигаҳбони тоҷу тахт аст, лақаби Рустам аст. Бояд зикр кард, ки вазифаи асосии паҳлавонон нигаҳбони марзу буми Ватан ва тахту тоҷи подшоҳон аст. Фирдавсӣ лақаби «тоҷбахш»-ро баъд аз Рустам ба паҳлавон ва шоҳзода Исфандиёр низ додааст. Аммо аслан ин лақаби Рустам аст. **Пазира шудан**: истиқбол намудан, пешвоз гирифтан: **Ёраст**: ёристан, ҷуръат кардан, яъне кӣ ҷуръат мекунад? Ин таъбир имрӯз ҳам дар баъзе шеваҳои забони тоҷикӣ маъмул аст. Масалан, мегӯянд: наёристам, яъне ҷуръат накардам. **Набард:** ҷанг. **Сутуда**: истода, устувор. Барои иҷрои фармони ту росту устувор истодаем ва дар ҳама кор дар

хидмати ту ҳастем [31, 28]. **Хоста**: пулу мол, сарвату боигарӣ. **Лагому фасор**: лаҷому афсор ва лавозимоти дигари асп. **Эдун**: агар, чунонки, ҳамчунин. **Сарон**: сарварон, бузургон, мансабдорони баландпоя. **Тундӣ:** дуруштӣ, ғазабнокӣ. **Сахун**: сухан. **Гусоранда:** резанда, шаробдор, соқӣ, он ки дар базм шароб ба ҷоми ҳозирон мерезад. **Бут**: пайкара, ки аз санг ё чӯб ё филиз ё чизи дигар ба шакли инсон ё ҳайвон битарошанд ва онро парастиш кунанд, мурод зебоӣ аст, яъне канизони зебо. **Рудсозон**: руднавозон, мутрибон. **Сипаҳбад:** сипаҳсолор, сарлашкар. **Дужам:** хашмгин, ғамгин, парешонхотир.

Дар асоси мазмуни ин қисмати достон бо иштироки хонандагон саволҳои мураттаб кардем ва сюжети фаслро баррасӣ намудем. Дар асоси мазмуни ин фасли достон  чунин саволҳо пешниҳод шуд:

1. Чаро Рустам баъд аз гум шудани рахш ба шаҳри Самангон рафт?
2. Шоҳи Самангон Рустамро чӣ тавр пешвоз гирифт?
3. Самангониён оё  Рустамро мешинохтанд ва аз шухраташ бохабар буданд?
4. Шоҳи Самангон ба Рустам чӣ ваъда дод?
5. Шоҳи Самангон ба шарафи Рустам чӣ кор кард?

Ин гуна саволҳоро метавон идома дод, то сюжети матни достон ба пуррагӣ равшан шавад ва ҳар хонанда метавонад мазмуни матнро нақл кунад. Барои бедор кардани эҳсоси зебошиносӣ ва ташаккули салоҳиятҳо адабӣ тасвирҳои шоиронаи матн баррасӣ намудем. Тибқи нақшаи дар оғоз мураттабнамуда аз матн ҳамон байтҳоеро ихтихоб намудем, ки дар онҳо ягон лаҳзаи достон ва ё қаҳрамони асосии барҷаста тасвир шудаанд. Масалан, аз матни мавриди назар  байтҳои зерро интихоб кардем:

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин Рустам аст,
Ва ё офтоби сапедадам аст? [31, 27]

Хонандагон синфи 8 дар синфҳои поёнӣ санъати ташбеҳро омӯхтаанд ва ба осонӣ муайян кардаанд, ки шоир дар ин байт Рустамро ба «офтоби сапедам» ташбеҳ намудааст. Дар байти зер маънии мисраи дувум «Зи бадҳо гумониш кӯтоҳ дид» андеша металабад:

Чу Рустам ба гуфтори ӯ бингарид,

Зи бадҳо гумониш кӯтоҳ дид. [31, 27]

Яъне, Рустам вақте суханони лутфомези шоҳи Самангонро шунид, фаҳмид, ки шоҳ қасди бад надорад. Таъйини калимаҳои қофия ва радифи байтҳои боло аз тарафи хонандагон дониши онҳоро дар ин масъала устувор мекунад: Калимаҳои қофияро дар байти якум худи хонандагон муайян намуданд: Рустам-сапедадам, радиф: аст. Давр байти дувум: бингарид - дид.

Фасли дигари достон «Гуфтор андар омадани Таҳмина- духтари шоҳи Самангон ба болини Рустам», ки аз 40 байт иборат аст, монанди қисматҳои аввал бо қироати саҳеҳи матн ва шарҳи калимоту таъбироти душвор оғоз шуд. Дар матни ин фасли достон калимаву ибора ва таъбирҳои зер шарҳу тафсир шуданд: «**Як бахра**: як ҳисса, як бахш, порае, қадре. **Шабоҳанг**: номи равшантарин ситораи осмон аст, ки онро ситораи субҳ ва ситораи Корвонкаш ҳам мегӯянд. **Нуҳуфта ба роз**: пинҳон дар роз, пичиросзанон, пичпичкунон. **Банда**: ғулом, канизак. **Шамъи муанбар**: шамъи муаттар, шамъи хушбӯй. **Маст:** ин ҷо маст киноя аз Рустам, ки баъд аз базми шаробнӯшӣ ба утоқаш баргашта буд. **Моҳрӯй**: зеборӯй, нозанин, киноя аз Таҳмина аст. **Рангу бӯй**: ороиши занона дар назар аст. **Бахра надорад зи хок**: Гумон меравад, ки он моҳрӯй инсони хокӣ набуд, балки равони ӯро аз хирад ва тани ӯро аз ҷон офарида буданд» [31,31]. Истифода аз китоби зикршуда ҳам корро осон намуд ва ҳам вақтро сарфа намуд: «**Хира монд**: ҳайрон шуд. **Ҷаҳонофаринро бихонд**: аз ҳайрати зебоии касе Худовандро ёд кардан. Яъне Рустам вақте ҳусну ҷамоли Таҳминаро дид, сахт ҳайрону шигифтзада шуд ва дар айни ҳайрат номи Худовандро ба забон ронд. **Ком**: мақсад, мурод, орзу. **Духт**: духтар. **Ҳизабру палангон**: шеру палангон, истиора аз паҳлавонони далеру шуҷоъ, яъне, ман аз нажоди паҳлавонони далер ҳастам. **Ҷуфт**: ин ҷо ба маънии ҳаммонанд, ҳамто ба кор рафтааст. **На ҳаргиз кас овоз шунидӣ маро**: каси бегонае маро надидаву овози маро нашунидааст, киноя аз наҷобату покӣ. **Ба кирдори афсона…:** достони паҳлавониҳои туро, ки монанди афсона боварнокарданист, аз ҳар касе шунидаам. **Биғнавӣ**: аз масдари ғунудан, бихобӣ. **Ба танҳо яке гӯр бирён кунӣ**: ту касе ҳастӣ, ки дар як нишастан дар сари хон як гӯрро ба танҳоӣ мехӯрӣ. **Лаб ба дандон газидан:** дар ҳайрат мондан, ҳайрон шудан. **Обишх(в)ар:** қисмат, насиб,

рӯзӣ, ҷойгоҳ, манзил, яъне, Худованд рӯзии туро дар ин шаҳр муқаррар карду туро ин ҷо овард» [31,31]. Дар матн баъзе ҷумлаҳо ба таври маҷозӣ ва ба кор бурдани зарбулмасалҳо ба кор рафтаанд, ки онҳоро бояд дар ҳамбастагӣ ба мисраъҳои матн шарҳу тавзеҳ дод: «**Набинад ҷуз ин мурғу моҳӣ маро**: Таҳмина ба Рустам мегӯяд: Акнун баъди ин ҳама, агар маро бихоҳӣ, мутааллиқ ба ту ҳастам, агар не дигар ҳеч кас маро нахоҳад дид. **Хирадро зи бахри ҳаво куштаам**:, ишқ бар ақли ман ғолиб омаду бо ҳавову ҳаваси дил назди ту омадам. **Кирдгор**: Кирдигор, Офаридгор, Худованд**. Пур:** писар. **Сипеҳраш диҳад бахри Кайвону ҳур**: шояд замона ӯро баҳраи Кайвону хуршед диҳад, яъне, шукӯҳу шаҳомате, ки дар хуршеду Кайвон аст, шояд замона ба ӯ бидиҳад, Кайвонро ниёкони мо мазҳари далерию шуҷоат медонистанд»[31, 31]. **Ба ҷой оварам**: ба ҷойи худ оварам, пайдо кунам. **Эч**: ҳеҷ. **Фарраҳӣ**: шукӯҳ, азамат, шаъну шавкат, ҷалол ва бузургӣ, фархундагӣ, хушбахтӣ. **Рой**: фикр, андеша. **Ҳамбоз**: ҳамсар. **Рухшон каманд**: киноя аз партав, нури офтоб аст. **Муҳра**: нишон ва зинате, ки ба бозу, гардан ва ё камарбанд мебанданд, қитъае аз санг ё фулузоти қиматбаҳо. **Фоли гетифурӯз**: фоли равшани оламафрӯз. **Ахтар:** ситора, ин ҷо ба маънии сарнавишт. **Боло**: қадду қомат. **Каримон**: бахшандагон, ҷавонмардон. **Натобад ба тундӣ бар ӯ офтоб**: ӯ чунон неруманд хоҳад буд, ки уқоби паронро аз абр ба замин мекашад ва хуршед тавони хашм гирифтан бар ӯро надорад [31,31]. **Бипурсидаш аз хобу оромгох**: аз Рустам пурсид, ки оё шаб ба роҳат хобида аст, ки яке аз одоби меҳмондории суннатии мардуми тоҷик аст. **Бимолид**: хору мол кардани асп пеш аз зин ниҳодан, қашав кардан.



Бояд зикр кард, ки ҳангоми таълими асари ҳамосӣ методистон баҳо додан ба қаҳрамонҳои марказӣ ва персонажҳо нақши меҳварӣ донистаанд, зеро адиб мақсад ва тамоми андешаашро бо воситаи амалиёти қаҳрамонҳои асосӣ ва қисман персонажҳо баён мекунад. Персонажҳои асосӣ ва персонажҳои лаҳзавӣ асасан барои пурра нишон додани симои қаҳрамони марказӣ истифода мешаванд. Бинобар ин, омӯзгор бояд ҳангоми таҳлили асари ҳамосӣ таҳлили ҳаматарафаи қаҳрамони асосиро дар мадди назар дошта бошад. Хонандагон бояд қаҳрамони асосиии асарро аз персонажҳои он ҷудо карда тавонанд. Омӯзгор бояд раванди дарсро чунон ба роҳ монад, ки хонандагон вазифаи асосии қаҳрамони асосиро дар баёни ғоя, идеяе, ки шоир баён карданист, дарк кунанд. Ҳангоми таҳлили образҳои достон бояд ба ташаккули салоҳияти маърифатӣ-ахлоқӣ ба назар гирифт, зеро ба қавли педагоги шаҳир К.Ушинский, «санъати тарбия хусусияте дорад, ки ҳама гумон мекунанд як амали маъмулӣ ва осон аст. Вале ҳарчанд ба назар фаҳмою осон намояд, ҳамон қадар он шахс маълумоти назариявию амалӣ надорад. Ба ҳамагон маълум аст, раванди тарбия сабру тоқати зиёд талаб дорад, лекин на ҳама медонанд, ки ба ғайр аз сабру тоқат, қобилияти модарзодӣ ва малакаи ирсӣ дониши махсус низ зарур аст» [83,324]. Ҳангоми таҳлили асари ҳамосӣ омӯзгор бояд диққат диҳад, ки хонандагон салоҳияти баҳо додан ба муносибати қаҳрамони асосии асар бо образҳои дигари асар, бо муҳит ва умуман бо ҷомеа ва монанди инҳоро ба даст оранд. Бояд амалиёт ва рафтору кирдори қаҳрамони асосӣ ҳангоми таҳлил дар мадди назари омӯзгору хонандагон бошад, зеро «танҳо дар такя ба ҷаҳонбинию инсоншиносӣ ва ҳайсияти қаҳрамони марказӣ муайян карда мешавад ва ба он образ баҳо додан мумкин мегардад» [55,73].

Дар ин фасли достон тасвирҳои олие мавҷуданд, ки таҳлили ҳаматарафаи онҳо салоҳияти фаннӣ ва эҳсоси зебошиносии хонандагонро ташаккул медиҳад. Аз ҷумла тасвири зебоии Таҳмина:

Паси банда андар яке моҳрӯй,

Чу хуршеди тобон пур аз рангу бӯй.

Ду абрӯ камону ду гесӯ каманд,

Ба боло ба кирдори сарви баланд.

Равонаш хирад буду тан ҷони пок,

Ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок…[31, 29].

Таҷриба нишон дод, ки ин тасвирро худи хонандагон шарҳ диҳанд, беҳтар аст. Истифодаи санъатҳои бадеии киноя ва ташбеҳ, ки хонандагон бо ин санъатҳо ошноянд, чеҳраи зебои Таҳминаро равшан месозад: «**Банда:** ғулом, канизак, **Моҳрӯй:** киноя аз Таҳмина аст, **рангу бӯй**: ишора ба ороишоти занона аст. Дар байти аввал Таҳмина ба хуршеди тобон монанд шуда бошад, дар байти дувум абрӯи ӯ ба камону мӯяш ба каманд ва қаддаш ба сарви баланд ташбеҳ шудааст. Аз он ҷо, ки достон ҳамосаи размист, шоири бузург асбобҳои ҷангӣ, чун камону камандро василаи ташбеҳ қарор додаст. Байти сеюм нисбатан душвор асту андеша металабад, агар хонандагон дар шарҳи он дар монданд, муаллим ба ёрии онҳо меояд. Шоир баъд аз тасвири симои Таҳмина мегӯяд: «Гумон меравад, ки он моҳрӯй инсони хокӣ набуд, балки равон (рӯҳ, ҷон)-и ӯро аз хирад ва тани ӯро аз ҷон офарида буданд» [31,31].

Ба ҳамин равиш, фаслҳои дигари достон дар дарсҳои дигар шарҳу таҳлил шуданд. Ба тариқи намуна аз достон мисолҳое меоварем, ки дар раванди дарс онҳоро бо иштироки хонандагон ҳаматарафа таҳлил намудем. Ин амал имкон дод, ки салоҳиятҳои фаннӣ ва дарки зебошиносии хонандагон ташаккул ёбад. Масалан, дар фасли «Гуфтор андар разми Сӯҳроб бо Гурдофарид» байтҳои зер аз ҷониби хонандагон ва бо ёрии омӯзгор ҳаматарафа шарҳу таҳлил шуданд:

Зане буд бар сони гурде савор,

Ҳамеша ба чанг-андарун номдор.

Кучо номи ӯ буд Гурдофарид,

Ки чун ӯ наёмад зи модар падид.

Чунон нангаш омад зи кори Ҳуҷир,

Ки шуд лолабаргаш ба кирдори қир.

Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,

Надид андар он кор ҷойи диранг.

Ниҳон кард гесӯ ба зери зireҳ,
Бизад бар сари тарги румӣ гиреҳ.
Фуруд омад аз диж ба кирдори шер,
Камар бар миён, бодпое ба зер.
Ба пеши сипоҳ андаромад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард,
Ки гурдон кадоманду ҷанговарон,
Далерону размозмуда сарон?... [31,41]

Методистон таъкид кардаанд, ки «дар муайян сохтани арзиши ғоявию бадеӣ ва тарбиявии асарҳои бадеӣ таҳлили образҳо аз воситаҳои дигари муҳим ба ҳисоб меравад. Омӯзиши образи асари бадеӣ аз масъалаҳои бунёдии таҳлили асари бадеӣ ба ҳисоб рафта, омӯзгор тавассути он метавонад бисёр масъалаҳои асарро ҳаллу фасл намояд» [55, 58]. Дар абёти боло симои зоҳирӣ ва шуҷоату далерии  яке аз образҳои асосии «Достони Рустаму Сӯҳроб» - Гурдофарид бо маҳорати баланди суханофарӣ тасвир шуда, ки ба хонандаву шунаванда таъсири амиқ мерасонад ва онҳоро сахт муассир месозад.

Агар байтҳои боло аз ҷониби хонандаи духтар қироат гардад, беҳтар аст. Таҷриба дар мактаби озмоишӣ нишон дод, ки духтарҳо ба образи Гурдофарид таваҷҷуҳи хос доранд ва худро монанди ӯ дидан мехоҳанд. Баъд аз қироати порчаи боло калимаҳои душвор ва таъбирҳои ноошно шарҳ дода шуданд: **Гурд:** ба маънии паҳлавон, далеру шуҷоъ. **Лолабарг**: барги гули лола, истиора ё худ киноя аз рӯйи сурхи Гурдофарид аст. **Қир**: сиёҳ, яъне, рӯйи сурхи Гурдофарид аз шиддати хашм сиёҳ шуда буд. **Диръ:** зireҳ, либоси ҷанг, ки аз тунука ё ҳалқаҳои оҳан тайёр мекарданд ва ҳангоми ҷанг онро мепӯшанд, то аз тиру шамшер ҳимоят кунад. **Тарги румӣ**: кулоҳи ҷангӣ, ки ҳангоми ҷанг ба сар мепӯшанд. **Бодпо**: киноя аз асп. **Вайла**: овози баланд, наъра. **Сарон**: сардорон, сарварон.

Мазмуни абёти боло, ки бо шикасти Ҳуҷир ва ба ҷанги Сухроб омадани Гурдофарид тасвир шудааст, шуҷоати зани тоҷикро барои ҳифзи марзу буми Ватан дар баробари душман нишон медиҳад. Бояд образи

Гурофарид дар дарс таҳлили амиқ ёбад. Омӯзгор баъд аз шунидани маълумоти додаи хонандагон, бо такя ба «Шоҳнома» ва асарҳои тадқиқотӣ образи Гурдофаридро равшан созад. Бояд зикр кард, ки образи Гурдофарид диққати аксари шоҳномашиносонро ба худ ҷалб кардааст: «Гурдофарид - паҳлавондухтари эронӣ, духтари марзбони Дижи сапед Гаждаҳам. Гурдофарид ҳамаҷониба мавриди тавсифу ситоиши Фирдавсӣ қарор гирифтааст. Шоири бузург аз як сӯ, ӯро дар майдони разм бо сифати «духти камандафкан», «гурди савор», «номдор» зикр мекунад, ки «чун ӯ наёмад зи модар падид». Аз сӯйи дигар, чунон ҳунармандона ба тавсифи зебоии Гурдофарид пардохта, ки бино ба нақли пажӯҳишгарон, «бегумон метавон онро аз беҳтарин тавсифоти маъшуқ дар саросари адабиёти форсӣ донист». Дар тасвири шоир, Гурдофарид дар зебоӣ ғунчаеро мемонад, ки ҳар лаҳза дар ҳоли шукуфтан аст, сарвқад, «ду чашмаш гавазну ду абру камон»… Фиреб додани Гурдофарид низ далели тезҳушу ботадбир будани ӯст, аммо ин чорагарии ӯ монанди ҳилагарии занон дар дигар достонҳо нест. Воқеан, симои Гурдофарид аз беҳтарин тасвирҳои занон дар адабиёти мост. Донишманди шаҳири рус Н.Г. Чернишевский Гурдофаридро беҳтарин симои зани мубориз дар адабиёти ҷаҳон медонад» [31, 112].

Озмоиш моро ба хулоса овард, ки бояд сужети достон дар асоси байтҳои матни асар бозгӯӣ шавад, на аз китоби дарсӣ ва ё асарҳои дигар, ки онро мазмунан овардаанд. Ин амал имкон медиҳад симои зоҳирӣ ва ботинии образҳо ба дурустӣ кушода шаванд: Духтари Гаждаҳам, дижбони Дижи сапед – Гурдофарид вақте фаҳмид, ки Ҳиҷир, паҳлавони сипоҳ аз Сӯҳроб шикаст хӯрду асир афтод, аз кори Ҳуҷир нангаш омад ва аз шиддати хашм рӯйи зебои лолартангаш сиёҳ гашт. Гурдофарид зани буд монанди паҳлавонон дар ҷанг ном бароварда буд. Бедиранг либоси ҷангӣ пӯшид ва гесувонашро дар зери зиреҳ пинҳон карду гирди кулоҳи ҷангии румӣ гиреҳ кард. Шерона ба аспи чобук савор шуду аз диж фуруд омад ва далерона ба назди сипоҳи Тӯрон омад ва бо овози раъдсонаш мубориз талаб кард.

Таҳлили набарди Гурдофарид бо Сӯҳроб аз лаҳзаҳои бисёр ҷолиби достон аст, ки омӯзгор бояд диққати хонандагонро ба он равона кунад.

Ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ дар дарки шинохти зебоии асари бадеӣ маҳз дар чунин лаҳзаҳои достон дар амал татбиқ мешавад ва ин ҳама ба маҳорати омӯзгор вобаста аст, ки раванди дарсро чӣ гуна ташкил мекунад:

Чу Суҳроби шеравжан ӯро бидид,
Бихандиду лабро ба дандон газид.
Чунин гуфт, к-омад дигарбора гӯр
Ба доми худованди шамшеру зӯр.
Бипӯшид хафтону бар сар ниҳод
Яке тарги румӣ ба кирдори бод.
Биёмад дамон пеши Гурдофарид... [31,41]

Матни боло бояд бодиққат ва ифоданок қироат гардад, то ҳар лаҳзаи набардро шунвандагон чун лентаи кино пеши назар оваранд. Хонандагон, ки филми «Достони Рустаму Сӯҳроб»-ро тамошо кардаанд, ба хубӣ матни асарро мефаҳманд. Дар баробари образи Гурдофарид образи Сӯҳроб низ дар матни боло ба тасвир омадааст, ки хонандагони симои қаҳрамони асосии достонро дар чандин лаҳза мушоҳида мекунанд. Омӯзгор бояд диққати хонандагонро ба тавсиф ва баҳои шоир ба қаҳрамонаш мутаваҷҷеҳ намояд. Калимаҳои ва таъбиру ибораҳои нофаҳмо бояд бо истифода аз фарҳангу луғатҳо такя ба матн шарҳ дода шаванд. Дар матни боло калимаҳову таъбироти зиёде ҳастанд, ки барои хонандагони синфи 8 нофаҳмоянд. Хушбахтона, истифодаи китоби Ш.Р. Исрофилниё «Шарҳи «Дебоча»-и «Шоҳнома ва «Достони Рустаму Сӯҳроб», ки аксари калимаҳои душвори достон шарҳ шудаанд, корро осон намуд. Хонандагон метавонанд аз он китоб истифода кунанд, аммо барои пурратар равшан шудани маънии калимаҳо вобаста ба матн тавзеҳи бештар мехоҳанд, то хонандагон ба асли мақсади шоир огоҳ гарданд. Аз ҷумла, **Шеравжан**: шерафкан, киноя аз паҳлавони далер, ки ҳатто шерро мағлуб мекунад. Имрӯз ҳам дар забони тоҷикӣ вақте ҷавонеро таъриф карданӣ шаванд, мегӯянд: «Бале, шер, ё офарин, шери амак». **Худованд:** ин ҷо ба маънии соҳиб, доро, «худованди шемшеру зӯр», яъне касе, ки зӯрманду паҳлавон ҳаст ва ҳам шамшерзани моҳир. **Хафтон**: як навъ либоси ҷангӣ барои муҳофизати бадан дар муқобили зарбаи силоҳ, ки даруни

онро аз абрешим, пашм ё пахта пур мекарданд. **Дамон**: шитобон, сахт ҳамлакунанда. « **Набуд мурғро пеши ӯ бар гузар:** Гурдофарид чунон аз камон тир андохт, ки ҳатто парандагони ҳаво аз тири ӯ раҳоӣ надоштанд [31,45]. **Танг андар омад**: бисёр наздик омад, яъне аспашро ба аспи Гирофарид бисёр наздик овард. **Бардамид**: баланд шудан, ин ҷо ба маънии сахт ҳамла овардан аст. Яъне, Гурофарид дид, ки Сӯҳроб монанди оташ ҳамла мекунад. **Самандаш баромад бар абри баланд**: аспи Гурдофарид ба рӯйи ду пойи худ баланд шуд. **Инону синонро пур аз тоб кард**: Гурдофарид лагоми аспро ин сӯву он сӯ метофт ва найзаро дар муқобили Сӯҳроб мечархонд. **Инон баргироиду баргошт асп**: Сӯҳроб лаҷомро печонду аспро ба сӯйи Гурдофарид гардонд. **Озаргушасп**: номи оташкадае буда дар Балх, ки Гуштосп сохта ва Искандари Мақдунӣ хароб карда ва ин оташкада пуштибони сипоҳиён будааст. Дар «Шоҳнома» Озаргушасп рамз, намоди тезиву шитоб, далерӣ ва гоҳе намоди дурахшишу равшаноӣ аст»[31, 45]. **Чу чавгон ба захм андароянд бад-ӯй**: Сухроб Гурдофаридро монанди тӯби гӯй, ки чавгон онро аз замин бармеканад, аз рӯйи зин баргирифт. Дар се байт пеш аз ин таъбир ҳамлаи шеронаи Сӯҳроб хеле олӣ тасвир шудааст. Масалан, ҳамлаи ӯ ба ҳамлаи паланг ба ҳангоми ҷанг ташбеҳ шудааст. «**Ба овард бо ӯ басанда набуд:** дар набард бо ӯ (Сухроб) баробар набуд. Яъне, Гурдофарид фаҳмид, ки дар ҷанг бо Сухроб баробарӣ карда наметавонад. **Аждаҳо**: ин ҷо киноя аз аспи Сухроб аст, ки дар тасвири шоир чун рахши Рустам бузург ва тездав аст. **Бихаммид**: хам шуд, ин калима имрӯз ҳам дар забони тоҷикӣ маъмул аст. **Сари мӯйи ӯ аз дари афсар аст**: Сӯҳроб донист, ки ҳамнабардаш духтар аст ва он ҳам духтаре, ки сараш шоистаи афсар аст. Афсар тоҷе буда, ки занони ашрофзода бар сар мегузоштаанд» [31, 46]. **Фитрок**: тасмаи чармин, ки барои бастани шикор ё чизҳои дигар аз росту чап ва ё пасу пеши зини асп меовезанд. **Машур**: шуридан, оташин шудан, ҷӯшидан, яъне, Сӯҳроб ба Гурдофарид гуфт, ки беҳуда барои халосии худ талош накун.

Раванди воқеаҳо дар матн бояд муназзам, байт ба байт баён шаванд. Ин амал имкон медиҳад, ки нутқи шифоҳии хонандагон такомул ёбад ва салоҳияти мутақолона арзёбии матни бадеӣ дар онҳо рушд кунад. Дар ин фасли достон шоири бузург симои зоҳирӣ, чеҳраи зебои Гурдофаридро дар баробари шуҷоати ӯ ба тасвир овардааст, ки таҳлили ин пораи достон

салоҳияти зебошииносии хонандагон ташаккул хоҳад дод. Ин қисмати достон бояд аз ҷониби хонандаи писар қироат шавад, беҳтар аст:

Чу рухсора бинмуд Суҳробро,
Зи хушоб бикшуд уннобро.
Яке бӯстон буд дар андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.
Ду чашмаш гавазну ду абрӯ камон,
Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.
Зи гуфтори ӯ мубтало шуд дилаш,
Барафрӯхту кунҷи бало шуд дилаш… [31,43]

Ин ҷо Гурдофарид баъд аз гирифтор шуданаш ба каманди Сӯҳроб ҳилла менамояд, то аз банд халосӣ ёбад. Дар баробари шарҳи калимаҳои душвор омӯзгор бояд диққат диҳад, то хонандагон санъатҳои бадеиро низ муайян кунанд. Озмоиш нишон дод, ки дар ин пораи достон калимаву ибораҳои зер метавонад душвор бошанд, ки хонандагон бо ёрии муаллиим ва истифода аз фарҳангу луғатҳо маънии онҳоро шарҳ медиҳанд: «**Хушоб**: киноя аз дандони дурахшони Гурдофарид. **Уннаб**: меваи сурхранг, киноя аз лабони зебои Гурофарид. Уннаб аз хушоб кушодан, киноя аз хандидан аст. **Барафрӯхту кунҷи бало шуд дилаш**: Сӯҳроб аз гуфтору рафтори Гурдофарид сурх шуд ва дил бой доду гирифтори балои ишқ гардид» [31, 46]. Дар байти аввал хушоб истиора аз дандон ва уннаб истиора аз лабҳои Гурдофарид мебошад. Шоир мегӯяд: Вакте Гурдофарид гирифтори банди Сӯҳроб шуд, дигар ошкоро бо чеҳраи хандон ба Сӯҳроб сухан гуфт. Сӯҳроб Гурдофаридро наззора кард ва дид, ки монанди бӯстон дар биҳишт зебост ва қадди баланд сарвосо дорад, ки чунин сарвро деҳқоне кишт накардааст. Ду чашмаш монанди чашми гавазн зебо ва ду абрувонаш монанди камон хамида, гумон мекунӣ ҳар лаҳза монанди гул зебо мешукуфад. Аз гуфтору рафтори духтари ҷангҷӯ Сӯҳроб дил аз даст дод ва ба сад дил ошиқ шуд.

Дар байти дуюм шоир зебоии Гурдофаридро ба бӯстоне монанд мекунад, ки дар биҳишт аст. Қадди духтарро ба сарве монанд мекунад, ки дар рӯйи замин нест ва ҳеч деҳқоне чунин сарв насабзондааст. Дар байти сеюм ду

чашми духтар ба чашми гавазд ва абрувонаш ба камон ташбеҳ шудааст ва дар маҷмӯъ шоир ӯро ба гуле монанд мекунад, ки дар айни шукуфтан аст. Дар байти чаҳорум ошиқ шудани Суҳроб ба тасвир омадааст.

Таҳлили тамоми достон суханро ба дарозо мекашад, фаслҳои дигари достонро бо иштироки хонандагон таҳлилу тафсир шуданд. Марҳилаи сеюми МБ, яъне тағйири матн ва марҳалаи чаҳорум, таҳияи матни худ, аслан баъд аз қироат ва шарҳи комили достон оғоз мешавад. Таҷриба нишон дод, ки агар ҳар фасли достон сужети муайян дошта бошанд, метавон марҳалаҳои охирро дар онҳо низ татбиқ кард. Масалан, вобаста ба фасли «Гуфтор андар размй Сӯҳроб бо Гурдофарид» марҳалаи сеюму чаҳоруми МБ-ро метавон иҷро кард. Баъд аз қироат ва шарҳи калимоту ибораҳои душвор, ки ба марҳалаи аввал мансубанд, хонандагон матни фасли мавриди назари достонро шарҳу тафсир мекунанд, ки марбут ба марҳалаи дуюм, яъне баҳодиҳӣ ба матн аст. Тағйир додани матн ба марҳалаи сеюм вобаста аст. Озмоиш нишон дод, ки дар ин марҳала хонандагон ба матни достон вобаста ба дарку ҷаҳонбинии худ тағйироте дар матни достон ворид мекунанд. Аз ҷумла раванди воқеаҳоро дигаргун мекунанд. Чунончи, дар дарси озмоишӣ баъзе хонандагон (аз ҷумла духтарон) Гурдофаридро ошиқи Сӯҳроб муаррифӣ карданд, ки дар охири кор ӯро ба падараш Рустам мерасонад.

Дар ин марҳила салоҳияти эҷодкории хонандагон равнақ меёбад ва онҳо вобаста ба тахайёлоту пиндорҳои худ тағйироте дар раванди воқеаҳои достон ворид мекунанд. Мақсад аз ин амал ташаккул додани салоҳияти мустақилӣ, эҷодкории хонандагон аст, вале дар ҷаҳон касе нест, ки ба «Шоҳнома» чизи наве ворид карда тавонад. Дар марҳалаи чаҳоруми МБ, ки таҳияи матни худ аст, хонандагон бояд бардошти худро аз достон (ё фасле аз достон) ба таври хаттӣ пешниҳод намоянд. Мақсад аз ин марҳила ташаккул додани салоҳияти эҷодкорӣ ва нутқи хаттии хонандагон аст. Ин супоришро хонандагон метавонанд ба шакли эссе пешниҳод кунанд. Аммо ин эссе набояд монанди иншо баёнгари мазмун ва ё таҳлили образҳои достон (ё фасле аз достон) бошад. Хонанда бояд аз ғояи достон илҳом гирад ва ин

ғояро дар асоси воқеоти замони муосир бо тахайюлоти худ обу ранг диҳаду ба шакли хаттӣ пешниҳод намояд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки яке аз мактабҳои таҷрибавии ДДОТ ба номи С. Айнӣ аст, ҳангоми таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курси чаҳоруми факултети филологияи тоҷик таълими «Достони Рустаму Сӯҳроб»-ро вобаста ба муносибати босалоҳият дар синфи 8 таҷриба гузаронидем. Муаллимаи мактаб С. Худоёрова қаблан хондани достонро ба хонандагон супориш дода буд ва худ раванди дарсро назорат мекард. Таҷрибаомӯз Соҷидаи Валӣ (донишҷӯи соли чаҳоруми факултаи филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ) ба сифати муаллими фан дарс мегуфт. Ҳарчанд на ҳама хонандагон матни достонро пурра хонда буданд, аммо ҳама аз сюжети достон бохабар буданд, зеро филми «Рустаму Сӯҳроб»-ро тамошо карда буданд. Дарс хеле шавқовар гузашт, хонандагон иштироки фаъол доштанд. Камбудии дарс дар он буд, ки ҳангоми саволу ҷавоб хонандагон бештар такя ба филми достон менамуданд, вале онҳое, ки достонро хонда буданд, ҷавоби аниқу пухта медоданд. Дар марҳалаи севум, ки тағйири матн аст, яке аз хонандагон вобаста ба тахайюлоту хоҳиши худ фасли махсусе ба достон илова кардааст бо унвони «Ёфтани Сӯҳроб падари худро». Аммо тахайюлоти ӯ такя ба филм аст, на ба матни достон. Дар фасли иловашуда хонанда раванди воқеаро чунин тағйир дода, ки Гурдофарид пеш аз кушта шудани Сӯҳроб ба размгоҳ меояд ва ба Рустам мегӯяд, ки Сӯҳроб писари ӯст. Баъд аз он Сӯҳробу Рустам аз Афросиёбу Кайковус қасос мегиранд. Сӯҳроб шоҳи Эрону Туронро мекушад ва подшоҳи ҳар ду кишварро ба Рустам медиҳад ва худаш ба Гурофарид хонадор мешавад. Хонандаи мазкур дар марҳалаи чаҳорум, ки таҳияи матни худ аст, ин фантазия худро дар шакли хаттӣ пешниҳод намуд. Хонандагони дигар низ ба ҳамин монанд ба матни достон тағйирот ворид кардаанд. Дар эссеи аксари хонандагон Рустаму Сӯҳроб якдигарро меёбанд ва Гурдофариду Сӯҳроб хонадор мешаванд. Гарчанде матнҳои пешниҳоднамудаи хонандагон дорои нуқсу камудиҳо буд, вале мақсади асосӣ ҳосил шуд. Хонандагон тавонистанд нуқтаи

назари худро нисбат ба достон баён кунанд ва салоҳияти мустақилона андешиданро ба даст оварданд.

Ҳамин гуна тахайюлоти хонандагонро, ки мехоҳанд падару писар якдигарро ёбанд ва қаҳрамонҳои асосӣ ба мақсад расанд дар дарси озмоиши Литсейи “Раҳнома” мушоҳида намудем, вале эссеи навиштаи хонандагони Литсей ба маротиб аз хонандагони мактаб беҳтар буд. Хонандагони Литесейи “Раҳнома” дар марҳалаи севуми ҳангоми тағйири матн ба ҳамин монанд тағйирот ворид карданд, аммо дар эссеи навиштаи онҳо таҳлили образҳои асосӣ, монанди Сӯҳробу Гурдофарид барҷастатар ба назар расид. Ин хонандагон ҷанбаи ватандӯстии қаҳрамонҳоро вобаста ба замони муосир алоқамандона баён кардаанд, ки нишондиҳандаи салоҳияти эҷодкории онҳост.

Дигар асарҳои ҳамосии манзум, ки дар барномаи мактаб пешниҳод шудааст, монанди достонҳои «Хамса»-и Низомӣ, «Дувалронӣ ва Хизрхон»-и Амир Хусрав, «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва аз адабиёти давраи нав «Ғалабаи Таня»-и Аблқосим Лоҳутӣ, «Ҳасани аробакаш»-и М. Турсунзода, «Исёни хирад»-и М. Миршакар, «Суруши Сталинград»-и М. Қаноат ва монанди онҳоро ҳамин тавр бо риояи талаботи МБ метавон таълим дод.

## ХУЛОСАИ БОБИ III

Таҳқиқи ҷанбаҳои назарию методӣ ва озмоиши амалии таълими осори манзуми ҳамосӣ дар шароити МБ дар муассисаҳои таҳсилот миёнаи умумии нишон дод, ки дар курси хониши адабӣ (синфҳои 5-7) на достонҳои комил, балки достону ҳикоятҳои нисбатан хурд аз достонҳои бузургҳаҷм монанди ҳикояти «Хайру Шар» аз достони «Лайлию Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ, ки сюжети мустақил доранд, таълим додан мувофиқи мақсад аст. Хонандагон дар ин синну сол имкони фарогирии тамоми паҳлӯҳои назариявии достонҳои муҳташамро надоранд. Раванди дарс бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки имкони ташаккул ва такомули салоҳиятҳо дар хонандагон зина ба зина ба амал ояд. Иҷрои талаботи МБТ ҳангоми таълими осори манзуми ҳамосӣ имкон медиҳад, ки хонандагон ҳам дониш андӯзанд ва ҳам дониши гирифтаашонро дар амал татбиқ намоянд.

